# НАВРӮЗ БАРОИ МО РАМЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ДӮСТИВУ МУҲАББАТ МЕБОШАД

## Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ

**20.03.2025, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Фарорасии ҷашни Наврӯзи байналмилалиро ба ҳамаи шумо-мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Орзумандам, ки рӯзу рӯзгоратон аз файзу баракати ин ҷашни зебои табиат ҳамеша пур аз шодиву нишот бошад.

Наврӯз ҷашни бузурги миллии мо-тоҷикон ва оғози соли нави аҷдодӣ аст, ки ба пешвози фарорасии он табиат ва тамоми мавҷудоти олам эҳё мешавад ва дар ҷону руҳи инсонҳо умед ба зиндагӣ ва дӯст доштани он дигарбора зинда мегардад. Яъне, Наврӯз айёми гузариш ба фасли нави зиндагӣ, пирӯзии гармӣ бар сардӣ, ҷашни равшанӣ ва нур, дӯстиву муҳаббат, шодиву хурсандии ҳамагонӣ ва шукуфтани орзуҳо мебошад.

Аҷдоди фарҳангиву тамаддунсози мо тавонистаанд, ки ҷашни Наврӯз ва расму оинҳои онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳифзу нигоҳдорӣ карда, то ба рӯзгори мо расонанд.

Наврӯз, ки решаҳои он аз суннатҳои фарҳангии ниёгони мо сарчашма мегиранд, рамзи эҳтиром ба табиат, арҷгузорӣ ба арзишҳои инсондӯстона ва қаробату ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад.

Ин ҷашни зебои табиӣ дар раванди рушди таърихӣ бо ҳикмату фалсафаи инсонпарваронаааш ба тамаддуну фарҳангҳои дигар таъсири амиқ расонида, аз ҷониби халқу миллатҳо тадриҷан пазируфта шудааст. Яке аз омилҳои ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани Наврӯз маҳз аз ҳамин иборат аст.

Бояд гуфт, ки маҳз унсурҳои неку писандидаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Наврӯз ва ҳамоҳангӣ бо табиат инсонҳоро ба ҳам меоваранд, муттаҳиду муттафиқ месозанд, муносибати байни онҳо ва вазъи руҳии онҳоро дар ҳоли эътидолу оромӣ ва шодиву сурур нигоҳ медоранд. Зеро ҳамаи оинҳои наврӯзӣ дорои аҳаммияти инсондӯстона, ҳикмати рӯзгор ва ташвиқи ҳаёти орому осоиштаи аҳли башар мебошанд.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ва мардуми покниҳоду фарҳангпарвари он меросбари ҳақиқии ин ҷашни оламгир эътироф шудаанд, зеро тамоми суннату оинҳои инсонпарваронаи Наврӯз маҳз дар сарзамини аҷдодии мо ва дар тамоми қаламрави кишвари биҳиштосоямон поку беолоиш ҳифз гардидаанд. Яъне, Тоҷикистони маҳбуби мо воқеан, Ватани аслии Наврӯз аст.

Маҳз расму оинҳои инсонпарваронаи Наврӯз ва дигар ҷашнҳои ориёӣ, аз ҷумла, Сада, Тиргон ва Меҳргон, ки дар кишвари мо аз баракати соҳибистиқлолӣ эҳё гардидаанд, омили пойдориву мондагории арзишҳои милливу фарҳангӣ ва илмиву адабии мардуми ориёитабор дар саҳифаҳои таърих мебошанд.

Бинобар ин, ҳар як фарди ватандӯст ва бонангу номус дар ҳифзи ин суннату анъанаҳо ва баргузории шоистаи ҷашнҳои бостонии мардумӣ бояд саҳмгузор бошад.

Наврӯз дар Ватани маҳбубамон-Тоҷикистон на танҳо ҳамчун ҷашни фарҳангиву мардумӣ, балки ба сифати суннати муҳимми эҳёи табиат ва талош барои фаровонӣ азизу гиромӣ дониста мешавад. Яъне, Наврӯз ҷашни пайванди инсон бо табиат буда, одамонро ба амалҳои созандаву ободгарона талқин мекунад ва ба онҳо илҳому неру мебахшад. Ин аст, ки мардуми заҳматпешаи мо баъд аз ҷашни Сада ва дар арафаи Наврӯз тибқи анъанаи гузаштагонамон омодагиро ба корҳои бунёдкорӣ, аз ҷумла, кишоварзӣ ва ниҳолшинонӣ вусъат мебахшанд.

Доир ба ин масъала, ман зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018 – 2028» гуфта будам, ки дар доираи иҷрои «Барномаи кабудизоркунии табиати кишвар то соли 2040» бояд зиёда аз ду миллиард бех ниҳол шинонида шавад.

Ҳоло таъкид менамоям, ки маҳз айёми Наврӯз-замони эҳё гардидани табиат барои татбиқи ин ҳадафи бузург фурсати бисёр муҳим мебошад.

Яъне, ҳамаи моро зарур аст, ки рӯзҳои мусоиди баҳорро ҷиҳати ободу зебо ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвари биҳиштосоямон самаранок истифода барем.

Ҳамватанони мо хуб медонанд, ки солҳои охир бар асари мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла, тағйирёбии иқлим вазъи ҷаҳон торафт мураккабу бӯҳронӣ гардида, амнияти озуқаворecho кишварҳоро тахти хатари ҷиддӣ қарор дода истодааст. Чунин шароит моро водор месозад, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса дода, барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ беш аз пеш кӯшиш намоем ва тамоми захираву имкониятҳои мавҷударо ба ин самт равона созем.

Аз ин рӯ, кишоварзони мамлакат ва ҳамаи онҳое, ки дар ихтиёри худ як порча замин доранд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди баҳорӣ самаранок истифода карда, гирифтани се-чор ҳосилро таъмин намоянд ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоиро афзоиш диҳанд. Ҳар як оилае, ки соҳиби замини Президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошад, бояд ҳар ваҷаби онро барои таъмини оилаи худ бо озуқаворӣ ва захираи маводи ғизоӣ самаранок истифода намояд.

Мардуми азизи Тоҷикистон тибқи суннатҳои неки Наврӯзи аҷдодӣ ба истиқболи ин ҷашни фархунда макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либоси худро тозаву озода ва нав мекунанд, кинаву адоватро аз қалби худ пок месозанд ва ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду пурмеҳр табрик мегӯянд.

Ҳамдиёрони мо дар ин айём, ҳамчунин, амалҳои хайру савоб, аз ҷумла, кумаку дастгирии ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзмандонро анҷом медиҳанд.

Моро зарур аст, ки бо Наврӯзи аҷдодиамон, ки ҷашни байналмилалӣ эълон гардидааст, ифтихор намоем, онро азизу гиромӣ дорем. Зеро ҷашни **Наврӯз барои мо рамзи ваҳдати миллӣ ва дӯстиву муҳаббат** буда, дирӯзу имрӯз ва фардои мо-мардуми ориёитаборро ба ҳам мепайвандад.

Бовар дорам, ки Наврӯзи оламафрӯз ва Соли нави аҷдодӣ бо қадамҳои некаш ба хонадони мардуми бонангу номус ва фарҳангдӯсту сулҳпарвари тоҷик саломативу хушҳолӣ ва фатҳу кушоишҳои нав меоварад.

Мо бояд ҳар рӯзи баҳорро барои ниҳолшинонӣ, тозаву озода кардани ҳар як хонаву кошона ва сарсабзу хуррам гардонидани маҳалли зисти худ, созандагиву ободонии Ватани азизамон ва заҳмати аҳлонаи хурду бузурги кишвар истифода барем.

Мо сарзамини аҷдодиамонро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо дастони худамон обод месозем, давлати соҳибихтиёрамонро неруманду пешрафта мегардонем, коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд мекунем ва барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё менамоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки мардуми мо ҳама гуна ҷашну хурсандӣ, хусусан, Наврӯзро бо хонаи тозаву озода, зоҳири зебову ороста ва ботини поку беолоиш истиқбол мегиранд.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки тоҷикон дар байни мардумони ҷаҳон ҳамчун миллати фарҳангӣ шинохта ва эътироф шудаанд. Мо бояд номи неки миллати фарҳангиро бо одоби баланди инсонӣ ва маданияти либоспӯшӣ дар ҳама ҷо, бахусус, ҳангоми ба пойтахт омадан ва сафар ба кишварҳои дигар пос дорем.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки айёми Наврӯз беҳтарин фурсат барои баргузории ҳар гуна ҳамоишу озмунҳо ҷиҳати таблиғу муаррифии либосҳо ва таомҳои миллӣ мебошад. Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки дар байни мардуми мо забҳи чорво барои гузаронидани чорабиниҳои наврӯзӣ роиҷ нест.

Ин ҷашнро гузаштагони мо бо омода кардани таомҳои миллӣ аз гиёҳҳои шифобахши диёри биҳиштосоямон ва бо риояи қоидаҳои сарфаю сариштакорӣ баргузор менамуданд. Дар ин раванд, мо бояд ба тарбияи фарзандон аз хурдсолӣ ва ба камол расонидани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи асри пешрафти илму техника ва технологияҳо диққати аввалиндараҷа диҳем.

Бо итминон ба ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстии мардуми сарбаланди кишвар изҳор менамоям, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва минбаъд низ мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти содиқона Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо мегардонем ва эътибору обруи онро дар ҷаҳон баландтар мебардорем.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар тамоми мардуми азизи Тоҷикистонро ба ифтихори ҷашни Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзӣ саломатӣ, хонаи обод, бахту иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак бод, ҳамватанони азиз!**

# НАФАСИ ТОЗАИ НАВРӮЗ МУБОРАК БОШАД!

## Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз



**Устодон ва шогирдони арҷманд!**
**Муҳтарам аҳли маориф ва илми кишвар!**

Тоҷикистони соҳибистиқлолу шуҳратёри мо боз дар оғӯши зеботарин фасли сол – баҳори оламоро қарор дорад. Хушо, ки мо, ҳамагон, ба баҳори нав, ки ба таъбири устод Рӯдакӣ “бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб” омадааст, расидем ва Ватани азизамонро бештар сарсабзу хуррам мебинем.

Баҳор фасли шодию нишот, фасли дилрабою мушкбез буда, тавъам ба эҳёи табиат аст ва ба мардум неруи тозаю фараҳмандӣ эҳдо мекунад. Дар ин айёми дилписанд яке аз ҷашнҳои бостонию маъруф ва пуршукӯҳи тоҷикон-Наврӯзи ҷаҳонафрӯз таҷлил мешавад. Наврӯз дар қатори Меҳргону Тиргону Сада аз бостонитарин ҷашнҳои ниёгони баруманду маърифатоини мост ва пайванди ногусастанӣ ба табиату воқеият дорад. Муҳимтар аз ҳама, ин фархундаҷашн мубаллиғу ифодагари дӯстию рафоқат, сулҳу ваҳдат, ростию покизагӣ ва бахту саодат буда, одамонро ба ҳаётдӯстию накукорӣ даъват менамояд. Наврӯз ҷавонии ҷаҳон ва тантанаи ҳусну зебоист ва аз ин ҷост, ки гузаштагони суханварамон бо эҳсосоти баланд ва бо камоли шодию нишот садо додаанд:

**Ҷаҳон аз боди наврӯзӣ ҷавон шуд,**
**Зиҳӣ зебо, ки ин соат ҷаҳон шуд!**

Наврӯзи хуҷастаи тоҷикон, ки ба гувоҳии аҳли таҳқиқ, умри беш аз шашҳазорсола дорад, аз муътабартарин суннатҳои ниёгонамон ба шумор меравад ва дар дарозои асрҳо ба вартаю монеаҳои зиёде дучор омада бошад ҳам, чун аз оғоз муҳтавои адолатпарваронаю хайрхоҳона насибаш гаштааст, пойдору устувор боқӣ мондааст ва гузашта аз ин, боз ҳам такмил ёфтаю ҷилою тобиш ва моҳияту аҳамияташро марҳала ба марҳала афзудааст ва то замони мо расидааст.

Истиқлоли давлатӣ барои эҳёи комил ва тантанаи фарогири ин ҷашни хуҷаста шароити созгор ва имконоти васеъ фароҳам овард. Муҳимтар аз ҳама, Наврӯз ба як рукни Истиқлоли давлатӣ ва ба далели барҷастаи дорои фарҳанги воло будани тоҷикон табдил ёфт. Барои ба тавri шоиста арҷгузорӣ кардан ба Наврӯзи ҷаҳоноро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун эҳёгару посдори арзишҳои миллӣ хидмати бузургу мондагор карданд. Сарвари кишвар Наврӯзро “шиносномаи миллат” номида, афзудаанд: “Ҷашни Наврӯз барои миллати фарҳангдӯсту тамаддунсоз ва хуршедпарвари мо дар ҳамаи давру замон муқаддас буд. Аҷдоди мо, ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ, ки аҷнабиён Наврӯзи Аҷамро мамнуъ эълон карда буданд, онро чун иди зиндагисоз ва ҷавобгӯи орзуву ормонҳои деринаашон ба ҳар роҳу восита ҳифз менамуданд ва гиромӣ медоштанд”.

Паёмади гиромидошти ҳамагонии Наврӯз ва посдории суннатҳои дерини инсонгароёнаи он буд, ки соли 2010 бо қарори бонуфузтарин ташкилоти ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид дар заминаи пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чанде аз мамолики ҳамсояи мо ин ҷашни шукӯҳманд ба Феҳристи арзишмандтарин мероси фарҳангии башарият ворид карда шуд ва 21 март – Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон гардид. Ҳамакнун,

Наврӯз дар паҳнои ҷаҳон барои рушду такомули робитаҳои фарҳангию маънавӣ, таҳкими ҳусни тафоҳум байни халқу миллату давлатҳо, тантанаи сулҳу ваҳдату дӯстӣ, ҳамдилию ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди бештари тамаддуни башарӣ нақши боз ҳам боризтар мебозад. Наврӯзи ҷаҳонӣ бо бисёр расму оин ва анъанаҳои нек ҳамбастагӣ дорад. Ба ифтихори фаророрасии он мардум ҳашарҳо баргузор намуда, хонаю ҳавлӣ, гирду атроф ва маҳалли зисти худро тозаю пероста мекунанд, ба ҳамдигар таманниёти нек изҳор медоранд, ба аёдати беморону куҳансолон мераванд, дар маросими суманакпазию гулгардонӣ иштирок менамоянд ва даст ба бисёр амалҳои неки дигар мезананд. Наврӯз бо кинаю адоват, бевафоию хиёнат ва бо ҳар гуна аъмоли бад ҳаргиз созишу иртибот надорад ва аз ин ҷост, ки ба пешвози Наврӯз одамон ба ҳам оғӯш боз мекунанд, агар дар давоми сол ноҷӯрие, ихтилофе байнашон буд, аз ҳам бахшиш мепурсанд, аз дилҳо кинаю ғаразу адоватро дур меандозанд, зеро:

**Ғаразҳо тира доранд дӯстиро,**
**Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?!**

Боз як анъанаи хуҷастаи наврӯзӣ ба ҳам таманниёти нек кардан ва бахту барор хостан аст ва албатта, ин аз беҳтарин анъанаҳои марбут ба ҷашни бостонист. Биёед, ба поси ин ҳама русуми волои наврӯзӣ ҳамдигарро бо дили соф, самимона ба ифтихори фаророрасии ҷашни бостониамон табрику таҳният бигӯем ва ба ҳам орзуҳои нек арз бикунем.

Орзумандем, ки ба шарофати Наврӯзи покниҳоди навин соҳаи маорифи ҷумҳурӣ бештар рушд ёбад, омӯзгорони азиз посдори пешаи пуршарафи худ бошанд ва дар арсаи таълиму тарбияи насли наврас дар ҷодаи ватандӯстию ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои муқаддаси миллӣ ба комёбиҳои тоза ба тоза шарафёб гарданд.

Ҳамаи шумо – сокинони шарафманди кишвар ва аз ҷумла, аҳли илму маорифи мамлакатро ба муносибати даррасидани қадами муборaку эҳсоси нафаси гарми Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям. Таманнои онро дорам, ки Ватанамон боз ҳам ободу зебо, фаъолиятамон пурсамар, рӯзгорамон тинҷу осуда, дилҳоямон покизаю соф, ботину зоҳирамон озодаю зебо ва муҳитамон ҳамеша лабрез аз шодию фараҳ бошад.

**Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад,**
**Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!**



## МУАЛЛИМ

Меҳри ту бошад фурӯғи рӯзу моҳу соли мо,
Номи ту дар сархати шаҳномаи иқболи мо.
Эй муаллим, дарси ту дарси наҷоти зиндагист,
Ҳарф-ҳарфи ҳикматат бодо пари шаҳболи мо.

Ҳар каломат аз саодатҳо бувад пайғоми мо,
Аз фурӯғи нури ирфони ту равшан шоми мо.
Раҳнамои умри мо, дасти балогардони туст,
Фазлу одобу футувват аз ту шуд инъоми мо.

Дар дили мо шуълаи завқи ҳавас афрохтӣ.
Ҷони моро бо фари Додор аз нав сохтӣ.
Фазлу илм оби бақо буду ту онро бо чи меҳр,
Қатра-қатра бар дилу бар коми мо андохтӣ.

Ин ту ҳастӣ оқилу фарзонаву меъмори илм,
Кохи ҳикмат бо ту подор аст, эй девори илм.
Қадри ту аз Каҳкашони осмон болотар аст,
Зиндагиро кардаӣ равшан ту аз изҳори илм.

Ту ба мо омӯхтӣ суду зиёни зиндагӣ,
Рамзу рози зиндагониву забони зиндагӣ.
Аз ҷаҳони поку зебоят ба мо гардад аён,
Ҳусни зебову шикебои ҷаҳони зиндагӣ.

Ҷони мо аз меҳри ту саршор бодо то абад,
Бо садоят қалби мо бедор бодо то абад.
Роҳи моро кардаӣ ҳамвор бо ҷаҳду ҷадал,
Роҳи бахту толеат ҳамвор бодо то абад!

**Рӯдобаи МУКАРРАМ**

**Дилафрӯз Қурбонзода,**
**“Маърифати омӯзгор”,**
**Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# МОДАРОНУ БОНУВОН ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ИНСОНСОЗ

**Андешае чанд дар партави суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмааи давлатии “Кохи Борбад” дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати Рӯзи Модар**



Мехоҳам ин матлабро бо каломи гуҳарбори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: “Ман нақши модарону бонувони тоҷикро аз оғози фаъолияти сиёсии худ то имрӯз бениҳоят баланд арзёбӣ менамоям”, оғоз кунам. Албатта, ин ниятам бесабаб нест, зеро Президенти ҷумҳурӣ аз рӯзҳои нахустини сарварӣ баланд бардоштани мақоми занону бонувонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор доданд. Аз ҷумла, Роҳбари давлат дар Анҷумани сеюми иттиҳодияи занон ва созмонҳои ғайриҳукуматии занони кишвар соли 1997 чунин таъкид карда буданд: “Ҷомеае, ки ба зан-модар ғамхорӣ менамояд, ба ояндаи худаш ғамхорӣ мекунад. Давлате, ки нисбат ба зан-модар-сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад”.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд, ки мақом ва мавқеи занону бонувонро дар ҷомеа ба маротиб устувор гардониданд. Дар радифи санадҳои муҳимтарин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан

## САТРҲОИ МИННАТДОРӢ

дар ҷомеа" мебошад, ки дар таърихи давлатдории мо-тоҷикон ҷойгоҳи хоссаи худро дорад. Қабули санадҳои дигар, аз қабили Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010", "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" ва ғайра, боз ҳам далели возеҳи дастгириву ғамхориҳои беназири Пешвои муаззами миллат ба модарону бонувони кишвар мебошад.

Ҷиҳати қадрдонии бештар аз заҳамоти занони сарбаланди тоҷик бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 8-уми март Рӯзи Модар эълон гардида, ҳамасола дар тамоми манотиқи кишвари азизамон бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад.

Имсол низ ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати Рӯзи Модар дар маҷмааи давлатии Кохи Борбад дар сатҳи хеле баланду хотирмон баргузор шуд, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд. Зимни суҳбати самимӣ бо аҳли нишаст Сарвари давлат қайд карданд, ки бо шукӯҳу шаҳомат ва бо камоли қадршиносӣ таҷлил намудани ин ҷашн нишонаи эътибору эҳтироми хоссаи давлату Ҳукумати мамлакат нисбат ба модарону бонувони азиз мебошад.

Президенти кишвар аз саҳми арзандаи занони фаъолу пешқадами ҷумҳурӣ дар ободию сарсабзии Ватан ёдовар шуда, гуфтанд, ки мо ба нақши модарону занон дар рушди ҷомеа, пешрафти давлат, ободии Ватан, бунёди оилаи солиму хушбахт, тарбияи фарзандони солеҳ ва афзоиши шаъну эътибори ҳар як хонадони тоҷик ҳамеша арҷ мегузорем ва хидматҳои таърихии онҳоро доим гиромӣ медорем. Ҳунару истеъдод, саъю кӯшиш, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарон шоистаи таҳсин буда, онҳо метавонанд дар оянда дар татбиқи сиёсати давлат, пешрафти ҷомеа ва ободии Ватани маҳбубамон саҳми боз ҳам бештар гузоранд.

Сипас, Пешвои миллат ба саҳми занону бонувон дар пешрафти маориф таъкид намуда, чунин изҳор доштанд:

- Солҳое, ки ман дар мактаби миёна мехондам, ҳамагӣ 3-4 бонуи омӯзгор дар мактаби мо кор мекард. Ё баъдтар дар хоҷагӣ кор кардам, вазъият аз ин ҳам бадтар буд. Дар ҳамон давра занони маълумоти олидор дар баъзе минтақаҳо умуман набуданд ё ангуштшумор, яъне, бениҳоят кам буданд. Ҳоло дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти умумӣ беш аз 80 фоизи омӯзгорон бонувон мебошанд. Хатмкунандагони мактабҳое, ки аксари омӯзгорон дар онҳо бонувон мебошанд, қариб 100 фоиз ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва хориҷ аз он дохил мешаванд.

Нуктаҳои зикркардаи Сарвари давлат боиси ифтихору сарфарозии аҳли маориф, хусусан, омӯзгорбонувон мебошад, зеро чунин баҳои баландро аз ҷониби Пешвои маҳбуби кишвар сазовор гардидан осон нест, он танҳо дар натиҷаи заҳмату талошҳои беҳисоб ба даст меояд. Дар соҳаи маориф, дар баробари таълиму тарбияи насли наврас, занону бонувони фаъоли зиёде ҳамчун роҳбар кор мекунанд. Ногуфта намонад, ки дар дигар соҳаҳо низ занону бонувон бо пайравию ҷонибдорӣ аз сиёсати хирадмандонаву маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди созандагию ободкории диёри азизамон бо муҳаббату садоқати бекарон заҳмат мекашанд.

Яке аз лаҳзаҳои хотирмону ҷолибтарин дар ин чорабинии сатҳи баланд тақдими аввалин нусхаҳои нашри пурраи «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ мебошад, ки то дергоҳ дар ёди иштирокдорон - модарону бонувон ҳамчун рӯйдоди фараҳбахшу ширине боқӣ хоҳад монд.

Сарвари давлат зимни эҳдои ин туҳфаи гаронбаҳо иброз доштанд, ки тақдим кардани ин шоҳасари ҷовидонӣ ба шумо бесабаб нест. Модари тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллат ҳазорон нафар родмардон, нобиғаҳову шахсиятҳои барҷастаи илму адаб ва қаҳрамонону паҳлавононро ба дунё овардаву

ба камол расонидааст. Дар адабиёти ғановатманди мо байти машҳуре ҳаст, ки мегӯяд:

**Ҳар он кас, ки шаҳномахонӣ кунад,**
**Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.**

Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурӣ дар идома афзуданд: Як нуктаи бисёр муҳимро дар ин самт мехоҳам махсус таъкид намоям, ки дар байни наврасону ҷавонони мо, хусусан, духтарон, ки муносибати ҷиддии модарону бонувони моро дар масъалаи китобхонии фарзандон нишон медиҳад, истеъдодҳои нодир ба воя расида истодаанд, ки мо бояд ба онҳо ғамхорӣ кунем, кумак расонем ва ҳамаҷониба ҳавасманд гардонем. Ёдовар бояд шуд, ки калонсолон, бахусус, падару модарон низ бояд пайваста китоб хонанд, ҷаҳони маънавии худро ғанӣ гардонанд, донишу ҷаҳонбинии хешро барои тарбияи дурусти фарзандон истифода баранд ва бо ҳамин роҳ дар соҳибмаърифат гардидани фарзандон саҳм гузоранд...

Ин ҳама таваҷҷуҳу ғамхорӣ ва дилсӯзиҳои падаронаи Пешвои маҳбуби мо ба наврасону ҷавонон аз чӣ дарак медиҳад? Ин ҳама роҳнамоиҳои ҳакимонаро сабаб чист? Ба хотири он ки дар вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон-дар айёми ҷаҳонишавӣ фарзандони мо, хусусан, духтаромонамон таҳсил намуда, соҳибҳунару соҳибкасб гарданд, роҳу равиши дурусти зиндагӣ ва дар ҷомеа ҷойгоҳи шоистаашонро пайдо намоянд, то зиндагии роҳате дошта бошанд. Ин мақсаду мароми доимии Президенти мардумпарвари мо мебошад, ки дар тӯли фаъолияти роҳбарии сиёсии хеш онҳоро дар амал татбиқ кардаанд ва имрӯз мо  самараи заҳмату талошҳои бесобиқаашонро мебинем.

Фарзанди фарзонаи миллат, Сарвари давлатамон чунин изҳор доштанд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтар баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти олӣ соҳиби маълумоти олӣ ва касбу ҳунар гардидаанд. Ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ва 13 ҳазор нафар дар кишварҳои хориҷӣ ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар машғуланд.

Ҳамчунин, қайд карданд, ки аз оғози таъсиси Квотаи Президентӣ зиёда аз 14 ҳазор нафар духтари боистеъдоди мо, бахусус, аз ноҳияҳои дурдаст муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро бо истифода аз ин имконият хатм карда, ҳоло дар соҳаҳои гуногун ба нафъи давлату ҷомеа фаъолият доранд.

Гуфта шуд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 680 ҳазор нафар духтару бону ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳиби касбу ҳунар гардидаанд. Тавре шумо медонед, мо ҳар сол дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ барои соҳиб шудан ба стипендияи Президенти мамлакат озмун доир мекунем, ки духтарон барандаи қисми зиёди он мешаванд. Масалан, натиҷаи озмун барои соли таҳсили 2024-2025 нишон дод, ки аз 3000 нафаре, ки барандаи стипендияи Президентӣ шуданд, 1860 нафар ё 62 фоизро духтароне, ки танҳо бо баҳои «аъло» таҳсил мекунанд, ташкил додаанд. Илова бар ин, барои дастгирӣ ва ҳавасманд намудани донишҷӯдухтарон стипендияи Президентӣ, стипендияҳои номӣ, стипендияҳои Кумитаи кор бо занон ва оила, дигар мақомоти марказӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таъсис дода шудаанд.**Натиҷаи чунин дастгириву ғамхориҳои давлату Ҳукумат аст, ки ҳоло дар муассисаҳои соҳаи маориф аз ҳисоби занон 11 академик, 84 профессор, 131 доктори илм, 1000 номзади илм ва 608 дотсент фаъолият дорад...**

Дар фарҷом, ҳаминро хотиррасон карданӣ ҳастам, ки маҳз дар партави таваҷҷуҳу ғамхориҳои пайвастаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз занону бонувони тоҷик дар тамоми арсаҳо, дар зинаҳои гуногуни роҳбарӣ фаъолияти пурбор дошта, паҳлу ба паҳлу бо ҷавонмардони сарбаланди диёр дар ободию сарсабзии Ватани азизамон саҳми шоиста мегузоранд. Ҳамчунин, ҷавобан ба ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати ҷумҳурӣ модарону занони саодатманди тоҷик аз рӯзҳои нахустин сиёсати пешгирифтаи Сарвари кишварро дар ҳифзи сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳамдилию сарҷамъии халқ, пойдории истиқлолу озодӣ на фақат содиқона дастгирӣ намуданд, балки барои амалӣ гардидани мақсаду ҳадафҳои созандаи Роҳбари давлати соҳибистиқлоламон фарзандона хидмат мекунанд.

**Баҳром ШАРАФЗОДА,**
**муовини раиси шаҳри Роғун**



# ТАШАББУСҲОИ МАОРИФПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

***Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф дар замони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, раванди созандагии маорифи мамлакат, таҳкими сиёсати маорифпарварӣ, инчунин, навовариҳо ва рушди маорифи миллӣ дар асоси омӯзиши як зумра маводи илмии дахлдор бо андешаҳои нав дар ин мақола дарҷ гардидааст.***

Дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самти маориф дар низоми идоракунӣ ва сиёсати давлатдории миллии мо аз муҳимтарин масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду инкишофи соҳаи илму маориф таҳаввулоту дигаргуниҳои ҷадид ба амал омадаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ҷомеаи мо ба мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва вазъи мураккаби сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид, ки омили асосии он ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ маҳсуб ёфта, ин ба рушди ҳамаҷонибаи иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсири манфии худро расонид. Вазъи ногувори иҷтимоию иқтисодии он замон, албатта, ба рушди низоми мориф низ бетаъсир набуд. Дар он давраи мураккаби сиёсӣ, соли 1992 дар Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ, муҳтарам Эмолалӣ Раҳмон раиси Шурои Олӣ инхоб шуд, ки ин рӯйдоди таърихӣ дар давлатдории навини тоҷикон саҳифаи навро боз карда, раванди созандагии давлати муосири тоҷикон ва таҳким бахшидани соҳаи маориф низ оғоз шуд. Албатта, бо ташаббуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” қабул шуд, ки ин як такони ҷиддӣ дар ташаккули маориф арзёбӣ мегардад. Дар қисми якуми моддаи 1-и қонуни мазкур маориф ҳамчун раванди бомароми таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки дар он соҳиби меъёри муайяни таҳсилот гардидани шаҳрвандро давлат муқаррар кардааст, дарҷ гардидааст. Ин қонун самтҳои асосии маорифро ба танзим дароварда, ҷойгоҳи маорифро дар сиёсати давлатӣ мушаххас муайян кард.

28 августи соли 1995 Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолони маорифи ҷумҳурӣ баён карданд, ки ба миён омадани ниёзи ҷиддии ислоҳоти маорифро, ҷиҳати дарёфти мароми Истиқлоли давлатӣ, талаби марҳилаи сифатан созандаи пешрафт, такмили низоми таълиму тарбия ва мактабу маориф дар заминаи сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқию фарҳангӣ ва бо дарназардошти имконияту тақозои даврони муосиру арзишҳои умумибашарӣ фаро расидааст [7]. Яъне, дар ин мулоқот маориф асоси воқеии рушди кишвар дониста шуда, зиёиёну аҳли маориф ба фаъолияти самаранок бахри такомули ин соҳа дар ҷомеа роҳнамоӣ карда шуданд. Ин буд, ки баътар, дар соли 1998 бо мақсади рушди илму маориф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника” қабул шуд.

Роҳбари давлат дар Паёми хеш соли 2002 бори дигар ба масъалаҳои маориф, таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисон таваҷҷуҳ карда, иброз доштанд, ки Ҳукумати мамлакат барои барқарор кардани инфраструктураи мактабҳои миёна, сохтмони мак-

табҳо, ҷиҳозонидани синфхонаҳо бо ҷалби ёриҳои башардӯстона миллионҳо доллар харҷ кардааст, вале ҳолати онҳо ҳанӯз дар сатҳи даркорӣ нест [4]. Аз ин рӯ, тавре мебинем, Сарвари кишвар дар ҳамон Паёмашон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, аз мушкилоти соҳа дар ҳамон давра, норасоии омӯзгорону мутахассисон, аз ҷумла, аз норасоии омӯзгорони забону адабиёти тоҷик, физикаю математика, забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, омода кардани мутахассисони баландихтисоси соҳа ба як қатор вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас пешниҳод карданд.

Раванди беҳтар гардонидани низоми маориф дар солҳои минбаъда низ идома ёфта, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 апрели соли 2004 ироа гардид, ки идома ва густариш додани ислоҳот дар соҳаҳои маориф ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ, ба муқаррароти тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридшуда, мутобиқ гардонидани фаъолияти онҳо бояд ба як ҳадаф тарбияи насли аз лиҳози дониш, кордонӣ, бофарҳанг ва ҷаҳонбинӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ ва аз нигоҳи ҷисмонӣ солим равона гарданд.

Дар заминаи ин, албатта, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз супоришҳои Президенти мамлакат дар низоми идораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, ки ба беҳбуд бахшидани соҳаи маориф таъсиргузор буданд. Дар ҳамон Паём Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа намудаанд, ки тарбияи кадрҳо, хусусан, барои соҳаи маориф, таъмини сифат ва сатҳи дониши кадрҳои омӯзгорӣ, дуруст ҷобаҷо кардани мутахассисони ҷавон ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои онҳо, пеш аз ҳама, дар деҳот аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарине мебошад, ки бояд ҳамеша дар маркази диққати вазорати маориф ва ҳукуматҳои маҳаллӣ қарор дошта бошад [5].

Бо дастгириҳо ва ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ дар мамлакат як зумра санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005, №395 "Дар бораи Барномаи давлатии рушди соҳаи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010", Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2006, №1698 "Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф" барои такмили соҳаи илму маориф қабул шуданд. Инчунин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008, №436 "Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015" ба тасвиб расид. Ҳамзамон, дар ин раванд Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №502 "Дар бораи стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дурахшандагон" ба тасвиб расид. Ҳамчунин, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2010 Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ таъсис дода шуд. Илова бар ин, бо мақсади танзим кардани қабули шаҳрвандон барои таҳсил дар хориҷи кишвар Муассисаи давлатии "Маркази барномаҳои байналмилалӣ" ба фаъолият оғоз кард, ки ин ҳам яке аз дастовардҳои муҳимми соҳаи маориф мебошад.

Самти асоситарини рушди маориф нигоҳ доштани фазои ягонаи таълим, таъмини ҳатмии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсил ва ба ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дастрас гардидани таҳсилот иборат мебошад [2]. Ба хотири мусоидат ба рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва баланд бардоштани сатҳи тафаккури техникиву технологӣ дар ҷомеаи мо соли 2010 Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон карда шуд [6]. Дар заминаи эълон гардидани соли мазкур дар ҷумҳурӣ чорабиниҳои мақсадноки илмию амалӣ доир гаштанд, ки ба ташаккули фарҳанги техникии ҷавонон таъсири муфид расониданд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014, №255 "Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул шуд, ки мувофиқи Фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504 муассисаи мазкур ба фаъолият оғоз кард. Ин иқдом дар соҳаи маориф ташаббуси таърихӣ буда, бори аввал дар даврони Истиқлоли давлатӣ барои дифои рисолаҳои илмӣ шуроҳои илмии миллӣ ва худи Комиссияи олии аттестатсионӣ таъсис дода шуд, яъне, ин иқдом низ аз ташаббусҳои мондагору маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди маорифи миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин давра, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №316 "Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" қабул гардида, дар ин санади соҳавӣ низоми миллии таҳсилоти томактабӣ дар чумҳурӣ муайян шуд. Инчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438 "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" қабул шудааст, ки ин барномаи давлатӣ зарурияти омӯзиш ва низоми методологии таълими забонҳои русӣ ва англисиро дар мамлакат муайян кардааст.

Соли 2022 дар Паём гуфта шудааст, ки дар ин давра дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимии нав ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гардид ва шумораи онҳо мутаносибан ба **144 ва 41** расонида шуд. Роҳбари давлат ироа доштанд, ки дар 31 соли Истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта, ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёна 2 миллиону 300 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд [3].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои ба ҳайси Роҳбари давлат фаъолият карданашон, дар соҳаи маориф тадбирҳои натиҷабахшро амалӣ карданд, ки дар ин давра соҳаи маориф ба дастовардҳои назарраси таърихӣ ноил гардидааст. Ин дастовардҳо, дар баробари таҳким бахшидани низоми давлатории миллӣ дар соҳаи илму маориф, барои рушди ояндаи ҷомеа ва давлати навини тоҷикон таъсири созандаи худро мегузорад.

Албатта, имрӯзҳо зери сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишвар бо ҳисси баланди миллӣ ва ифтихори ватандорӣ раванди созандагиҳои соҳаи афзалиятноки ҷомеа, яъне, маориф бо маром идома дорад. Метавон иброз дошт, ки иқдому ташаббусҳои бесобиқаи Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоию фалсафӣ, тарбиявӣ, илмию амалӣ ва тадқиқотӣ буда, дар заминаи онҳо анҷом додани тадқиқоти нави илмӣ, омода кардани мақолаҳои илмию оммавӣ, таҳияи рисолаҳои илмӣ, асару дастурҳои омӯзишӣ барои донишҷӯён ва аҳли илму адаб низ муофиқи мақсад мебошад.

**Адабиёт:**

1. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 январи соли 2024, №АП- 481. 01.01.2024, шаҳри Душанбе: http://khovar.ti.
2. Набиева Р. А., Зикриёев Ф. Б., Зикриёева М. Ф. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм, Душанбе, "Собириён", -2010. 245 с.
3. Паёми Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23.12.2022, шаҳри Душанбе: http://www.prezident.tj.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.04.2002, шаҳри Душанбе: http://www.prezident.tj.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30.04.2004, шаҳри Душанбе: http://www.prezident.tj.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 24.04.2010, шаҳри Душанбе: http://www.prezident@tj.
7. Шарифзода А. Маорифпарвар. Бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе,-2012. 338с.

**С. ДЕҲҚОНОВА,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики филиали Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон**

# ВАТАН, МАРЗИ САОДАТПАРВАРАТРО ПОС МЕДОРАМ!

Ҳамасола мо-мардуми шарафманду сарбаланди Тоҷикистон ироаи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии кишвар бесаброна интизор мешавем. Аз бахти баланди худ шукргузорем, ки Паёми навбатии Пешвои муаззами миллатро дар толори филиали Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон бо иштироки васеи устодону донишҷӯёни муассиса бо меҳру муҳаббати самимӣ тариқи оинаи нилгун тамошо кардем, ки саропо аз бахту иқбол ва гулгулшукуфоии Ватани азизамон - Тоҷикистон мужда медод. Зимин суханронии пурмуҳтавои хеш Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: **“Ман ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон эътимоди комил дорам, зеро ба иттиҳоду сарҷамъӣ, ваҳдати миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва саъю талоши хастанопазири ҳар фарди ҷомеа эътимоду итминон дорам”.**

Албатта, ватандӯстӣ ҳиссиёти мусбат, муносибати содиқонаву софдилонаи шахсият нисбат ба Ватан буда, дар хидмат кардан ва муҳофизати он ифода меёбад. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллатамон бори дигар сидқан дӯст доштани Ватани азизу маҳбубамон-Тоҷикистонро дар Паёми хеш иброз доштанд: **“Мо вазифадорем, ки ба хотири пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани аҷдодиамон ва мунтазам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии ҳар як хонадони мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳар рӯз ва ҳамеша саъю талош намоем”.**

Аз ин гуфтаҳои ҳикматбори Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки барои тараққиёт ва пешрафти давлати соҳибистиқлол, ободии Ватани аҷдодиамон-Тоҷикистон ҳар лаҳза кӯшиш намоем ва ҳатто, лозим шавад, ҷонамонро фидо созем, ки воқеан, хидмат ба Ватан қарзи фарзандии ҳар як шаҳрванд буда, далериву ҷасурӣ ва ҷавонмардии ҳар нафари бо нангу номусро талаб мекунад. Пас, мо-омӯзгоронро зарур ва ҳатмист, ки ҳарчи бештар ва хубтару саҳеҳтар дар фаъолияти омӯзгории худ мунтазам дар ниҳоди шогирдон эҳсоси ватандӯстӣ ва ғурури миллиро парвариш намоем, то ки наврасону ҷавонон ватандӯсту ватанпарвари воқеии миллати худ ба камол расанд. Меҳвари сиёсати инсондӯстонаи Пешвои миллатро арзишҳои олии меҳандӯстӣ фаро гирифта, Сарвари кишвари маҳбубамон дар китоби гаронарзиши хеш **“Уфуқҳои Истиқлол”** қайд кардаанд: **“Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аҳаммияти хос касб карда, ҳар як ҷавони бонангу номуси кишварро зарур аст, ки ба омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар машғул шавад, таърихи халқи худро азбар намояд, Ватанашро чун ҷон дӯст дорад, арзишу суннатҳои милливу фарҳангиро эҳтиром кунад ва худогоҳу худшинос бошад”.**

Имрӯзҳо агар ба тамоми гӯшаву канори Ватан назар афканем, хушбахтона, танҳо ободкориву созандагӣ ва гулгулшукуфоии беназири Тоҷикистони маҳбубамонро мебинему меболем, ифтихор мекунем ва шукронаи ғамхориҳои бевоситаи Пешвои миллатро мекунем. Хушбахту сарфароз аз онем, ки имрӯз ба бахти мо-модарони тоҷик тинҷиву оромӣ ҳукмфармо буда, субҳгоҳон бо дили пур, бо як неруи тозаву бузург дари хонаамонро боз менамоему дар фазои сулҳу субот фарзандонамонро ба дабистонҳо гусел менамоем. Албатта, ҳамаи ин аз осоишу амонӣ ва баракати соҳибистиқлолӣ, инчунин, аз сиёсати хирадмандона ва оқилонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад. Зимни иншои андешаҳои мазкур ба зеҳнам ин сатрҳои дилнишини Шоири халқии Тоҷикистон Толиби Озарахш омад, ки онро ҳамчун ҳусни анҷоми матлаб менависам:

**Ватан, марзи саодатпарваратро пос медорам!**
**Дару боми муҳаббатофаратро пос медорам!**
**Чу мероси ҳазоронсолаи таърихи инсонӣ,**
**Замину осмони бофаратро пос медорам!**

**Саодат САТТОРӢ,**
**омӯзгор**



# ТАШАББУСҲОИ ТАЪРИХИЮ МОНДАГОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Ҷумҳурии Тоҷикистон табиати ғанию сарватҳои бебаҳо дошта, аз ҷиҳати захираи манбаъҳои об дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Бешубҳа, манбаи асосии об дар Тоҷикистон пиряхҳо ва барфу борон ба ҳисоб меравад.

Пирях тӯдаи яххои табиӣ буда, ҳамеша дар ҳаракат мебошанд. Тибқи ҳисобҳои муҳаққиқон пиряхҳо дар як шабонарӯз аз якчанд сантиметр то даҳҳо метр ҳаракат мекунанд. Пиряхҳои кишвари мо дар мавзеъҳои сард, дар натиҷаи боридани барфи бисёр ба вуҷуд омадаанд, ки яке аз боигариҳои асосии давлат ва миллат ба шумор мераванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аҳолии кишвар, балки тамоми Осиёи Марказиро метавонад, аз ҳисоби манбаъҳои асосиву пурбаракати худ-пиряхҳо бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намояд. Новобаста ба ин, масъалаи об дар минтақа ва ҷаҳон ба проблемаҳои асосӣ мубаддал шуда, тибқи таҳлили коршиносон низоъҳои минбаъдаи саёраи замин аз пушти об сар мезанад.

Ҷамъбасти соли 2022 барои мардуми шарифи тоҷик неку ва таърихию хотирмон мебошад, зеро 14-уми декабр Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни Иҷлосияи 77-и худ Қатъномаи «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон сиёсати давлатдории худро одилонаву оқилона ба роҳ монда, бо ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи ҷаҳон нуфузу эътибори хоссаро касб намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳифзи пиряхҳоро масъалаи ҳаётан муҳим, ҳассос ва ҷиддӣ номида, пешниҳод карданд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардида, 21-уми март «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шавад. Ин иқдоми навбатии пешниҳоднамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби СММ бо тарафдории аксари кишварҳои ҷаҳон пазируфта шуда, 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муқаррар карда шуд. Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мебошад, ки мақсад аз ин тадбирҳо пешгирии сариваҡтӣ аз обшавии пиряхҳо дар ҷаҳон мебошад. Фонди мазкур ба он равона мегардад, ки аз ҳисоби манбаъҳои захиравии он ба кишварҳо ва давлатҳои алоҳида, ки дар самти дастрасӣ ба ҳифзу нигоҳдошти пиряхҳо ҳамчун манбаи захираҳои обӣ эҳтиёҷ доранд, дастгириҳо ва кумакҳо роҳандозӣ карда мешаванд.

Дар қатъномаи мазкур аҳаммияти пиряхҳо ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳо ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор дарҷ гардидааст. Бояд гуфт, ки минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан, Тоҷикистон, минтақаи ба тағйирёбии иқлим осебпазир маҳсуб меёбад. Сол то сол бештар тағйирёбии иқлим, болоравии ҳарорати ҳаво, олудагардии фазо бо моддаҳои зиёновар, норасоии оби нӯшокӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар миқёси ҷаҳон монеаҳо эҷод карда, боиси обшавии босуръат ва коҳишёбии пиряхҳо мегардад.

## 21 - МАРТ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Пешвои миллати тоҷик дар Паёми шодбошӣ оид ба эълон гардидани соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо чунин иброз доштанд: «Тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряхҳо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад…

Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад, аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд. Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили глобалӣ ҳарчи зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд».

Агар ба масъала аз лиҳози стратегӣ назар намоем, Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди оби тоза мебошад. Дар ҳудуди кишвар 947 дарёи хурду калон ҷорӣ мегардад, ки дарозии умумии онҳо ба 28 ҳазору 500 километр мерасад. Манбаи захираҳои бузурги об, асосан, пиряхҳо мебошанд. Гармшавии иқлим ҷараёни обшавии пиряхҳоро тезонда, эҳтимолияти рахнашавӣ ва обхезиро ба вуҷуд меорад.

Бо мақсади ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати мамлакат «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» қабул гардидааст. Зарурати қабули ин барномаи ҳаётан муҳим барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ногузир буд, зеро бар асари гармшавии иқлим дар чанд соли охир пиряхҳои Тоҷикистон қариб 30 фоизи масоҳаташонро аз даст додаанд. Аз 14 ҳазор пиряхи ҳудуди кишвар 19-тои он хеле бузург буда, дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ҳазортояш аз байн рафтааст, ки боиси ташвиш мебошад. Оби тозае, ки аз пиряхҳо ҷорӣ мешавад, на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ хеле зарур аст. Бузургтарин пиряхи минтақа Федченко мебошад, ки майдони калон ва системаи васеи қаторкӯҳҳоро ишғол менамояд. Пиряхи Федченко муъҷизаи беҳамтои табиати афсункори Тоҷикистон буда, ба даҳгонаи бузургтарин пиряхҳои ҷаҳон шомил мешавад. Аз рӯйи маълумоти яхшиносон ин пиряхи бузург низ ҳаракат мекунад. Суръати миёнаи солонаи ҳаракати ин пирях аз 63 то 89 см дар як шабонарӯз мебошад, ки ба ҳисоби миёна 73 см дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад. Раванди хурдшавии пирях сол то сол бештар сурат мегирад. Агар соли 1979 ғафсии пиряхи Федченко ба 40-50 метр баробар бошад, соли 1998 он ҳамагӣ 20-25 метрро ташкил додааст. Дар давоми 30 соли охир пиряхи Федченко беш аз 3 километр масоҳати худро аз даст дода, сатҳи он хеле паст фаромадааст.

Пиряхҳо на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кишварҳои дигари сайёра низ дар марҳалаи таназзул қарор доранд. Таназзул ёфтани пиряхҳо метавонад ба афзоиши оби дарёҳо ва сел оварда расонад ва ё баъдан ба норасоӣ ва камбудии об сабаб шавад. Обшавии яхпораи аз ҳама азими Антарктида, ноҳияҳои қутби шимолӣ, пиряхҳои Ҳимолой низ боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин, тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои нисбатан хурд таъсири ҷиддӣ дошта, ҳолати онҳоро боз ҳам хароботар намудааст. Аз натиҷаҳои илмӣ бармеояд, ки тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои тамоми яхистони кураи арз, аз ҷумла, Тоҷикистон таъсири манфии амиқ дорад. Ҳифз ва нигоҳ доштани пиряхҳо яке аз масъалаҳои умдаи рӯз мебошад, чунки аз сарватҳои нотакрори табиати назаррабои Тоҷикистон на танҳо насли имрӯз, балки наслҳои оянда низ бояд самаранок истифода баранд. Агар имрӯз ба қадри неъматҳои табиат нарасида, онро сарфакорона истифода набарем, пас фардо барои наслҳои оянда мушкилоти зиёде эҷод менамоем.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид намудаанд, ки «Пиряхҳо захираи асосии оби соф мебошанд. Обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад». Аз ин лиҳоз, қабул ва бо қатъномаи махсус тасдиқ кардани иқдоми панҷуми Президенти кишвар дар бораи эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ барои мардуми тоҷик ҳам шараф асту ҳам ифтихор.

Ин ташаббуси нодир далели дигарест ба нотавонбинони миллати тоҷик. Тоҷикистониён бо иқдомҳои созандаву арзандаи Пешвои хирадсолори худ дасти болову сари баланд доранд. Пас ҳар як фарди кишвар, махсусан, мо-омӯзгоронро лозим аст, ки дар раванди дарсҳои худ дар бораи ин сарвати асосии миллат ба шогирдон маълумот дода, дар тарбияи экологии насли наврас саҳми бориз гузорем.

**Шодӣ САФАРОВ,**
**президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор**



# ТАҲСИЛОТ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР: АЗ СИЁСАТ ТО АМАЛ



Мушкилоти глобалии имрӯза дар ҷаҳон, аз ҷумла, тағйирёбии иқлим, нобаробарии иҷтимоӣ ва норасоии захираҳои табиӣ ҳалли ҳамаҷонибаро тақозо мекунанд. Дар ин замина, системаи маориф дар ташаккули фаҳмиши принсипҳои рушди устувори насли наврас ва қобилияти дар амал татбиқ намудани онҳо нақши калидӣ мебозад. Ин ҳадафҳо дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид қабул шуда, 17 соҳаро дар бар мегиранд. Ҳар яке аз ин ҳадафҳо бо таълим алоқамандии зич доранд. Рушди устувори таҳсилот аз мо талаб мекунад, ки на танҳо дониш дошта бошем, балки фаҳмем, ки ин дониш чӣ гуна дар амал татбиқ мешавад.

Таҳсилот барои рушди устувор (ESD) консепсияест, ки ҳамгироии ҷанбаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди устуворро ба равандҳои таълимӣ дар бар мегирад. Солҳои охир таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфт ва бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон низ ба системаҳои таҳсилоти худ ба ҷорӣ кардани таҳсилот барои рушди устувор шуруъ карданд.

Дар сатҳи байналмилалӣ мафҳуми Рушди устувори таҳсилот (РУТ) дар ҳуҷҷатҳо, аз қабили Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор сабт шудааст. Дар ин ҳуҷҷатҳо зарурати таҳсилоти босифат ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба рушди устувор таъкид шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитро фароҳам овардааст, ки таҳсилот барои ҳама дастрас ва ба талаботи ҷомеаву муҳити зист ҷавобгӯ бошад. Иқдомҳои ояндасози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳифзи пиряххои мамлакатамон як қадами муҳим оид ба тағйири иқлим ва ҳифзи сарватҳои табиии кишвар мебошад. Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузурги пиряххо мебошад, бар асари гармшавии глобалӣ бо таҳдиди обшавии онҳо рӯбарӯст. Ҳифзи пиряххо як қисми

стратегияи васеътари рушди устувори Тоҷикистон мебошад. Ин идоракунии захираҳои об, кишоварзии экологӣ ва рушди гидроэнергетикаи оқилонаро дар бар мегирад. Тадқиқоти илмӣ, ки ба омӯхтани пиряхҳо, динамика ва таъсири онҳо ба экосистема нигаронида шудааст, дастгирӣ мешавад, ки барои таҳияи маводи самаранoктар барои хонандагон кумак мекунад. Ташаббуси Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо як қадами муҳим дар роҳи таъмини ояндаи устувори кишвар мебошад. Дар он зарурати муносибати ҳамаҷониба ба ҳалли мушкилоти экологӣ ва аҳаммияти ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо тағйирёбии иқлим таъкид мешавад. Ҳифзи пиряхҳо на танҳо ба ҳифзи захираҳои об мусоидат мекунад, балки барои нигоҳ доштани гуногунии биологӣ ва рушди устувори минтақа низ такони ҷиддӣ мебахшад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомҳоро оид ба ҷорӣ намудани ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи маориф фаъолона дастгирӣ мекунад. Дар соли 2016 Стратегияи миллии рушди устувор қабул гардид, ки дар он таҳсилот мавқеи асосиро ишғол мекунад. Ҳадафи ин стратегия модернизатсияи инфрасохтори таълимӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ ва тайёр кардани муаллимоне мебошад, ки қодиранд, принсипҳои рушди устуворро таълим диҳанд.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ ба зарурати ҷорӣ намудани принсипҳои рушди устувор дар раванди таълим таъкид шудааст. Дар сатҳи амалӣ татбиқи ин масъала дар Тоҷикистон тавассути барномаҳо ва ташаббусҳои гуногуни таълимӣ сурат мегирад. Масалан, баъзе мактабҳои кишвар, аллакай, ба татбиқи барномаҳои таълими экологӣ шуруъ кардаанд. Муассисаҳои таълимӣ мавзуъҳои экология, истеъмоли устувор ва масъулияти иҷтимоиро ба барномаҳои таълимии худ ворид мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи огоҳии хонандагон баланд бардошта шавад, балки дар онҳо мавқеи фаъол оид ба масъалаҳои рушди устувор ташаккул ёбад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа интегратсияи таҳсилот ба шумор меравад, ки дар татбиқи амалии тараққиёти рушди устувор мавқеи хосса дорад. Барои ба мақсад расидан, якчанд омилро ба назар гирифтан лозим аст. Аввалан, бояд ба ин саволҳои худ мо ҷавобҳои мушаххас ёбем. Саволе, ки мо бо он рӯ ба рӯ мешавем, ин аст, ки чӣ гуна мо ғояҳои рушди устуворро ба татбиқи амалӣ дар синфхона интиқол медиҳем? Барои он ки ин ғояҳо амалӣ шаванд, онҳоро дар амал татбиқ кардан лозим аст. Мо инро чӣ тавр амалӣ карда метавонем? Пеш аз ҳама, ин ҳамкории байнисоҳавӣ мебошад. Мавзуъҳо дар бораи рушди устувор дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии насли нав ба фанҳои гуногун бомаром ворид карда мешаванд. Масалан, бо дастгирии ЮНИСЕФ дар таҳияи китобҳои дарсии забони модарӣ ва математика барои синфҳои 5-6 кор рафта истодааст. Китобҳои дарсӣ барои синфи 6 ҳоло дар марҳилаи ниҳоии анҷомёбӣ қарор доранд. Барои супоришҳои математика намуди зерини супориш пешниҳод мешавад: Онҳо кадом тадбирҳои ҳифзи муҳити зистро медонанд ва графики натиҷаҳоро тартиб дода ё ҳисоб мекунанд, ки бо истифода аз технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза чӣ қадар захираҳоро (об, неруи барқ) сарфа кардан мумкин аст.

Барои фанни забони модарӣ ба хонандагон супориш дода мешавад, ки дар мавзуи «Чӣ тавр ман ба табиат кумак карда метавонам?» иншо нависанд. Ҳамзамон, таъкид карда мешавад, ки дар иншо кӯдакон амалҳои худро барои рушди устувор тавсиф кунанд.

Айни замон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо дастгирии ЮНЕСКО дар самти бозигарии барномаҳо ва таҳияи китобҳои дарсии насли нав оид ба STEM кор мебаранд. Масалан, дар дарсҳои биология мо ба масъалаи экосистемаҳо ва осебпазирӣ, дар дарсҳои ҷуғрофия ба лоиҳаҳое, ки ба масъалаҳои экологӣ дахл доранд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоем. Дар дарсҳои физика ҳангоми омӯхтани мавзуъҳое, ки ба қонуниятҳои нигоҳ доштани энергия ва термодинамика вобастаанд, технология ва асбобҳои каммасрафи энергияро алоқамандaнд менамоем. Ҳамчунин, коркарди панелҳои офтобӣ, стансияҳои электрикии обиро меомӯзонем.

Бояд қайд намуд, ки пеш аз ҳама, мо афзалиятҳо ва нуқсонҳоро дар муқоиса бо манбаъҳои истихроҷи энергия мегузорем. Ҳангоми баррасии равандҳои физикӣ, ки ба тағйирёбии иқлим таъсир мерасонанд, мо падидаҳои марбут ба тағйирёбии ҳароратро ба назар мегирем.

Ҳамгироии мавзуъҳои рушди устувори таҳсилот бо курсҳои химия ва физика на танҳо раванди таълимро ғанӣ мегардонад, балки, инчунин, ба

хонандагон дар фаҳмидани аҳаммияти дониш ва малакаҳои онҳо дар шароити мушкилоти глобалӣ кумак мекунад. Ин омил дар оянда ҳисси масъулиятшиносӣ ва омодагӣ ба амалиёти фаъолонаи хонандагонро инкишоф медиҳад. Лоиҳаҳое, ки ба масъалаҳои ҷомеаи маҳаллӣ асос ёфтаанд, роҳи олии пайваст кардани назария бо амалия мебошанд. Ворид намудани таълим барои рушди устувор ба барномаи таълимӣ раванди мураккаб, вале ҳаётан муҳим аст. Он дар ҳама сатҳҳо, аз сиёсати давлатӣ сар карда, то фаъолияти амалӣ дар синф кӯшишҳоро талаб мекунад. Таҳсилот бояд як катализатор барои тағйироти зарурӣ барои бунёди ояндаи устувор бошад.

Ҷалби ҷамоатҳои маҳаллӣ дар лоиҳаҳои рушди устуворро низ қайд кардан мехоҳам, ки ин ҳам барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва иштироки фаъолонаи аҳолӣ мусоидат мекунад. Инҳо лоиҳаҳои тоза кардани дарёҳои маҳаллӣ Душанбе, Амударё ва Сир мебошанд, дар ҳудуди мактабҳо боғҳои мактабҳо бунёд карда мешаванд ва оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ба муҳити зист таҳқиқот гузаронида мешавад. Чунин ташаббусҳо на танҳо маҳорати хонандагонро инкишоф медиҳанд, балки дар онҳо ҳисси масъулиятшиносиро нисбат ба олами атроф мепарварад. Дар ин ҳамдилию муттаҳидшавӣ омӯзгорон нақши асосиро мебозад. Онҳо на танҳо барандагони дониш, балки мураббӣ низ мебошанд, ки талабагонро ба фаъолияти пурсамар водор менамоянд. Барои самаранок кор кардан дар ин самт, албатта, омодагии касбӣ ва дастрасӣ ба захираҳо зарур аст, то ба омӯзгорон дар татбиқи рушди устувори таҳсилот дар раванди таълим мадад расонанд. Муҳим аст, ки худи омӯзгорон ба тағйирот омода бошанд ва аҳаммияти рушди устуворро дарк кунанд. Мо барои муаллимон таълими параллелӣ мегузаронем. Ин амалӣ намудани тренингҳо ва семинарҳо барои омӯзгорон бо мақсади баланд бардоштани малакаи онҳо дар соҳаи рушди устувор ва таълими самараноки мавзуъҳои дахлдор мебошад. Барои донишкадаҳои такмили ихтисос модули омӯзиш барои муаллимон тартиб дода шудааст. Лоиҳаҳои ҳифзи муҳити зист бомуваффақият амалӣ мешаванд, яъне, ташаббусҳое, ки ба ҳифзи захираҳои табиӣ ва экосистема нигаронида шудаанд, амалӣ мешаванд, ки он ҳам як қисми барномаҳои таълимӣ мебошад.

Яке аз корҳои ҷолиб ва муваффақ лоиҳаи «Мактаби сабз» мебошад, ки дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ амалӣ мешавад. Лоиҳа мактабҳоро бо захираҳо барои эҷоди ҷойҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва татбиқи таҷрибаҳои устувор, аз қабили ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳои коғаз таъмин менамояд. Хонандагон дар ин ташаббусҳо фаъолона иштирок мекунанд, ки ин ба рушди малакаҳои роҳбарӣ ва масъулияти онҳо барои нигоҳубин ва тоза нигоҳ доштани муҳити зист мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рақамикунонии соҳаи маориф, ки аз таҳияи платформаҳои онлайнӣ ва таълими фосилавӣ иборат аст, сармоягузориҳо ба роҳ монда мешаванд, ки дастрасии васеъ ба таҳсилоти босифат, бахусус, дар минтақаҳои дурдастро фароҳам меорад.

Шарикӣ бо созмонҳои байналмилалӣ низ шоёни зикр аст. Тоҷикистон бо ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳое, ки ба РУТ равона шудаанд, ҳамкорӣ мекунад.

Айни ҳол, бо мақсади арзёбии самаранокии барномаҳои таълимӣ дар заминаи рушди устувор гузаронидани таҳқиқот дар назар аст. Ин тадбирҳо ба эҷоди ҷомеаи устувор ва омода кардани наслҳои оянда ба мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим ва рушди устувор равона хоҳанд шуд.

Дар сурати мавҷуд будани ҳамкории ҳамаҷонибаи сохторҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти маҳаллӣ Тоҷикистон дар оянда метавонад, тавассути таҳсилот дар роҳи рушди устувор ба пешравиҳои боз ҳам бештар ноил шавад. Татбиқи бомуваффақияти Ҳадафҳои Рушди Устувор на танҳо тағйирот дар сиёсати маориф, балки иштироки фаъолонаи тамоми қишрҳои ҷомеаро тақозо мекунад. Сарфи назар аз роҳандозии иқдомҳои мусбат дар роҳи татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор баъзе масъалаҳо низ мушоҳида мешаванд. Аксари мактабҳо бо нарасидани захираҳо барои татбиқи тағйироти зарурӣ дар барномаи таълимӣ ва инфрасохтор дучор меоянд. Ғайр аз ин, бояд муаллимоне тайёр карда шаванд, ки принсипҳои инкишофи устуворро самаранок омӯзонанд, зеро таҳсилот барои рушди устувор як воситаи муҳимми ноил шудан ба ояндаи устувор мебошад. Бо боварӣ метавон қайд кард, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи имконот ҳаст, то ки Таҳсилот барои рушди устувор ба системаи маорифи кишвар бомуваффақият ворид карда шавад.

**Муҳаммад САФАРОВ,**
**мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**



# РАҚАМИКУНОНИИ ТАҲСИЛОТ - ИМКОНИ БЕШТАР БАРОИ ПЕШРАФТИ МАОРИФ

Дар шароити рушди воситаҳои иттилоотӣ рақамикунонии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ як самти афзалиятноки сиёсати давлат дар соҳаи маориф ба шумор меравад. Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рақамикунонии соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Сарвари кишвар таъкид намуданд, ки **дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоиву миёнаи касбӣ сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ қонеъкунанда нест** ва зарурати таҳияи барномаи давлатии рақамикунонии соҳаи маорифро пешниҳод карданд. Инчунин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636 низ зарурати рушди технологияи телекоммуникатсионӣ дарҷ гардидаст. Рақамикунонӣ дар мактабҳои Тоҷикистон як раванди муҳим барои баланд бардоштани сифати таълим ва самаранокии идоракунии соҳаи маориф мебошад. Дар ин замина, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022, №439, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 тасдиқ гардид. Ин консепсия ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ, тағйири шаклу усулҳои таълим, баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои таълимӣ равона шудааст. Дар доираи ин иқдомот дар шаҳри Душанбе барномаи электронии "eDonish" аз соли 2020 ба роҳ монда шудааст, ки ҳоло дар 150 муассисаи таълимии пойтахт онро амалӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар раванди рақамикунонии соҳаи маориф баъзе мушкилот, аз ҷумла, норасоии таҷҳизоти техникӣ ва сатҳи пасти саводнокии рақамӣ вуҷуд доранд. Барои ҳалли ин мушкилот татбиқи барномаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисос дар самти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ зарур мебошад. Рақамикунонии мактабҳо дар Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ин раванд босуръат идома дорад. Бо амалишавии ин тадбирҳо дастрасӣ ба таҳсилот ва захираҳои таълимӣ барои хонандагону омӯзгорон осон мешавад. Автоматизатсияи идоракунӣ имкон медиҳад, ки назорати сифат ва омори муассисаҳои таълимӣ беҳтар ба роҳ монда шавад. Таҳкими малакаҳои рақамӣ ба омӯзгорону хонандагон маҳорати кор бо технологияҳоро фароҳам намуда, омодагӣ барои ворид шудан ба бозори меҳнатро муҳайё месозад. Ба роҳ мондани омӯзиши фосилавӣ дар шароити дигаршавии талаботи таълим таҳсилоти фосилавӣ ва платформаҳои онлайнии таълимӣ (Google Classroom, Moodle ва ғ.)-ро серистеъмол месозанд. Рақамикунонии таҳсилоти миёнаи умумӣ самтҳои зеринро фаро мегирад:

**1. Истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК):**

- компютер, планшет, телефонҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои электронӣ барои омӯзиш;
- барномаҳои таълимии рақамӣ ва платформаҳои онлайн барои омӯзиш ва худомӯзӣ;
- дарсҳои интерактивӣ тавассути тахтаҳои электронӣ ва лоиҳаҳо.

**2. Муассисаи системаи идоракунии таълим:**

- платформаҳое чун Google Classroom, Moodle, Microsoft Teams барои таълими фосилавӣ ва назорати фаъолияти хонандагон;
- мушоҳида ва баҳодиҳии натиҷаҳои таълим тавассути системаҳои худкор.

**3. Таҳияи маводи таълимии рақамӣ:**

● китобҳои дарсии электронӣ, платформаҳои видеоӣ ва маводи омӯзишии интерактивӣ;

● мундариҷаи рақамӣ дар асоси стандартҳои таълимии миллӣ.

**4. Ҳисобот ва таҳлили маълумот:**

● истифодаи технологияҳо барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва идоракунии маълумоти таҳсилоти хонандагон;

● имкони муайян кардани сатҳи дониши ҳар як хонанда ва таҳлили пешрафти онҳо.

**5. Таълими фосилавӣ ва омехта (blended learning):**

● гузаронидани дарсҳо дар реҷаи онлайн ва офлайн барои дастрасии бештари хонандагон (ва омӯзгорон);

● барномаҳои омӯзиши мустақилона тавассути платформаҳои рақамӣ.

**6. Баланд бардоштани саводнокии рақамӣ:**

● омӯзонидани омӯзгорон ва хонандагон оид ба истифодабарии технологияҳои рақамӣ;

● таъмини бехатарии рақамӣ ва риояи ахлоқи киберӣ.

**Натиҷаҳои самараноки рақамикунонӣ:**

● Беҳтар гардидани сифати таълим тавассути фароҳам овардани маводи интерактивӣ.

● Дастрасии баробар ба маълумот барои хонандагони минтақаҳои дурдаст.

● Суръатбахшӣ ба раванди таълиму идоракунӣ.

● Кам кардани хароҷот барои маводи таълимӣ, масалан, ҷой намудани стандарт ва барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва бадеӣ, дастурҳо ва ғайра, дар платформаҳои махсус.

**Мушкилоти рақамикунонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ:**

► Норасоии таҷҳизоти техникӣ дар бештари муассисаҳо.

► Мушкилоти иртиботӣ ва суръати пасти интернет дар баъзе минтақаҳо.

► Мавҷуд набудани зерсохтори лозимӣ, бахусус, дар минтақаҳои дурдаст.

► Омодагии пасти омӯзгорон ва хонандагон барои кор бо технологияҳои рақамӣ.

► Набудани маводи таълимии рақамии мутобиқ ба барномаҳои таълимии миллӣ.

► Масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ғайраҳо, ба шумор меравад.

Масалан, рақамикунонии таълими фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, айни замон, сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълими физика ҳанӯз ба таври кофӣ рушд наёфтааст.

**Монеаҳо**

**Камбуди таҷҳизоти техникӣ:** дар аксари муассисаҳои таълимӣ норасоии компютер, тахтаҳои электронӣ ва дигар воситаҳои таълимии рақамӣ вуҷуд дорад.

**Камбуди маводди таълимии рақамӣ:** камбуди барномаҳои таълимии интерактивӣ ва дигар маводи рақамӣ

**Тадбирҳои пешниҳодшуда**

**Таҳияи маводи таълимии рақамӣ:** таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои интерактивӣ, симуляторҳо ва видеоҳои таълимӣ

**Курсҳои такмили ихтисос:** ташкили курсҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани саводнокии рақамии омӯзгорон

**Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти техникӣ:** компютерҳо, тахтаҳои электронӣ ва дигар воситаҳои таълимии рақамӣ барои истифода дар дарсҳо.

**Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ:** ҷалби сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ...

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд як қатор лоиҳаҳоро оид ба рақамикунонии соҳаи маориф амалӣ менамояд. Дар бисёр кишварҳо рақамикунонии мактабҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ босуръат ҷараён дорад. Чанд намуна манзури шумо мешавад:

***ФИНЛЯНДИЯ***

**Платформаҳои рақамӣ:** Омӯзиш дар асоси платформаҳои интерактивӣ, аз ҷумла, Eduten ва Sanoma Pro, ки маводи таълимиро дар шакли рақамӣ пешниҳод мекунанд.

**Таҷҳизоти рақамӣ:** таҳияи барномаҳои таълимии мутобиқшаванда (adaptive learning), ки ба сатҳи дониш ва қобилияти ҳар як хонанда мутобиқ мешаванд.

**Таълими фосилавӣ:** хонандагон имкони иштирок дар дарсҳо тавассути платформаҳои онлайн, ба мисли Google Classroom ва Microsoft Teams доранд.

**Натиҷаҳо:** масъалаи дур будани фосилаи байни хонандагони минтақаҳои гуногун аз байн рафта, сатҳи худомӯзӣ ва малакаҳои рақамӣ рушд ёфта истодааст.

***ЭСТОНИЯ***

**Системаи "e-School" (мактаби электронӣ):** платформаи ягона барои идоракунии таълим, ки дар он дарсҳо, вазифаҳои хонагӣ ва натиҷаҳои таҳсилот сабт мешаванд.

**Барномаи “ekool”:** системаи рақамии назорати раванди таълим, ки падару модарон, омӯзгорон ва хонандагонро муттаҳид мекунад.

**Барномаи "ProgeTiiger":** омӯзиши барномасозӣ ва технологияи рақамӣ барои хонандагони мактабҳои миёна.

**Натиҷаҳо:** назорати шаффофи пешрафти таҳсил таъмин шуда, фарогирии кӯдакони овораgард ва камбизоат ба таҳсил бештар гардид.

***СИНГАПУР***

**Барномаи “Smart Nation Initiative”:** барои омӯхтани малакаю маҳоратҳои рақамӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои нав ба хонандагон.

**Платформаи "Future Schools" (мактабҳои оянда):** муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ, ки таълим пурра рақамӣ сурат мегирад, аз ҷумла, омӯзиши фосилавӣ ва интерактивӣ.

**Истифодаи “AI” ва “Big Data”:** барои таҳлили маълумоти таълимӣ ва фароҳам овардани шароити омӯзиши инфиродӣ.

**Натиҷа:** суръати хуби мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат, бехатарии киберии муҳити таълимӣ таъмин шуда истодааст.

***ИМА***

**Барномаи “Google for Education”:** истифодаи “Chromebook” ва “G Suite” дар муассисаҳои таълимӣ барои имкони кор фароҳам овардан ба хонандагон бо абзорҳои рақамӣ.

**Барномаи “STEM Education”:** таваҷҷуҳ ба фанҳои STEM (илм, технология, муҳандисӣ ва математика) тавассути платформаҳои рақамӣ.

**Китобхонаҳои рақамӣ:** дастрасӣ ба ҳазорҳо китоби рақамӣ ва маводи таълимии онлайн.

**Натиҷаҳо:** мушкилоти омӯзиши фосилавӣ дар ҳолатҳои фавқулода (масалан, пандемия, офатҳои табиӣ ва ғайра) бартараф карда шуда, хонандагон ба шароити таҳсилоти рақамии оянда омода шуда истодаанд.

Аз ин бармеояд, ки рақамикунонии таҳсилот дар мактабҳои миёнаи умумӣ дар даҳҳо кишвар ба рушди малакаҳои рақамӣ, таълими фосилавӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсил мусоидат кардааст. Барои Тоҷикистон низ метавон таҷрибаи ин кишварҳоро омӯхта, тадриҷан ба амалисозии чунин моделҳо оғоз намуд.

Ҳамин тавр, рақамикунонии таҳсилот дар Тоҷикистон имконияти навро барои рушди соҳаи маориф фароҳам меорад ва ба ҳамгироии низоми таълим бо талаботи ҷаҳони муосир мусоидат мекунад. Ҳарчанд баъзе мушкилот вуҷуд дорад, вале бо дастгириҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин равандро мо метавонем ба сатҳи хеле баланд барорем.

**Адабиёт:**

1. «К вопросу о цифровизации в обучении математических дисциплин», автор: В. А. Лебедев., - 2020г., стр. 4 (статья в журнале).

2. «Математическое образование в цифровом обществе», автор: П. А. Васильев., - 2023г., 180 стр.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28.12.2024, шаҳри Душанбе

4. «Цифровая трансформация школьного образования. Международный опыт, тренды, глобальные рекомендации».— Институт образования НИУ ВШЭ., -2019г, 108 стр.

5. «Цифровизация российской средней школы: отдача и факторы успеха», авторы: О. С. Аникина, Е. В. Захарова., -2020г., стр. 20 (статья в журнале).

6. «Цифровизация в системе образования: передовой опыт и перспективы», Под редакцией Л. Н. Васильевой и А. А. Петровой., - 2022г., 150 стр.

7. «Цифровая трансформация школьного образования в России», автор: М. С. Головин., - 2021, 200 стр.

8. «Цифровая трансформация в образовании: проблемы и перспективы развития», под редакцией И. В. Сергеева, А. Е. Михайлова., - 2022г., 120 стр.

**Суҳбаторо Шакар ҚУРБОНБЕКОВ,**
**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

# АМИНҶОН МИРЗОҚАНД: РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ИРОДАИ ВОЛОИ ПЕШВОИ МАҲБУБИ МИЛЛАТ АСТ



Пешрафти соҳаи маориф аз ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ то имрӯз дар авлавияти фаъолияти сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҳамасола Сарвари давлат дар Паёмҳои хеш ба масъалаи мактабу маориф таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунанд ва ҷиҳати рушди инфрасохтори маориф дар шаҳру навоҳии кишвар, ҷалби кӯдакону наврасон ва ҷавонон ба ҳама зинаҳои таҳсил тадбирҳои муҳиммеро роҳандозӣ кардаанд. Дар ин бора суҳбате оростем бо сардори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Аминҷон Мирзоқанд.

**- Муаллими муҳтарам, мардуми шарифи Тоҷикистон, хусусан, аҳли маорифи кишвар ҳамасола ироаи Паёми ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бесаброна интизор мешаванд. Ба назари шумо асоси ин интизориҳо кадом омилҳо ҳастанд?**

- Ташаккури зиёд. Паёми Сарвари давлат як барномаи мукаммали рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ахлоқиву маънавии кишвар аст, ки дар он тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифта, рушду тавсеаи фаъолияти минбаъдаашон мушаххасан нишон дода мешавад. Зимни ироаи ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз Роҳбари давлат авзои сиёсии ҷаҳони имрӯзаро таҳлил намуда, асоси таҳаввулоти минтақа ва ҷаҳонро амиқан шарҳу тавзеҳ мебахшанд ва мавқеи расмии кишварро доир ба масоили гуногун равшан месозанд. Бинобар ин, на танҳо аҳли маориф, балки ҳар як фарди тоҷик Паёми Сарвари давлатро мунтазир мешаванд. Паёми Пешвои миллат чун як раҳнамо ҳар як фарди соҳибиродаро огоҳ месозад, ки дар вазъи мураккаби сиёсию геополитикии минтақа ва ҷаҳон зиракии сиёсиро ба кор баранд, манфиатҳои миллиро аз ҳама афзалтар шуморанд, дар рушди ватани аҷдодӣ саҳм гузоранд. Зеро эҳтиром гузоштан ба муқаддасот ва арзишҳои миллӣ, фарҳанги волою ғании ниёкон, ки ҳазорсолаҳо қабл шакл гирифтааст, рисолати муқаддаси фарди худогоҳ аст. Аҳли маориф аз он ҷиҳат Паёмро самимона интизор мешаванд, ки дар он Сарвари давлат, дар баробари дигар соҳаҳо, ба пешрафти рӯзафзуни маориф эътибори хоса зоҳир намуда, бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ масъулонро ба иҷрои содиқонаи рисолатҳояшон вазифадор месозанд.

**- Дарвоқеъ, дар ҳар Паём масоили марбут ба соҳаи маориф амиқан баррасӣ мегардад. Ба андешаи шумо ин таъкидҳо чиро далолат мекунанд?**

- Маориф дар ҳама давру замон ва барои қавму миллате, ки нияти эъмори давлати миллӣ дошта бошад, таҳкурсии асосӣ ба шумор мерафт. Ба ибораи дигар, маориф пояи устувори давлат аст ва агар ба он таваҷҷуҳи зарурӣ равона нашавад, ҳеҷ гуна пешрафтро набояд чашмдор шуд. Ба ин хотир дар аксари давлатҳои дунё ба инкишофи соҳаи маориф афзалият додаанд. Масалан, Олмон баъди Ҷанги ҷаҳонии дуюм дар панҷ соли аввал соҳаи маорифро такони азим бахшид, дар Ҷопон омӯзгор дар ҷомеа мақоми аввалро соҳиб аст, дар Сингапур, Малайзия ва Индонезия, ки ҳамчун “бабрҳои иқтисодии

ҷаҳон" шинохта мешаванд, ба пешрафти маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад. Дар кишвари мо низ барои рушди ин соҳа тадбирҳои судманд амалӣ шудаанд ва татбиқи иқдомҳои ҷиддӣ идома доранд, зеро илму дониш сарвати бузургтарини миллату давлат шумурда мешавад. Пешвои хирадсолори мамлакат ба масъалаи мактабу маориф диққати ҷиддӣ дода, бо дарназардошти вазъи воқеӣ барои устувории соҳа тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ месозанд. Зеро таҳкими қудрати давлат, рушди тамоми соҳаҳо ва бақои миллат дар маориф аст ва бояд ба таври шоиста равнақ ёфта бошад.

**- Айни замон шумо вазъи соҳаи маорифи вилоятро чигуна арзёбӣ мекунед?**

-Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди соҳа ва боло бурдани сатҳи маърифати аҳолӣ дар меҳвари сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои хеш ба таври равшану возеҳ ва ҳадафмандона гуфта буданд: **"Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шхси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа, оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад"**. Аз ин ҷост, ки соҳаи маорифи вилоят низ ба натиҷаҳои хуби рушд муваффақ шуда, дастовардҳои азим ба назар мерасанд. Агар ба рақамҳо таваҷҷуҳ намоем, **буҷети соҳаи маорифи вилоят соли 2010 42 миллиону 270 ҳазор сомониро ташкил медод, соли сипаришуда тавассути талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар буҷети маорифи вилоят наздик ба 240 миллион сомонӣ расид**. Тафовут барои ҳар фарди соҳибтафаккур маълум аст. Ҳамчунин, тайи ин муддат дар ҳудуди вилоят зиёда аз 209 бинои муассисаи таълимӣ барои 29827 хонанда бо ҷалби маблағи беш аз 400 миллион сомонӣ сохта шуд. Танҳо соли гузашта барои таъмир ва сохтмони 33 иншоот 168 миллиону 878 сомонӣ ҷудо гардид, ки қисме аз ин иншоот аллакай дар истифода қарор доранд.

**Бо дастгирии роҳбарияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 2 соли охир ба мақсади мустаҳкам кардани пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои иттилоотӣ (компютер, тахтаҳои электронӣ ...) ва дигар маводи зарурӣ таҷҳизоти кабинетҳои фанниву озмоишгоҳҳои таълимӣ ба маблағи беш аз 7 миллион сомонӣ дастрас гардид.** Аҳли маорифи вилоят кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки 33 бинои нави муассисаҳои томактабиву марказҳои рушди барвақтии кӯдак барои зиёда аз 1900 тифл бунёд ва ба истифода дода шаванд.

**- Тавре медонед, саҳми омӯзгорон дар рушди соҳаи маориф беназир мебошад. Дар ин раванд вазъи иҷтимоии омӯзгорони вилоятро чигуна арзёбӣ мекунед?**

- Омӯзгорон қишри бомаърифату бофарҳанги ҷомеа буда, минбаъд низ дар асоси дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои Пешвои маҳбуби миллат бо эҳсоси баланди масъулият ва худшиносӣ фаъолияти касбии хешро идома хоҳанд дод.Боиси хушҳолист, ки маоши кормандони соҳа, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ сол то сол зиёд мешавад. Танҳо дар 4 соли охир маоши кормандони соҳаи маориф 95 фоиз зиёд шудааст. Бо оғози соли нави таҳсили 2025-2026 бо дарназардошти 30 дарсад зиёд гардидани музди меҳнати омӯзгорони дараҷаи олӣ боз ҳам бештар хоҳад шуд. Ҳамчунин, татбиқи дигар имтиёзҳои муқарраргардида низ ба беҳбудии рӯзгори муаллимон мусоидат мекунад. Боиси хушнудист, ки бо дастгирии раиси вилоят Алишер Мирзонабот Худойбердӣ соли гузашта дар ҳудуди шаҳри Хоруғ барои зиёда аз 70 омӯзгори ҷавон қитъаи замин ҷиҳати бунёди хонаҳои истиқоматӣ ҷудо шуд, ки ин рухдоди фараҳбахш низ ба сатҳу сифати зиндагии кормандони соҳа беҳбудии назаррас мебахшад.

**- Хушбахтона, маорифи вилоят дастовардҳои зиёди таълимиро соҳиб гаштааст. Дар самти тарбияи насли наврас боз кадом корҳоро метавон анҷом дод?**

- Албатта, кор бе камбудӣ намешавад. Дар ин замина, ба андешаи ман, омӯзгорон бо волидон бояд ҳамкории густардаро ба роҳ монда, дар самти фаъолияти на танҳо таълимӣ, балки тарбиявӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кунанд. Дар пурра татбиқ гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таъ-

лиму тарбияи кӯдак" муваффақу пешсаф бошанд. Қобили зикр аст, ки ба қонуни мазкур бо дарназардошти вазъи печидаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, омилҳои дигари таҳдидкунанда соли гузашта тағйирот ворид гардид, ки ба сифати тарбияи насли наврас таъсири мусбат хоҳад расонд. Бо вуҷуди ин, **дар баъзе мавридҳо волидон дар баробари таълим тарбияи фарзандро низ комилан бар дӯши омӯзгор гузошта, ба таври бояду шояд рисолату вазифаи муқаддаси хешро ичро намекунанд**. Ҳамчунин, омӯзгороне ҳам ҳастанд, ки худро тамоман ба таълим машғул дошта, ба тарбияи кӯдак камтар таваҷҷуҳ медиҳанд, ки ин амал низ нодуруст аст. Аз ин рӯ, доир ба ин масъалаҳо бо омӯзгорону хонандагон ва волидон суҳбату вохӯриҳо доир карда, назокати бандҳои қонунро шарҳ дода, тавзеҳ бахшидем, ки ҳар ниҳоди масъули раванди тарбия: мактаб, хонавода ва ҷомеа дар тарбияи насли наврас бетарафиро ихтиёр накунанд. **Бо дарназардошти бархӯрди тамаддунҳо, ки миллатҳоро бо хатар рӯ ба рӯ сохтааст, тарбияро ҳам мактабу волидон, ҳам ҷомеа ва ташкилоту ниҳодҳои дигари вазифадор якҷоя бояд пеш баранд, зеро беарвоӣ нисбат ба фарзандони миллат амалест нобахшиданӣ**. Дар моддаҳои 19 ва 20-и қонун муассисаи таълимӣ ва омӯзгор дар баробари адои вазифаҳо уҳдадор карда шудаанд, ки тарбияи кӯдакро дар ҳамкорӣ бо волидайн ва дигар сохторҳои масъул таҳти назорати ҷиддӣ қарор диҳанд. Волидон вазифадор шудаанд, ки фарзандро дар руҳияи эҳтиром ба миллат, Ватан, арзишҳои миллӣ, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва одобу ахлоқи ҳамида тарбия карда, ба воя расонанд. Бояд изҳор дошт, ки ба мактабу маориф, таълиму тарбия марoқ зоҳир кардан, инкишофу боз такмил додани онро дар радифи ормони воқеии миллат қарор додан нишони волои садоқати Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба Ватан ва марзу буми аҷдодӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, пешрафти ҷараёни таълиму тарбия дархӯри манфиатҳои миллӣ, ободиву шукуфоии кишвар буда, бояд айни замон дар замири ҳар як фарди солимфикр ҷой дошта бошад.

**- Дар вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон омӯзгорон бояд кадом ҷанбаҳои таълиму тарбияро дар афзалияти фаъолияти хеш қарор диҳанд?**

- Ҳар як усул ва ҷанбаи таълиму тарбияи соҳаи маориф, ба фикри ман, бояд печида бо афкори миллӣ бошад ва ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас равона карда карда шавад. Пешвои муаззами миллат низ аз рӯзҳои аввали эъмори давлати миллии тоҷикон ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наврасону ҷавонон ва тамоми қишрҳои ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа зоҳир намудаанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки гузаштагони мо дар тарбияи атфол расму одоти аҷибе доштанд. Кӯдак то панҷсолагӣ ҷилави чашмҳо намеомад, то бистсолагӣ, илму ҳунар, аспсаворӣ, тирандозӣ ва ростгӯйӣ меомӯхт. Ин расму одатҳо басо омӯзанда аст ва ба қалбҳо шӯр андохта, меҳру муҳаббати шахсро нисбат ба халқу Ватан бедор месозад.

Дар ҷаҳони пур аз тазодди имрӯза ба насли болаёқату соҳибистеъдод, соҳиби малакаи баланди касбӣ, ватандӯсту худогоҳ эҳтиёҷи бештар пайдо шудааст. Ба мақсади пиёда сохтани ҳадафҳои миллӣ дар ҳудуди вилоят дар 204 муассисаи таҳсилоти умумӣ омӯзиши фанни омодагии дифои ҳарбӣ омӯзонда мешавад. Кабинетҳои фаннии омодагии дифои ҳарбӣ бо асбобҳои аёнӣ ва китобҳои дарсӣ таъмин буда, вохӯриҳои хонандагон бо сарбозони қисмҳои ҳарбӣ, шахсиятҳои андешаманду соҳибном, собиқадорони шарафманди диёр ба ҳукми анъана даромадааст. Бояд ёдрас кард, ки фақат он вақт насли наврас ба худогоҳии комил расида метавонад, ки агар савияи донишу маърифаташ баланд бошад. Танҳо дар ин замина насли хештаншинос, огоҳу сарафроз, ватандӯсту меҳанпараст ва дӯстдори марзу буми кишвар тарбия меёбад.

**- Дар фарҷом мехостам, дар бораи ҳамкории раёсати маорифи вилоят бо нашриёҳои соҳавӣ ва мавқеи матбуот дар рушди соҳаи маориф андешаҳои худро баён мекардед.**

- Матбуот дар ҳама давру замон як василаи тарғиби афкори пешқадам, муаррифии дастовардҳо ва густариши андешаҳои солим мебошад. Раёсати маорифи ВМКБ бо нашриёҳои соҳаи маориф, ба вежа, маҷаллаи таърихию андешаофари **"Маърифати омӯзгор"** ҳамкории наздику судманд дошта, дар густариши афкори маорифпарварона бо ин неруи таъсиргузор такя мекунад. Омӯзгорону мураббиҳои мо дар раванди дарсу машғулиятҳо дар баробари китобҳо ва дастуру барномаҳои таълимӣ маводи маҷаллаи мазкурро низ чун маводи ёрирасон ва маълумоти иловагии навин истифода мебаранд. Яъне, мо ҷиҳати рушду пешрафти соҳаи маориф ба нашриёҳо такя менамоем.

**Умеда АЛИМОВА,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷикӣ**
**Гимназия-парваришгоҳи ба номи Бобоҷон Ғафуров**

# НАҚШИ ОМӮЗГОРИ СОҲИБКАСБ ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ ХУДОГОҲУ ВАТАНДӮСТ

Ин дурдонаи беназир аз афкори созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: **"То вақте тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наорад, дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҷиноятҳою корҳои пешгӯинашаванда хоҳанд буд"**, гувоҳи он аст, ки соҳаи маориф дар сиёсати муваффақонаи Ҳукумати мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноку калидӣ маҳсуб ёфта, ҷойгоҳ ва манзалати хоссаро соҳиб аст. Таъкидҳои арзишманди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ (28.12.2024) садо доданд, бозгӯи он аст, ки Пешвои миллат ояндаи ободу дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол, рӯзгори босаодати мардуми бофарҳанги кишвар, бунёди ҷомеаи солим, таълиму тарбияи насли босаводу худогоҳ ва соҳибмаърифатро маҳз бо рушди илму маориф дар кишвар тавъам медонанд. Мусаллам аст, ки боло рафтани сатҳи таълим ва сифати таҳсилот ба сатҳи донишу малакаи касбӣ ва пайваста ташаккул додани салоҳиятнокии касбии омӯзгорон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар шароити имрӯза яке аз роҳҳои самарбахши ташаккули донишу маҳоратҳои касбии омӯзгорон ба давраҳои омӯзишии такмили ихтисос фаро гирифтани онҳо мебошад. Такмили ихтисоси омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, пеш аз ҳама, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар рушди соҳаи маориф ва омода кардани мутахассисони босаводу донишманд ва рақобатпазир ба талаботи бозори меҳнат нақши калидӣ дорад, зери таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат қарор гирифтааст. Дар Паёми навбатиашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба самти такмили ихтисоси омӯзгорон таъкид намуданд: **"Ба масъалаи аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгорон дар ҷомеа... эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад".**

Воқеан, такмили ихтисос яке аз масъалаҳои калидӣ дар рушди донишҳои зеҳнӣ ва касбии муаллимон буда, ба ин васила, истеъдоду лаёқатҳои омӯзгорон сайқал дода мешавад, ки боиси беҳтар шудани сифати таълим, омода намудани мутахассисони рақобатпазир ба бозори меҳнат, рушди соҳаи маориф ва дар умум, пешрафти Ватани азизамон мегардад. Дар тарбияи насли хештаншиносу меҳандӯст устод-муаллим саҳми назаррас дошта, калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва муваффақиятҳои шогирдон омӯзгори соҳибкасбу болаёқат ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Барои ҳамин омӯзгори ҳақиқӣ ҳамеша бояд дар ҷустуҷӯ бошад ва бештар дар давраҳои такмили ихтисос ва дигар курсу семинарҳои омӯзишӣ иштирок намуда, ба ин тариқ, донишу маҳорати касбии худро сайқал диҳад. Дар баробари ин, омӯзгорро зарур аст, ки пайваста омӯзад, аз таҷрибаи ғании омӯзгорони соҳибмактабу собиқадор истифода барад, адабиёти зарурӣ ва нашрияву маҷаллаҳои соҳаи маориф: **маҷаллаи "Маърифати омӯзгор", нашрияи "Омӯзгор", маҷаллаи "Маорифи Тоҷикистон", маҷаллаи "Масъалаҳои методӣ"**-ро мутолиа намояд, зеро дар роҳи худомӯзӣ ва ҳалли масоили гуногуни таълимиву тарбиявӣ ба омӯзгор роҳнамое хубе мешаванд...

Таваҷҷуҳи бесобиқа ва доимии Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф барои пешрафту гулгулшукуфоии миллату давлат аст, пас мо-омӯзгоронро зарур аст, ҳар як иқдому ташаббусҳои бунёдкоронаву маорифпарваронаи Пешвои маҳбубиҚ миллатро дар соҳаи маориф ҳамовозӣ намуда, сармашқи кори худ қарор диҳем ва барои амалӣ шудани онҳо камари ҳиммат бан-

**Фарзона ИСМАТОВА,**
**мураббии кӯдакистони №132,**
**ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**

# ТАРБИЯИ ҲИССИ ЭҲТИРОМ БА КАЛОНСОЛОН ДАР КӮДАКОН

## Намунаи як машғулият дар гурӯҳи калони томактабӣ

Яке аз вазифаи асосии калонсолон, махсусан, мо-мураббиёну омӯзгорон, ки бештари вақтамон ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон мегузарад, тарбияи дурусти ин қишри ҷомеаи ояндасоз дар руҳияи одобу ахлоқи ҳамида ва фарҳанги дурусти муошират бо бузургон ва эҳтироми калонсолон, махсусан, падару модар ва дигар узви оила мебошад. Бояд гӯям, ки ин вазифаи ҷониву виҷдонии ҳар яки узви ҷомеа ва махсусан, мо-калонсолон аст. Зеро насли калонсол нахустин манбаи пайравии кӯдакон ба ҳисоб мераванд.

Мо низ хостем, як машғулияти муфид ба унвони намуна дар бораи эҳтироми калонсолон дар гурӯҳи калони томактабӣ ба хонандагони маҷаллаи "Маърифати омӯзгор", хусусан, мураббиёни ҷавон пешниҳод кунем, то ки дар оянда ҳангоми гузаштани машғулиятҳо аз он истифода баранд.

**Мақсад аз машғулият:** дар замири кӯдакони гурӯҳи калони томактабӣ тарбия кардани ҳисси эҳтироми калонсолон, инкишофи таваҷҷуҳи кӯдакон ба атрофиён.

**Воситаҳои машғулият:** Нишонаҳо барои викторина, тасвирҳо, рӯнамо, видеоролик (агар имкон бошад), нишони «Хушмуомилаи беҳтарин».

**Рафти машғулият**

**Мураббӣ:** Салом, дӯстрӯякони ман, машғулияти имрӯзаи мо дар бораи ҳурмату эҳтироми калонсолон ва бо онҳо чӣ тавр хушмуомила будан мебошад. Шумо - азизони ман, «Ҳурмати калонсолонро ба ҷо биёр» гуфта, чиро мефаҳмед?

**Бачаҳо:** Ин маънои ба калонсолон салом гуфтан, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, махсусан, автобусу троллейбус ҷойи нишаст додан, ба онҳо ёрӣ расонидан ва дигар амалҳои нек мебошанд.

**Мураббӣ:** Офарин, бачаҳои азиз, аз ҷавобҳои боварибахшатон маълум мешавад, бисёре аз шумо дар бораи эҳтироми бузургон маълумот доред. Аммо дар байнатон ҳоло ҳам ҳастанд шахсоне, ки доир ба ин мавзуъ кам маълумот доранд. Онҳо то ҳол намедонанд, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ-кӯчаву бозор, нақлиёти мусофиркаш ва дигар маконҳои серодам чӣ тавр рафтор намоянд. Барои ҳамин бачаҳои азиз, барои дуруст ва бештар аз худ кардани ин мавзуъ викторина мегузаронем. Викторина аз саволҳо доир ба эҳтироми бузурсолон иборат аст. Шумо бояд бодиққат бошед ва ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавобҳои дуруст гардонед. Ҳар шахсе, ки дуруст ҷавоб медиҳад, соҳиби як нишона мешавад.

**Оғози викторина**

Мураббӣ саволҳоро ба бачаҳо пешниҳод мекунад ва барои ҳар як ҷавоби дуруст нишонаҳо тақдим менамояд.

**Савол:** Бачаҳо вақте ба хонаатон шахси калонсол ворид шаваду шумо нишастаед, дар ин ҳолат шумо чӣ тавр рафтор мекунед?

**Ҷавоб:** Аз ҷоямон хеста, ба ӯ салом дода, ҷойи худамонро пешниҳод мекунем.

**Савол:** Вақте бори аввал дар кӯча, хона ва ё дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо шахси бузургсол вомехӯред, чӣ гуна рафтор мекунед?

**Ҷавоб:** Дар ҷойи худ рост истода, аз рӯйи одоб салом медиҳем.

**Савол:** Вақти мулоқот бо шахси калонсол шумо чӣ гуна рафгор мекунед?

**Ҷавоб:** Дар рӯ ба рӯйи ӯ рост истода, даст ба ҷайб накарда, оромона суҳбат мекунем.

**Савол:** Ба онҳо “ту” гуфта, мурочиат мекунед ё “шумо”?

**Ҷавоб:** Албатта, "шумо" гуфта, сухан мекунем.

**Савол:** Шумо дар кӯчаву хиёбонҳо шахсони калонсоли маъюберо мебинед, ки дар даст бор доранду аз баландие, роҳи мошингарду пиёдагарде гузашта наметавонанд ва ба ёрӣ ниёз доранд. Дар ин ҳолатҳо шумо чӣ кор мекунед?

**Ҷавоб:** Аз дасташон гирифта, мадад мерасонем, то ки ба ҷойҳои бехатар гузаранд.

**Савол:** Бачаҳои азиз, вақте мебинед, ки шахсони калонсол бо ҳам гап зада истодаанд ё дар кунҷе истироҳат доранд, шумо дар ин ҳолат чӣ кор мекунед?

**Ҷавоб:** То вақте ки аз мо сухан напурсанд, ба суҳбати онҳо халал намерасонем. Ҳамзамон, дар вақти истироҳати онҳо баланд намехандему сухан намекунем ва дар гирду атрофашон беҳуда гаштугузор ва бозӣ намекунем.

Баъд аз он ки мураббӣ викторинаро ҷамъбаст мекунад, ба кӯдаконе, ки бештар ҷавобҳои дуруст додаанд, нишонҳои «Хушмуомилаи бехтарин» месупорад.

Баъдан дар бораи эҳтироми калонсолон якчанд сухани насиҳатомез, ба монанди: Писарони азиз, бо суханҳои дағалу бад ва рафтори ношоиста бузургсолон, махсусан, волидони худро наранҷонед. Ҳар гоҳе мебинед, ки онҳо кор карда истодаанд, рафта ба онҳо ёрӣ расонед, бепарво дар гирду атрофи онҳо нагардед ва бозӣ накунед. Дар ягон ҳолат пирони рӯзгордидаро, ки дар даст асо доранд ё каме миёнашон хам задааст ва ё оҳиста роҳ мегарданд, масхара накунед ва ба ҳолашон нахандед, чунки шумо ҳам рӯзе бузурсол мешавед. Ҳамеша ба гапи калонсолон гӯш диҳед ва ҳар насиҳати кардаи онро қабул кунед ва онро дар зиндагии ояндаатон истифода баред. Онҳо аз таҷрибаи зиндагии худ, ки дар тӯли ин солҳо дидаанд, ба шумо мегӯянд, то ки дар оянда ранҷ накашед. Шумо, писарони азиз, ҳамеша ёру мададгори шахсони калонсол бошед. Ҳеҷ гоҳ ба тарафи падару модар ва бобову бибии худ садо баланд накунед ва бо рафтори бади худ онҳоро наранҷонед. Дар назди онҳо эркагӣ накунед, агар ба шумо бозичае ё шириние медиҳанд, бо хушнудӣ қабул намоед ва бо сухани ширин "ташаккур" гӯед. Ин рафтори шумо онҳоро хушҳол ва хушбахт мекунад.

Дӯстрӯякони ман, ҳоло бошад, ба шумо як воқеаеро мегӯям, ки худам шоҳиди он будам. Як субҳи барвақт дар автобус нишаста, коргоҳ мерафтам. Дар яке аз истгоҳҳо автобус мусофиронро фароварда, ҳаракат карданӣ буд, ки ногоҳ як мӯйсафед асо дар даст ворид шуд.

Дар автобус, ки хеле мусофири зиёд дошт, ҷойи нишаст набуд. Дар яке аз курсиҳои автобус ду бародар баҳузур нишаста буданду бо ҳам шӯхӣ карда, механдиданд. Ногоҳ яке аз он бародарон, ки ба синну сол хурд буд, чашмаш ба мӯйсафед афтид. Ӯ аз ҷой хеста, мехост ҷой диҳад, аммо бародари бузургаш, ки ҳамсинну соли шумо буд, аз дасти додараш дошта, намегузошт, ки ба мӯйсафед ҷой диҳад. Дасти ӯро маҷбур мекашид, то ки дар ҷояш баргашта шинад, вале додар, ки одобу ахлоқи баланд дошт, ба тарафи бародари калониаш чунин гуфт:

-Акаҷон, магар шумо фаромӯш кардед, ки модарам чӣ гуфта буданд? Модарам ҳамеша ба ману шумо мегӯянд, ки ҳар вақте ба автобус шахси калонсол медарояд, ҳатман аз ҷоятон хеста, ҷойи нишасти худро ба ӯ пешниҳод кунед.

Писарак баъди ин суханҳо аз ҷояш хеста, мӯйсафедро дар ҷойи худ шинонд.

Мӯйсафед рафтори писаракро дида, хеле хушҳол гашту ба ӯ ва волидонаш барои чунин тарбияи дуруст "ташаккур" гуфт ва дуои нек намуд.

Бо чунин тарз мураббӣ машғулияти худро ҷамъбаст мекунад.

Ин дарс аз ду ҷиҳат барои кӯдакон фоидабахш аст: нахуст, аз тариқи иштироки бевоситаашон дар саволу ҷавоб ва дуюм, дар натиҷаи шунидани ҳикояҳои тарбиявӣ кӯдакон хислатҳои хубу бадро барои худ ташхис медиҳанд ва барои дар оянда пайравӣ кардан меомӯзанд.

Мураббие, ки хислати омӯзишӣ ва ҷустуҷӯиро дорад, ҳатман барои таҳкими мавзуъ аз зарбумасалу мақолҳои халқӣ, шеърҳо ва ҳикояҳои хурду афсонаҳо, бозиҳои нақшдор дар бораи иззату эҳтироми калонсолон бамаврид истифода мебарад.

**Акобир РИОЕВ,**
**корманди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**



# ТАРБИЯИ ҲИССИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ДАР МАҲФИЛҲОИ НАҚҚОШӢ ДАР ЧӮБ




Тоҷикон дар рушди фарҳанги миллӣ, ки як ҷузъи фарҳанги умумиҷаҳонист, нақши босазое доранд. Халқи тоҷик аз даврахои қадим то ба имрӯз соҳиби касбу ҳунар ва анъанаҳои зиёде ҳастанд. Вақти он расидааст, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем, заминаҳои пайдоиш ва марҳилаҳои рушди инкишофи ҳунарҳои мардумиро омӯзем, онҳоро таҳқиқ намуда, ташвиқу таблиғ намоем.

Рушди эстетикии шахсият дар зери таъсири тарбия ба амал омада, қисми таркибии рушди умумии равонӣ мебошад. Дар мавриди хонандагони хурдсол рушди эстетикӣ ҳамчун раванди ташаккули сифатҳои эстетикии шахсият баррасӣ мешавад. Муваффақияти тарбияи эстетикӣ дар раванди ташаккули шахсияти хонандаи хурдсол бештар ба омилҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва равонӣ (сохтори шахсият, ташаккули шахсият, таъсири соҳаи ниёзмандӣ), назариётшиносӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ-миллӣ вобаста аст. Тарбияи эстетикӣ, аз ҷумла, ташаккули муносибати эстетикӣ ба воқеият ва фаъолияти эстетикӣ, самти тарбияи мактаббачагонро ба арзишҳои умумиинсонӣ тавассути фарҳанги миллӣ пешбинӣ мекунад. Зеро фарҳанг ҳамчун сатҳи муайяни таърихии рушди ҷомеаи неруҳои созанда ва хусусиятҳои инсонӣ яке аз омилҳои тарбияи эстетикӣ ҳисобида мешавад.

Тарбияи эстетикӣ ҳамон таҳкурсии маънавиест, ки ваҳдати муносибат ва вобастагии мутақобилаи ботинии зуҳуроти мухталифи ҳаёти маънавии инсон ва тамоми ҷамъиятро таъмин менамояд. Тарбияи эстетикӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим арзи вуҷуд дошт. Шоир ва файласуфи олмонӣ Шиллер Фридрих гуфтааст: «Барои инсони фикркунанда ва эҳсоскунандаро тарбия кардан, онро бояд ба воситаи зебоипарастӣ талқин намуд». Тарбияи эстетикии ҷавонон ҷараёни бомаромест, ки дар инсон муносибатҳои эстетикиро нисбат ба воқеият ташаккул медиҳад. Ин муносибатҳо бо пайдоиши ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омада, пайваста бо он инкишоф меёбад ва қисми таркибии фаъолияти моддию маънавии инсон гардидааст.

Коршиносон бар ин назаранд, ки ба инсон натанҳо табиат ва санъат, инчунин, дигар масъалаҳо: меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ, муҳити атроф, маишат ва рафтори инсонҳо низ таъсири мусбат мерасонад ва ҳисси баланди зебоипарастиро дар инсон пайдо менамояд.

Тарбияи эстетикии ҷавонон дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби замон ба шумор меравад, ки асоси он ба пешравии илм, техника, технология ва инноватсия вобаста аст. Риояи сару либос, истифодаи телефонҳои мобилӣ, риояи қоидаҳои муошират, рафтору гуфтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, оила ва муассисаҳои таълимӣ аз ҷавонон муносибати махсуси фарҳангӣ, этикӣ ва эстетикиро талаб менамояд.

Ба ақидаи олими машҳури рус Н.Н. Ярошенко **«На танҳо муҳити маданӣ, балки чорабиниҳои маданӣ-маиширо ҳам такмил додан зарур аст, зеро он дар тарбияи эстетикии ҷавонон таъсири мусбат мерасонад»**.

Чӣ тавре ки қайд кардем, дар тарбияи эстетикӣ

санъат ва шаклҳои гуногуни он воситаи пурсамари тарбияи насли наврас мебошад. Аз ҷумла, баргузории маҳфилҳои мактабӣ доир ба омӯзиши ҳунарҳо: дӯзандагӣ, кандакорӣ, наққошӣ, зардӯзӣ ва монанди инҳо, муваффақиятҳои худро дорад ва ҳаёту маишати мардумро боз ҳам зеботар мекунад.

Машғулиятҳо дар маҳфилҳо, аз омӯзгор талаб мекунад, ки мувофики равияи ҷудокардашуда, дарсҳои назариявӣ, методӣ ва саволҳои иҷрои кори амалиро кор кунанд. Зарурияти ин касбҳо: хусусияти наққошӣ дар маснуоти чӯбӣ, ки он натиҷаи кори эҷодӣ ва таълимӣ, хусусиятҳои технологӣ, алоқаи он бо муҳити моро иҳотакунанда мебошад, ки он аз шароити муассиса вобаста буда, талаботи эстетикаи техникӣ оид ба ташкили корҳои маҳфилро дар бар мегирад.

Қадами аввалини санъати наққошӣ шиносоӣ бо таърихи инкишофи он, қонуни инкишофи эҷодиёти бадеӣ ва санъати декоративӣ-амалӣ мебошад, ки бо он дар хонанда мафҳуми дурусти эҳсосоти санъат бармеояд. Аз рӯйи олоти меҳнатӣ, асбоби хона, ки аз қадим то ба мо расидаанд, оид ба ҳаёт ва маишати гузаштагонамон хулоса карда мумкин аст.

Косибону ҳунармандон дар вақти сохтани ин ё он ашё вуҷуди худро ворид сохта, зебопарастии худро нишон додаанд, ки гӯё ҳар яки он асар бо мо суҳбат мекунад.

Вазифаи омӯзгор таълими наврасон оид ба дурустии асарҳои устои мардумӣ, дуруст фаҳмонидани фикру андешаи усто дар бораи он воситаҳое, ки аз тарафи устоҳои мардумӣ ба кор меравад, мебошад. Барои ин хонанда моҳияти наққоширо бояд фаҳмад, ки чӣ тавр устои мардумӣ ин асарро офарид, чӣ тавр нақш (расм ва лавҳа)-ро аз зиндагонӣ гирифтааст. Корҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар маҳфилҳо оид ба наққошӣ дар чӯб такмилдиҳии кайфият ва психологияи хонандагон аст. Наққоши пуртаҷриба барои сафарбар кардани хонандагон, наққошиҳои хуби худ ё асарҳои устоҳои номварро намоиш дода, таҳлил кунад. Омили хубтарини тарбия намоиши иҷрои нақшу нигори «гирех» мебошад. Ба вежа, узор-нақш, нақшу нигор, гулдузӣ; орнамент-нақш, гул, гулбурӣ, нақшу нигор, гулҳои растаниҳо ва ғайра. Нақшу нигори гулҳо ва растаниҳо гуногуншакланд, ки аз хатҳои каҷ дар шакли камон (қавс), каҷак (ҳалқаи мӯй, зулф, печу тоб), мавҷҳо иборат мебошанд. Унсурҳои асоснок, бодом, (қаламфур) занҷабил ва ғайра мебошанд. Ҳаракати дасти усторо дида, ки дар он печутоби гулҳо, нақшу нигор, нозук гузаштани роҳҳо ошкор мегардад, хонандагон кӯшиш мекунанд, ки бо кайфияти баланд амалиёти усторо такрор кунанд.

Мураккабии кори роҳбари маҳфил дар он аст, ки наққошӣ дар чӯб истилоҳи ягона надорад. Ҳар як омӯзгор, роҳбари маҳфил, устои нақшу нигорро аз нуқтаи назари худ таҳлил мекунад (мефаҳмонад), ки дар он элементҳои нақшу нигори гузаштагонамон истифода бурда мешаванд.

Арбобони санъати наққошӣ дар суҳбатҳои худ ба хулоса омадаанд, ки унсурҳои асосии нақшро дар шакли графикӣ тасвир кардан мумкин аст, аз ҷумла, барг, бодом, банд, ҷуфтбанд, роҷ, ситорагул, барги гул, моҳи пурра, се барг, гули пахта ва дигарҳо.

Хонандагонро бо терминҳои қабулшуда, ба монанди образи бадеӣ, композитсия, колорит ва ғайраҳо, шиносонидан лозим аст.

Таҷрибаҳои бисёрсола нишон медиҳад, ки наврасон рангҳо, номи рангҳо, характеристика, тобиш, рангҳои баланду паст ва ғайраҳоро, тез аз худ мекунанд. Қонуни рангкунӣ, нисбат ба рангҳои табиӣ шартӣ мебошад ва ҳар як ранги нақшу нигори композитсия роли худро дорад. Рангҳои гармоникӣ бо ҳам бояд мувофиқ оварда шаванд.

Қисмҳои асосии нақш (фон-зер, таг) - зерранги наққошӣ бояд ҷудо шавад. Суроби расм ба вай мураттабӣ (муназамӣ) илова мекунад.

Инкишофи малакаи техникии хонанда бегуфтугӯ дар чараёни кори дуру дароз ва дар натиҷаи машқҳои махсус, ки дар он амалиёт такрор ба такрор иҷро карда мешавад, ки такмил дода мешавад. Кору омӯзиш бояд пай дар пай иҷро шуда, систематик бошад ва бо гузаштан аз кори сода ба мураккаб ба роҳ монда шавад.

Такмилёбии маҳорати техникӣ дар натиҷаи корҳои ҳаррӯза ва системавӣ ба амал меояд. Барои он ки машқҳо мақсаднок шаванд, онҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Узви маҳфил бояд донад, ки натиҷаи кораш чӣ мешавад.

2. Баъди иҷрои ҳар як қисми машқ хонанда бояд натиҷаи онро донад, давоми корро фаҳмад, камбудиҳои худро бояд эҳсос карда, онҳоро бартараф карда тавонад.

3. Машқҳои аввалин дар зери назорати омӯзгор мегузаранд ва бо мурури пайдо кардани малака корҳо мустақилона иҷро карда мешаванд.

4. Машқҳо бояд гуногун бошанд (хонанда бо технологияи офаридани фақат як предмет машғул набошад). Хонандагон бояд бо амалиёти гуногуни

иҷрои кор шинос шуда, фаъолият дошта бошанд.

**Методикаи гузаронидани машғулияти маҳфилҳо дар муассисаҳои таълимӣ**

Роҳбари маҳфил бо асосҳои одитарини тарзи ташкили илмии меҳнат, инчунин, қонунияти равонии инкишофи наврасон бояд шинос бошад. Ӯ машғулиятро ҳамчун мухассиси кордон ба роҳ монда, хусусиятҳои синнусолии наврасонро аз эътибор дур накунад.

Хусусияти машғулияти маҳфил (наққошӣ) дар муассиса ихтиёрӣ буда, бачаро ҳеҷ гоҳ маҷбур набояд кард. Наврас метавонад, қисми корҳоро мустақилона дар хона иҷро кунад, яъне, иштирок ба пуррагӣ ҳатмӣ нест. Он аз ҳавасмандии наврас дар рафти эҷодкорӣ вобаста аст.

Аз ҷараёни эҷодкорӣ насли наврас қаноатманд шуда, ҳунарро то дараҷае ёд мегирад, ки барояш зарур аст. Ҳолатҳое мешаванд, ки наврас барои аз худ кардани ҳунар иштироки худро системанок месозад. Ин майл душворӣ ва муаммои зиёдро паси сар мекунад.

Агар одами калонсол дар ҳаёт ҳамчун шахсият характери такмилёфта, ҷаҳонбинии васеъ, эҳсосот, маданияти баланди фикркуниро дошта бошад, дар наврас он дар савияи такмил ёфтан аст. Савияи маданиии наврас аз маълумоти аз муҳити атроф гирифтааш вобаста аст.

Алоқаҳои динамикии мағзи сар, ки дар кӯдакӣ ва наврасӣ пайдо мешаванд, сабабгори инкишофи минбаъдаи хусусиятҳои маънавии наврас мешаванд.

Маҳфилҳо дар шуури наврас маъсулияти махсусро пайдо мекунанд. Бояд аз ёд набаровард, ки интихоби дурусти корҳои иҷрошаванда, ҷамъи нақшу нигор дар равияҳои расмкашӣ, асбобҳои босифат, азхудкунии биноҳои замонавӣ ва қадима, рангубордиҳии нақшу нигор, саёҳатҳо ва ғайра, тасаввурот ва эҳсосоти фардро васеъ мекунад.

Дар ҳаёти мардум бисёр намудҳои корҳои санъати декоративӣ-амалӣ истифода мешаванд. Дар бисёр хонаводаҳо маҳсулоти қадима нигоҳ дошта мешаванд, ки онҳо асарҳои ҳақиқии санъат мебошанд. Бисёре аз он намунаҳо дар осорхонаҳо нигоҳ дошта мешаванд. Нусхаи декории ҳайкалҳои қадимаи лоиҳакашон бо нақшу нигораш базаи методии маҳфилро бой мегардонад. Он асарҳо дар мадди аввал он қадар ба чашм намерасанд, аммо дар вақти муфассал дида баромадан аён мегарданд.

Фард дар кӯдакӣ гуфтаҳои роҳбари маҳфилро хуб ва дуруст қабул мекунад, ки ин кори тарбиявӣ дар вақти гузаштани вақт (ҷавонӣ, калонсолӣ) мушкил мегардад. Одами калонсол гуфтаҳои омӯзгорро мантиқан дуруст эҳсос мекунад, вале кор барои наврасон ва ҷавонон мушкилиҳои зиёдеро пеш меорад. Барои калонсол масолеҳи зарурӣ пешкаш карда шавад кифоя аст, аммо барои хурдсолон, роҳбари маҳфил бояд системаи машғулиятҳоро то охири таълим дар раванди машғулият кор карда барояд.

Усулҳои таълимоти аввалаи наққошӣ дар чӯб, ки дар муассисаҳо истифода мешаванд, барои инкишофи эҷодии наврасон набуда, балки ба ҳунаромӯзӣ, ҳунармандӣ равона карда шудааст, асосан, машқҳо нусхабардории композитсияи нақшу нигорҳо мебошад.

**Табақтарошӣ** низ як навъ ҳунарест, ки ба соҳаи чӯбкорӣ алоқаманд аст. Табақ ва таомҳои табақиро бештар дар ҷануби мамлакат истифода мебаранд. Тавассути табақ мардуми тоҷик таомҳои дастаҷамъиро тановул менамоянд. Ба ибораи дигар он зарфест, ки аҳли оиларо ба ҳам муттаҳид намуда, гирди як дастурхон ҷамъ меоварад.

Табақтарошӣ дар шароити кунунӣ яке аз ҳунарҳои фаъол ва рушдкарда ба шумор меравад. Солҳои пешин ҳунармандон дӯконҳои табақтароширо ба мисли осиёбҳои обӣ болои ҷӯю дарёчаҳо месохтанд. Зеро барои мудаввару сӯфта кардан ҳатман бояд дастгоҳро қувваи об давр мезанонд. Бинобар гуфтаи устоҳои табақтарош пештар барои сохтани як табақ аз се то ҳафт рӯз сарф мешуд. Ҳоло бошад, чанд асбоби замонавӣ барои табақтарошӣ истифода мешаванд, ки кори устоҳои табақтарошро дучанд сабуктар намудаанд.

Ҳамин тариқ, ҳунарманд пас аз буридан қисми муайяни дарахтро, ки барои як табақ ҷудо мегардад, ба дастгоҳи барқӣ, ки онро муҳаррик давр мезанонад, насб менамояд. Усто тавассути ин дастгоҳ дар муддати хеле кӯтоҳ онро ба шакли табақ омода менамояд. Ба гуфтаи усто дастгоҳи барқӣ барои табақтарошӣ нисбат ба чархи обӣ хеле осону муфид аст, зеро он яклухт кор мекунад. Чуноне ки гуфтем, заҳмати нисбатан камтар, истифодаи сарфакоронаи чӯб ва дигар омилҳои техникӣ боиси он шудаанд, ки нархи табақҳо нисбат ба солҳои қаблӣ арзонтар ва дастрас гардидаанд.

Бо чунин равиш муаррифии кор, сифати кор ва усулҳои кори устоҳо метавонад ба раванди такмили тафаккури зебоипарастии наврасону хонандагон мусоидат намояд.

Резагул БУРҲОНОВА,
омӯзгори фанни математикаи Гимназияи №1
барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе



# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР СИНФҲОИ 5 ВА 6



Методикаи таълими математика дар синфҳои 5 ва 6 барои рушди тафаккури мантиқӣ, малакаҳои ҳисобкунӣ ва қобилияти татбиқи донишҳои математикӣ дар ҳаёти ҳаррӯза равона шудааст.

**1. Ҳадафҳои таълими математика**

Баланд бардоштани малакаҳои асосии ҳисобкунӣ (ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим). Шиносоӣ бо ададҳои бутун, касрҳои одӣ ва касрҳои даҳӣ. Омӯзиши қонунҳо ва қоидаҳои асосии арифметикӣ ва геометрӣ. Инкишофи тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ. Рушди малакаи ҳалли масъалаҳои амалӣ.

**2. Принсипҳои таълим**

**а) Принсипи аёнӣ.** Истифодаи расмҳо, диаграммаҳо, моделҳои геометрӣ ва таҷрибаҳои интерактивӣ барои фаҳмондани мафҳумҳо.

**Мисол:** ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳо, истифодаи торти ҷудошуда барои нишон додани ҳиссаҳо (1/2, 1/4 ва ғайра).

**б) Принсипи пайдарпайӣ ва системанокӣ.** Мавзуъҳо аз сода ба мураккаб бо риояи мантиқи омӯзиш пешниҳод карда мешаванд.

**Мисол:** пеш аз омӯзиши тақсимоти ададҳои касрӣ, хонандагон бояд зарби касрҳоро хуб дарк намоянд.

**в) Принсипи фаъолгардонӣ ва худфаъолият.** Ҳавасмандсозии хонандагон барои иштирок дар раванди таълим ва ҳалли мустақили масъалаҳо.

**Мисол:** додани масъалаҳои мантиқӣ, ки хонандагон худашон бояд роҳҳои ҳалли онҳо-

ро пайдо кунанд.

**г) Принсипи амалӣ ва татбиқотӣ.** Пайваст кардани донишҳои математикӣ бо воқеияти зиндагӣ ва шароити амалӣ.

**Мисол:** ҳисоб кардани арзиши умумии харид дар мағоза бо истифодаи амалҳои арифметикӣ.

**3. Усулҳои таълими математика**

**а) Усули фаҳмондадиҳӣ (шарҳдиҳӣ).** Муаллим мавзуъро бо мисолҳо ва тавзеҳот фаҳмонда, хонандагонро ба муҳокима ҷалб мекунад.

**Мисол:** фаҳмондани тарзи ҷамъ ва тарҳи ададҳои касрӣ бо мисолҳои амалии ҳисобкунӣ.

**б) Усули ҳалли масъалаҳо.** Ҳалли масъалаҳо ва машқҳо барои таҳкими малакаҳо ва дарки беҳтари мавод.

**Мисол:** ҳисоб кардани периметр ва масоҳати росткунҷа бо додани дарозии тарафҳо.

**в) Усули бозӣ ва интерактивӣ.** Бозиҳои математикӣ барои баланд бардоштани шавқи хонандагон ва такмили малакаҳо.

**Мисол:** бозии "Кӣ зудтар ҳал мекунад?" барои ҳисоб кардани мисолҳои арифметикӣ.

**г) Усули кори гурӯҳӣ.** Кори дастаҷамъона барои ҳалли масъалаҳо ва мубодилаи донишҳо байни хонандагон.

**Мисол:** кор дар гурӯҳ, барои ҳал кардани як масъалаи мураккаб, ки ҳар як хонанда саҳм мегузорад.

**д) Усули технологияҳои иттилоотӣ.** Истифодаи компютерҳо, видеоҳо ва барномаҳои интерактивӣ барои беҳтар фаҳмидани мавзуъҳо.

**Мисол:** истифодаи замимаҳои таълимӣ барои омӯзиши геометрия.

**4. Мундариҷаи таълим**

**Дар синфи 5:** Амалҳои арифметикӣ бо ададҳои натуралӣ ва касрӣ, ҳисобҳои даҳӣ ва қоидаҳои асосии онҳо, масоҳат ва периметри росткунҷа, муодилаҳои сода.

**Дар синфи 6:** Ададҳои манфӣ ва амалҳои арифметикӣ бо онҳо, тақсимоти ададҳои касрӣ ва даҳӣ, масоҳат ва ҳаҷми шаклҳои геометрӣ.

**5. Арзёбии дониш ва малакаҳо**

Санҷишҳои хаттӣ ва тестҳо барои санҷидани дараҷаи фаҳмиши хонандагон. Машқҳои амалӣ, иҷрои масъалаҳо дар дафтар барои таҳкими малакаҳо. Мусоҳиба ва саволу ҷавоб: муаллим савол медиҳад, хонандагон ҷавоб медиҳанд. Лоиҳа ва кори мустақилона бо таҳияи ҳисобҳои амалӣ ва таҳлили масъалаҳо.

Методикаи таълими математика дар синфҳои 5 ва 6 бояд шавқовар, интерактивӣ ва амалӣ бошад. Омӯзгорро мебояд усулҳои гуногунро мутобиқ ба сатҳи дониши хонандагон истифода барад, то ки онҳо на танҳо қоидаҳои математикӣ, балки роҳҳои истифодаи онҳоро дар ҳаёт хуб дарк кунанд. Таълими математика дар синфҳои 5 ва 6 яке аз марҳилаҳои муҳим мебошад. Дар ин синфҳо хонандагон бо мафҳумҳои муҳим шинос шуда, малакаҳои асосии математикӣ ва мантиқии худро инкишоф медиҳанд.

**1) Гузариш аз арифметика ба алгебра ва геометрия.** Дар синфи 5 такмили мафҳумҳои арифметикӣ идома меёбад (ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим, ҳиссаҳо, ададҳои касрӣ ва даҳӣ). Дар синфи 6 шиносоӣ бо мафҳумҳои ибтидоии алгебра ва геометрия оғоз мешавад (ифодаҳои ҳарфӣ, тағйирёбандаҳо, масоҳат ва ҳаҷм).

**2) Тақвияти тафаккури мантиқӣ ва абстрактӣ.** Хонандагон дарк мекунанд, ки математика на танҳо ҳисобкунии рақамҳо, балки таҳлили мантиқӣ ва ҳалли масъалаҳои абстрактӣ мебошад. Масъалаҳои мураккабтар пешниҳод карда мешаванд, ки дар онҳо зарурати истифодаи стратегияҳои гуногун ба миён меояд.

**3) Татбиқи дониш дар амал.** Омӯзиш бо мисолҳои аз ҳаёти воқеӣ алоқаманд гузаронида мешавад (нақшаи буҷет, сохтан ё чен кардани масоҳати майдон ва ҳисоб кардани вақти ҳаракат дар нақлиёт). Ҳалли масъалаҳо бо истифода аз маълумоти оморӣ ва диаграммаҳо.

**4) Кор бо формулаҳо ва қоидаҳои математикӣ.** Дар синфи 5 хонандагон бо формулаҳои одӣ, монанди ҳисоб кардани масоҳати росткунҷа ва периметр шинос мешаванд. Дар синфи 6 истифодаи формулаҳои мураккабтар, монанди масоҳати секунҷаи росткунҷа ва ҳаҷми ҷисмҳои геометрӣ оғоз мегардад.

**5) Мавҷудияти унсурҳои тадқиқот ва кашфиёт.** Ба хонандагон имконият дода ме-

шавад, ки масъалаҳои худро мустақилона таҳлил ва ҳал кунанд. Омӯзиши роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо барои ташаккули эҷодкорӣ ва тафаккури мантиқӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи усулҳои таълими интерактивӣ. Бозиҳои математикӣ, тестҳо, барномаҳои интерактивӣ ва технологияҳои рақамӣ истифода мешаванд. Машғулиятҳои гурӯҳӣ ва муҳокимаи роҳҳои ҳалли масъалаҳо барои афзоиши ҳамкорӣ миёни хонандагон.

**6) Таваҷҷуҳ ба рушди малакаҳои ҳисобкунӣ.** Баланд бардоштани суръати ҳисобкунии зеҳнӣ ва истифодаи стратегияи тезҳисобкунӣ. Мустаҳкам кардани малакаҳои кор бо ҳиссаҳо ва ададҳои даҳӣ. Хусусиятҳои таълими математика дар синфҳои 5 ва 6 ба гузариш аз малакаҳои асосии арифметикӣ ба алгебра ва геометрия, рушди тафаккури мантиқӣ ва истифодаи дониш дар амал равона шудаанд. Омӯзгорон бояд усулҳои гуногунро истифода баранд, то хонандагон математикаи амалӣ ва шавқоварро омӯхта, малакаҳои таҳлил ва ҳалли масъалаҳоро инкишоф диҳанд. Таълими математика дорои хусусиятҳои худ мебошад, ки ба рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил ва татбиқи дониш дар амал мусоидат мекунанд.

**1. Хусусияти илмӣ.** Математика асоси илмӣ дорад ва таълими он бояд ба далелҳо, мантиқи дақиқ ва қонунҳои математикӣ асос ёбад. Ҳар як мафҳум ва қоида бояд бо далелҳо ва мисолҳои асоснок фаҳмонида шавад.

**2. Хусусияти мантиқӣ ва пайдарпайӣ.** Дарсҳои математика бояд бо риояи мантиқи рушди дониш пешниҳод карда шаванд. Аввал мафҳумҳои сода ва пасон мураккабтар омӯхта мешаванд. Масалан, пеш аз омӯзиши тақсимот хонандагон бояд ҷамъ, тарҳ ва зарбро хуб дарк кунанд.

**3. Хусусияти абстрактӣ ва аёнӣ.** Математика фанни абстрактӣ аст, вале барои дарки беҳтар бояд бо усулҳои аёнӣ, диаграммаҳо, моделҳо ва воситаҳои таълимӣ омӯзонида шавад. Масалан, ҳангоми фаҳмонидани ҳиссаҳо метавон аз расмҳо ё моделҳои воқеӣ (себ, торт) истифода бурд.

**4. Хусусияти амалигардонӣ ва татбиқӣ.** Дониши математикӣ бояд дар ҳаёти воқеӣ татбиқ карда шавад. Хонандагон бояд омӯзанд, ки чӣ гуна аз математика дар масъалаҳои рӯзмарра, монанди ҳисоб кардани масоҳати хона, идораи буҷет ва ҳисобҳои муҳандисӣ истифода баранд.

**5. Хусусияти инкишофи тафаккур.** Математика на танҳо дониш медиҳад, балки тафаккури мантиқӣ, таҳлилӣ ва алгоритмиро инкишоф медиҳад. Ин фан ба донишҷӯён ёрӣ медиҳад, то масъалаҳоро аз чанд ҷиҳат таҳлил кунанд ва роҳи беҳтарини ҳалро ёбанд.

**6. Хусусияти тахмин ва таҳлил.** Таҳлили масъалаҳо, пешгӯии натиҷаҳо ва тахмини равандҳои гуногун яке аз хусусиятҳои муҳими математика мебошад.

**7. Хусусияти такрор ва мустаҳкамкунии дониш.** Барои дар хотир нигоҳ доштани дониш ва малакаҳо бояд онҳоро такрор ва бо машқҳои гуногун мустаҳкам кард.

**8. Хусусияти шахсиятнок ва инфиродӣ.** Ҳар як хонанда қобилияти хоси хешро дорад, бинобар ин, омӯзиши математика бояд бо дарназардошти сатҳи дониши онҳо сурат гирад.

Таълими математика бо хусусиятҳои илмӣ, мантиқӣ, абстрактӣ ва амалӣ хос мебошад. Барои самаранокии омӯзиш, бояд усулҳои гуногун, аз ҷумла, усулҳои аёнӣ, интерактивӣ ва амалиро истифода бурд.

**Принсипи аёнӣ дар таълими математика.** Принсипи аёнӣ яке аз муҳимтарин усулҳои таълим мебошад, ки дар таълими математика барои осон кардани дарки хонандагон васеъ истифода мешавад. Ин принсип маънои онро дорад, ки маводи таълимӣ бо истифода аз воситаҳои аёнӣ, моделҳо ва мисолҳои мушаххас фаҳмонида мешавад.

**Аҳаммияти принсипи аёнӣ.** Хонандагон беҳтар ва зудтар маводи навро дарк мекунанд. Онҳо имкон доранд, ки мафҳумҳои абстрактиро тавассути мисолҳои воқеӣ фаҳманд. Аз ин амал ҳавасмандии хонандагон ба дарс зиёд мешавад ва саводи амалӣ ва малакаҳои таҳлилию мантиқии онҳо инкишоф меёбанд.

**Воситаҳои аёнӣ дар таълими математика**

***- Асбобҳои таълимӣ-чӯбчаҳо, ҳисобку-***

***накҳо, кортҳои рақамӣ;***

***- диаграммаҳо ва ҷадвалҳо, истифодаи графикҳо ва диаграммаҳо барои нишон додани робитаи байни ададҳо;***

***- шаклҳои геометрӣ, муодилаҳо ва ҳодисаҳои геометриро бо истифодаи моделҳо ва нақшаҳо фаҳмонидан;***

***- барномаҳои интерактивӣ-видеодарсҳо ва бозиҳои таълимӣ;***

***- масъалаҳои воқеӣ-ҳисобҳои марбут ба ҳаёти рӯзмарра, монанди ҳисоб кардани масоҳати хона, маблағи хароҷот ва ғайра.***

**Мисоли истифодаи принсипи аёнӣ.** Агар омӯзгор хоҳад, ки ба хонандагон мафҳуми ҳиссаҳоро фаҳмонад, ӯ метавонад, як доираи коғазиро гирифта, онро ба қисмҳо (1/2, 1/3, 1/4) бурида нишон диҳад, ё ки бо истифода аз меваҳо, масалан, себро ба ду ё чор қисм ҷудо кардан, онро фаҳмонад. Дар тахтаи синф расм кашида, нисбатҳои ҳиссавиро нишон диҳад.

Принсипи аёнӣ воситаи муассирест, ки ба хонандагон ёрӣ мерасонад, то математикаро на танҳо ҳамчун назария, балки ҳамчун фанни амалӣ дарк кунанд. Истифодаи ин усул омӯзишро шавқовар ва фаҳмо месозад. Усулҳои таълими математика маҷмуи роҳҳо ва усулҳое мебошанд, ки барои омӯзонидани дониш ва малакаҳои математикӣ ба хонандагон мадад мерасонад. Ин усулҳо вобаста ба синну соли хонандагон, сатҳи дониши онҳо ва ҳадафҳои таълимӣ интихоб карда мешаванд. Истифодаи усулҳои гуногун дар таълими математика ба самаранокии раванди омӯзиш мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд вобаста ба синф ва сатҳи омодагии хонандагон усулҳои мувофиқро интихоб намуда, шавқу рағбати онҳоро ба фанни математика афзоиш диҳанд.

**Масъалаҳо аз ҷиҳати сохт дар ҳамин сатҳ ду намуд мешаванд:**

- **Масъалаҳои математикӣ ва геометрӣ.**
- **Масъалаҳои арифметикӣ.**

**Масъалаи ҷамъ ва тарҳ:** Аҳмад 125 сомонӣ дошт. Ӯ 48 сомонӣ барои харидани дафтар ва 32 сомонӣ барои қалам сарф кард. Чанд сомонӣ боқӣ монд?

**Ҳал:** 125 – 48 – 32 = 45.

**Ҷавоб:** 45 сомонӣ.

**Масъалаи зарб ва тақсим.** Дар боғ 6 қатор дарахт мавҷуд аст ва дар ҳар қатор 8 дарахт шинонда шудааст. Дар боғ ҳамагӣ чанд дарахт мавҷуд аст?

**Ҳал:** 6×8=48.

**Ҷавоб:** 48 дарахт.

**Масъала бо ададҳои касрӣ.** Як рӯзнома аз 24 саҳифа иборат аст. Омина дар як рӯз 3/4 қисми онро хонд. Ӯ чанд саҳифаро хондааст?

**Ҳал:** 24:4×3=18;

**Ҷавоб:** 18 саҳифа.

**Масъалаи вақт ва суръат.** Як велосипедрон бо суръати 15 км/соат ҳаракат мекунад. Дар 4 соат ӯ чанд километр роҳ тай мекунад?

**Ҳал:** S = v × t.    S = 15 км/соат × 4 соат = 60 км.

**Ҷавоб:** 60 км.

**2. Масъалаҳои геометрӣ.**

**Масъалаи периметр.** Дарозӣ ва бари росткунҷа 12 м ва 8 м мебошанд. Периметри он чанд метр аст?

**Ҳал:** P = 2 (12 + 8) м= 2 × 20 м = 40 м

**Ҷавоб:** 40 м.

**Масъалаи масоҳат.** Масоҳати росткунҷае, ки дарозияш 10 см ва бараш 6 см аст, чанд сантиметри квадратӣ мешавад?

**Ҳал:** S = 10 см × 6 см = 60 см2.

**Ҷавоб:** 60 см$^2$.

**Масъалаи масоҳати секунҷа.** Агар баландии секунҷа 7 см ва асосаш 10 см бошад, масоҳати он чанд см$^2$ мешавад?

**Ҳал:** S = (10 × 7) : 2 = 35 см$^2$

**Ҷавоб:** Масоҳати секунҷа ба 35 см$^2$ баробар аст.

**Масъалаи ҳаҷми куб.** Як қуттӣ шакли куб дорад, ки ҳар яке аз тарафҳои он 5 см мебошад. Ҳаҷми он чанд сантиметри кубӣ мешавад?

**Ҳал:** V = 5$^3$ = 125 см$^3$

**Ҷавоб:** Ҳаҷми куб ба 125 см$^3$ баробар аст.

**Масъалаи масоҳати давра.** Агар радиуси давра 4 см бошад, масоҳати он чанд см$^2$ мешавад?

**Ҳал:** S = $\pi r^2$ = 3,14 × 4$^2$ = 3,14 × 16 = 50,24см$^2$

**Ҷавоб:** масоҳати давра 50,24 см$^2$ аст.

**Дилором АМИНОВА,**
**омӯзгори фанни забони англисӣ,**
**вилояти Суғд**



# МАСОИЛИ ФОНЕМАҲОИ САДОНОК ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ махсуб шуда, амри Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ доир ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба тасвиб расидааст. Мақолаи мазкур метавонад барои омӯзгорони забони англисӣ ҳамчун маводи ёрирасони методӣ хидмат кунад.

Фонетика як қисми илми забоншиносиест, ки ҷиҳати овозии забонро меомӯзад. Ҷиҳати овозии забон тамоми воситаю воҳидҳоеро дарбар мегирад, ки барои сохтану шинохтани воҳидҳои маънодори забон истифода мешавад. Масалан, калимаи **plate**, ки аз чор овоз: **[p], [l], [ei] ва [t]** иборат аст, маҳз туфайли мавҷудияти ҳамин овозҳо он ҳамчун воҳиди мустақили забон вуҷуд дорад ва аз калимаҳои дигар фарқ мекунад: дар сурати тағйир додани миқдори овозҳо ин калима ба воҳиди лексикии дигар табдил меёбад ё батамом аз байн меравад. Сониян, овозҳои таркиби калимаи **plate** тартиби муайян доранд ва он барои мавҷудияти ин калима муҳим аст, зеро дар сурати халалдор гардидани тартиби онҳо ин калима ба силсилаи овозии бемаъно табдил меёбад. Дар мавриди вайрон шудани сохти ҳиҷогӣ ва тартиби ҳиҷоҳои ин калима низ ҳамин натиҷа ҳосил хоҳад шуд.

Мувофиқи қоидаҳои боло метавон дар системаи фонемаҳои садоноки забони англисӣ тазоддҳои зеринро фарқ кард: садонокҳои пеш садонокҳои тазодро ташкил карда, дар навбати худ ҳар яки онҳо алоҳида бо садонокҳои омехта тазоддро ташкил мекунад.

Садонокҳои кушода, садонокҳои баста, садонокҳои дорои артикулятсияи устувор, монофтонгҳо, дифтонгҳо, садонокҳои дароз, кӯтоҳ, лабӣ ва ғайрилабӣ мавҷуд аст. Ҳамин тавр, дар таркиби садонокҳои англисӣ 12 монофтонг - **[i], [a:], [x], [u], [u:], [ ə], [ ə:], [e], [ɔ:], [A], [i;]**-ро фарқ мекунем. Дифтонги 10-ум [ɔə] фонемаи мурдаистода ба ҳисоб меравад, чунки дар аксари ҳолат бо фонемаи **[ɔ:]** иваз мешавад: дар талаффузи баъзе англисзабонҳо ин ивазшавии овоз мушоҳида мешавад, бо вуҷуди он ки ин ивазшавӣ ба пайдоиши омилҳои зерин бурда мерасонад: **[pɔ:]-paw, pour, pore; [l ɔ:]-law, lore ва [sɔ:] –saw, soar.**

Мо наметавонем, ҳамаи адабиёти ба фонетика бахшидашударо шарҳу мушоҳида кунем. Аз ин рӯ, танҳо бо корҳои А.Ф. Биршерт «Ба масъалаи системаи фонемаҳои забони адабии англисӣ» маҳдуд мешавем, чунки кори ӯ дар забоншиносии Шуравӣ ягона коре мебошад, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудааст. Инчунин, китоби дарсии В.Н. Витамский, ки дар макотиби олӣ мавриди истифода қарор дорад, корбаст шудааст. Аз муҳаққиқони хориҷ мо ба Джоунж, ки дар масъалаи фонетикаи забони англисӣ дар Англия машҳур аст, рӯ овардаем. Инчунин, истилоҳи «варианти позитсионӣ» истифода шудааст.

Тазодди охирин хеле суст ифода ёфтааст, чунки танҳо садоноки лабии **[ɔ]** бо садоноки ғайрилабии **[A]** тазодро ташкил медиҳад. Садонокҳои лабӣ дар забони англисӣ хеле кам истифода мешавад. Дар ин масъала мо бо муҳаққиқ Витамский дар ақидаҳои гуногун мебошем. Ӯ пешниҳод мекунад, ки «ин ивазшавӣ ба ҷиҳати семантикии калимаҳо ягон хел таъсир намерасонад».

Дар ҳолатҳои нисбатан кам, ки дар онҳо тафовути маънавии калима ба тазодди **[ɔ:]- [ɔə]** вобаста аст, ки ба як фонемаи **[ɔ:]** муттаҳид шудани онҳо имконпазир аст. Фарз мекунем, тафовути овозҳои **[ɔ:] ва [ɔə]**-ро танҳо насли калонсол дуруст фарқ мекунанд, аммо насли ҷавон байни онҳо фарқияте намегузарад ва дар ҳама ҳолат **[ɔ:]** талаффуз мекунанд. Дар ҷадвал мо **[ɔə]**-ро дар қавси нимдоира гирифтем, то ки ҳатмӣ набудани истифодаи онро нишон диҳем. Доир ба таркиби садонокҳои англисӣ назари мо аз Джоунз тамоман фарқ мекунад. Ӯ чунин меҳисобад, ки садонокҳои дароз ва кӯтоҳ, яъне, **[i:-i], [u:-u], [ɔ:-ɔ], [ə:-ə]** фонемаҳои алоҳида набуда, ҳар як ҷуфт тобишҳои гуногуни фонетикии як фонетика мебошад. Ҳаминро нисбати ҷуфти

овозҳои **[ɔ:] –[ɔ], [u:]-[u]** гуфтан мумкин аст.

Фарқияти тембр дар байни овозҳо ночиз аст. Аз ин хотир, дар талаффузи англисии ҷанубӣ 8 фонемаи садонок монофонг вуҷуд дорад, ки бо воситаи аломатҳои **[i], [e], [ɔ], [a], [A], [u], [ə]** ифода меёбанд. Ин хулоса то дараҷае ногаҳонӣ менамояд. Ба ақидаи мо тафовути миқдор дар байни монофтонгҳои англисӣ ва англисии муосир аҳаммияти худро гум накарда, мисли тафовути сифатӣ муҳим мебошанд. Онҳо барои амалӣ гардонидани фаҳмиши тарафайн аҳаммияти калон доранд, чунки тафовути сифатии байни монофтонгҳои дароз ва кӯтоҳи англисӣ на он қадар бузург аст. Аз 12 монофтонги англисӣ 4 фонемаи кӯтоҳ истифодаи нисбатан маҳдуд доранд: **[e], [ɔ], [u], [i:]**, дар охири калима истифода намешаванд: **[ə]** бошад зада намегирад, аммо фонематикии ин садонокҳо дар 3 калима, ки дар онҳо лаҳзаи ягонаи фарққунандаи маъно ин ба ҳам муқобилгузории овозҳои дароз ва кӯтоҳ мебошад, бармало аён мегардад: **[ kɔt] – [kɔ:t]** фонематикии **[ə]** ҳангоми тазодди ин бо **[i]** ва **[i:]** дида мешавад: **[beti] – [ betə] Betty – better**

**Қисми амалӣ**

Узвҳои нутқи одамони ҳамаи миллатҳо як хел сохта шудаанд; ин узвҳои нутқ имкон доранд, ки ҳар яки овозҳоро талаффуз намоянд. Аммо ҳар як забон оид ба талаффузи овозҳо сози муайяни узвҳои нутқ, шиддати талаффузи онҳо хусусиятҳои хосро доранд, яъне, системаи муайяни талаффузкунӣ дар раванди тараққиёти ҷамъияти халқ, ки дар ин ё он забон гап мезананд, кор карда мешавад. Ин базаи артикулиятсионӣ аст. Талаффузи забони англисӣ баробари ба забони тоҷикӣ монандии муайяне доштан, аз он фарқ мекунад: Дар вақти талаффузи бештарини овозҳои англисӣ лабҳо, назар ба талаффузи овозҳои тоҷикӣ, бисёртар таранг мешаванд. Ҳамсадоҳои пешизабонӣ дар забони англисӣ артикулятсияи ворагӣ, дар забони тоҷикӣ бошад, артикулятсияи дандонӣ доранд. Дар системаи фонетикаи забони англисӣ садонокҳои дароз ва кӯтоҳ мавҷуданд, ки фарқи байни онҳо на танҳо дар дарозкашӣ (аз ҷиҳати миқдор), балки аз ҷиҳати сифат ҳам дида мешавад **(sheep-ship)**. Ин ҳолат дар забони тоҷикӣ танҳо аз ҷиҳати дарозкашӣ фарқ мекунанд (бино, ид, дуд) Дар забони англисӣ барои садонокҳо артикулятсияи лағжидае (дифтонгҳо) мавҷуд аст, ки дар забони тоҷикӣ нест. Дар англисӣ барои ҳамсадоҳои **[θ], [ð]** артикулятсияи байнидандонӣ ҳаст, ки забони тоҷикӣ надорад. Дар талаффузи садонокҳои забони англисӣ, назар ба талаффузи тоҷикӣ, якчанд дараҷаи бардошташавии забон аст. Дар забони англисӣ ҳамсадоҳои пайваст (дифтонг) аст, ки забони тоҷикӣ надорад.

**Фонемаи [i:]** садоноки дарози ғайрилабулабии қатори пеши фарози боло мебошад. Дар вақти талаффузи он забон ба пеш ҳаракат карда, нӯги он дар дандонҳои поён мерасад. Дӯнгии миёнаи забон ба боло, ба коми сахт бардошта мешавад, лабҳо забонро зер карда ба ду тараф меёзанд. Фонемаи англисии **[i:]** назар ба садоноки **[и]**-и тоҷикӣ каме дароз талаффуз шавад, мувофиқ аст. Масалан, дар калимаҳои ид, бино ва ғайраҳо. Дар транскрипсия дарозии он бо **[i:]** нишон дода мешавад. Дар вақти талаффузи **[i:]** садонок набояд ҳаракати сахт дошта бошад. Ҳарфи Ee дар алифбо **[i:]** номида мешавад.

**Фонемаи [æ].** Дар вақти талаффузи ин фонема забон ба пеш ҳаракат карда, нӯги он поён мешавад ва ба дандонҳои поён мерасад, қисми миёнаи забон бошад, ба пеш ва ба боло қат мешавад. Кунҷҳои даҳон ба ду тараф кашида шуда, масофаи байни ҷоғҳо калон мегардад. Забони тоҷикӣ ин гуна фонема надорад. Ин фонема овози садоноки ғайрилабулабии қатори пеши дарозии паст мебошад. Ин садонокро ба садоноки **[e]** овехта кардан лозим нест, чунки маънои калима ба он вобаста аст. Дар навишт овози **[æ]** дар ҳиҷои баста бо ҳарфи **A, a** тасвир меёбад.

**Мисол: Plan [plæn]-нақша.**
**Map [mæp]-харита.**
**Man [mæn]-одам.**
**Bad [bæd]-бад.**

**Фонемаи [ə]** (овози садоноки бетараф, муътадил), ин садоноки ғайрилабулабии кӯтоҳи бешиддати қатори омехтаи баландии миёна мебошад. Ин садонок ҳеч вақт зада қабул накарда, зуд ба таъсири овозҳо меафтад. Дар вақти талаффузи он лабҳо бетараф, муътадил мебошанд. Дар навиштовози **[ə]** бо ҳарфи A, a тасвир меёбад, ки пеш аз исмҳо истода, шакли артикли номуайян дорад:

**A pen [ə’pen].**
**a map [ə’mæp].**

Артикли номуайянӣ танҳо пеш аз исмҳо корбаст мешавад ва задаро қабул накарда, тарҷума надорад. Дар забони тоҷикӣ он маънои суффикси номуайянии е, ва ё калимаи як-ро ифода мекунад. Мисол: **a man [ə’men]**-касе, як кас. Агар исм бо ҳарфи садонок сар шавад, артикли номуайянӣ шакли an-ро мегирад.

**Мисол: an apple [ən’ æpl] себе, як себ**.

**Фонемаи [aɪ]** дифтонг буда, қисми асосии он овози садоноки қатори пеши фарозии паст аст. Дар талаффузи он забон ба пеш ҳаракат карда, пахн меистад: нӯги забон дар назди дандонҳои поён буда, лабҳо меёзад. Пас, забон ба талаффузи **[и]**-и кӯтох, майл карда, боло мешавад. Дар навишт дифтонги **[aɪ]** бо ҳарфи **I, i [aɪ]** дар ҳиҷои кушода тасвир меёбад.

**I [aɪ]-ман Time [taɪm]-вақт**

**Фонемаи [ɪ].** Дар вақти талаффузи **[ɪ]** забон ба пеш ҳаракат карда, нӯги он дар назди дандонҳои поён меистад, пуштаки миёнаи забон ба пеш ва боло, аммо назар ба талаффузи **[i:]** камтар қат мешавад. Лабҳо каме меёзанд. Ин овози салоноки ғайрилабулабии қатори пеши ба пас кашидашудаи дарозии баланд мебошад. Овози садоноки **[ɪ]**-и англисӣ садоноки **[и]**-и кӯтоҳи тоҷикиро ба хотир меорад, ки дар калимаи “бин” дида мешавад. Вале **[ɪ]**-и англисӣ, назар ба **[ɪ]**-и тоҷикӣ, садоноки як қадар кушода ва ба пас кашидашуда аст. Дар навишт ин овоз дар ҳиҷои баста бо ҳарфи **“i”** тасвир мешавад.
**Машқ: Bill, till, mill, pit, pin, tin, nib, bin, lip, pill, did, bid, dim, mint.**

**Фонемаи [a:].** Ҳангоми талаффузи ин фонема забон хеле паст рафта, қариб пахн мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад, **[a]** овози пешизабонӣ аст. Фонемаи англисии **[a:]** овози садоноки дарози ғайрилабулабии қатори паси чуқури фарозии паст аст. Дар навишт **[a:]** бо таркибҳои гуногуни ҳарфи **“a”** ва ҳамсадоҳо ифода меёбад: **past, dance, ask, pass... glass [gla:s] – стаканто dance [tə`da:ns]– рақсидан to ask [tu`a:sk] - пурсиданfast [fa:st] – тез.**

**Фонемаи англисии [u]** овози садоноки кӯтоҳи лабулабии қатори паси ба пеш кашидашудаи фарозии баланд мебошад. Ҳангоми талаффузи он забон ба пас кашида шуда, нӯги он меафтад, пуштаки паси забон бошад, ба коми мулоим бардошта мешавад, лабҳо гирд шуда, аммо ба пеш кашида намешаванд

**Фонемаи [u:].** Ҳангоми талаффузи **[u:]** забон, назар ба талаффузи **ӯ**-и тоҷикӣ камтар ба пас кашида мешавад. Лабҳо гирд шуда, назар ба **[ӯ]**-и тоҷикӣ, ба пеш ҳаракат мекунанд. Фонемаи **[u:]** садоноки дарози лабулабии қатори паси фарозии баланд аст. Ин фонема пеш аз ҳамсадои беҷаранг чун дигар садонокҳо кӯтоҳ талаффуз мешавад. Садоноки **[u:]** бештар бо таркиби сонанти **[j]** дида мешавад, ки бо таъсири он андак пешилабӣ мегардад. Дар ин ҳолат ба мулоим талаффуз шудани ҳамсадои пеш аз он, роҳ додан мумкин нест. Барои он ки ин ҳолат рӯй надиҳад, танҳо баъд аз ба анҷом расидани артикулятсияи ҳамсадои пешина (чун дар **[i:]**) қисми болои забонро барои талафузи он боло кардан лозим. Дар навишт фонемаи **[u:]** пеш аз ҳамсадоҳои **“m, n”** ва ғайра ба шакли “оо” тасвир мешавад.
**Масалан: the moon [ðə`mu:n]-моҳтоб,**
**a spoon [ə`spu:n]-қошуқ.**
Садоноки **[u:]** бештар бо таркиби **[j]** меояд, дар навишт бо **Uu [ju:]** дар ҳиҷои кушода тасвир меёбад.
**Мисол: a tune [ə`tju:n]-оҳанг;**
**duty [dju:tɪ]-вазифа;**
**a student [ə`stju:dənt]-донишҷӯ;**
**to use [tə`ju:z] – истифода бурдан.**
Тарзи навишт ва талаффузи ҷонишини ***you [ju:] (ту, шумо)*** – ро дар хотир доред.

**Фонемаи англисии [ʌ]** садоноки кӯтоҳи ғайрилабулабии қатори паси ба пеш кушодашудаи фарозии миёна аст. Дар вақти талаффуз забон каме ба пас кашида шуда, фароғии байни ҷоғҳо зиёд мегардад. Фонемаи тоҷикии **[a]** дар калимаҳои лаб, танга ба садоноки англисии **[ʌ]** наздик аст. Дар навишт **[ʌ]**, бо ҳарфи **“u”** дар ҳиҷои кушода тасвир меёбад.
**Масалан: a cup [ə`kʌp]-пиёла,**
**a bus [ə`bʌs]-автобус,**
**much [mʌʧ]-бисёр.**
Ғайр аз ин, **“o”** пеш аз **“m”, “n” ,“th”, “v”** низ **[ʌ]** хонда мешавад.
Мисол: **to come [tə`kʌm] – омадан**,
**a son [ə`sʌn]- писар,**
**a mother [ə`mʌðə]- модар**.

**Фонемаи [au]** Ин фонема дифтонг аст, ки асоси он садоноки **[a]** чун дар дифтонги **[aɪ]**, вале камтар ба пас кашидашуда мебошад. Садоноки кӯтоҳи **[u]** лағжонак аст; дар вақти ба **[u]** мубаддал шудани он лабҳо ба пеш кашида намешаванд. Дар вақти навишт дифтонги **[au]** бо диграфҳои **“au”, “ow”** тасвир меёбад.
**Масалан: a house [ə`haus]-хона;**
**a town [ə`taun]-шаҳр;**
**brown [braun]-қаҳваранг; how [hau]-чӣ тавр.**

**Хулоса,** овозҳои садонок таснифоти худро дорад. Аз сабабе, ки дар тавлиди садонокҳо, асосан, ду узв фаъолона иштирок мекунанд, онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

**1. Забонӣ 2. Лабӣ**

Дар тавлиди садонокҳо забон ба ду самт ҳаракат дорад:

1. **Ҳаракати уфуқӣ (пешу қафо рафтани забон)**

| Ҳарф / Навъи ҳиҷо | a | O | u | e | i,y |
|---|---|---|---|---|---|
| I | [ei]<br>game<br>fate<br>stake | [ou]<br>mole<br>globe<br>tone | [ju:]<br>tune<br>mute<br>fume | [i:]<br>we<br>eve<br>bede | [ai]<br>time type<br>mine dyke<br>size bye |
| II | [x]<br>stamp<br>pack<br>lamp | [O]<br>not<br>clock<br>stop | [A]<br>but<br>fun<br>stuff | [e]<br>bend<br>pen<br>best | [i]<br>tip<br>system<br>lift<br>tint |
| III Садоноки r | [a:]<br>park<br>hard<br>charm | [L]<br>cord<br>fork<br>sport | [ə:]<br>burn<br>turn<br>nurse | [ə:]<br>her<br>serve<br>nerve | [ə:]<br>myrtle<br>shirt<br>first<br>bird |
| IV Садоноки re | [ɛə]<br>parents<br>rare<br>square | [L]<br>more<br>store<br>ex'plore | e [juə]<br>pure<br>se'cure<br>en'dur | [iə]<br>here<br>mere<br>sere | [aiə]<br>tire Byron<br>wire tyre<br>hire lyre |

2. **Ҳаракати амудӣ (пасту боло рафтани забон)**

**Аз рӯйи ҳаракати уфуқии забон садонокҳо чунин тасниф мегарданд:**

1. **Садонокҳои қатори пеш. Тоҷикӣ (и, э), англисӣ [i:, e]**
2. **Садонокҳои қатори қафо. Тоҷикӣ (у, о), англисӣ [a:,ɔ ,ɔ:, u, u:]**
3. **Садонокҳои қатори мобайни ё омехта. Тоҷикӣ (а, ӯ), англисӣ [ə, ə:]**

Аз лиҳози ҳаракати амудии забон чунин садонокҳо ҷудо карда мешаванд.

1) **Садонокҳои бардошти поён: тоҷикӣ [а] англисӣ [a:, ɔ,ɔ:]**
2) **Садонокҳои бардошти миёна: тоҷикӣ [е, ӯ, о] англисӣ [e, ə:, ə]**
3) **Садонокҳои бардошти боло: тоҷикӣ (и, у) англисӣ [i, i:, u, u:]**

Аз рӯйи ҳаракати лабҳо садонокҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) **Садонокҳои ғайрилабӣ: тоҷикӣ [и, у], англисӣ [i:,i, e, a:, ə:, ə]**
2) **Садонокҳои лабӣ: тоҷикӣ [о, у], англисӣ [ɔ,ɔ:, u, u:]**

Дар забони англисӣ саднокҳоро, инчунин, ба монофтонг ва дифтонг тақсим мекунанд. Монофтонгҳо аз як садо иборатанд. Онҳо 12-тоанд. Дифтонгҳо якумин садонок таркиб меёбанд **[ei, ai]** ва ғайра. Дар забони тоҷикӣ фақат монофтонгҳо мавҷуданд.

Дар забони англисӣ, инчунин, як гурӯҳ монофтонгҳои ба ҳам тазодди кӯтоҳу дароз ҳастанд: **[i:]-[i], [ɔ:]-[ɔ:], [a:-A], [u:- u]** ва ғайра. Дар забони тоҷикӣ садонокҳоро ба устувор ва ноустувор тақсим мекунанд.

**Масалан: [о] устувор, вале [а] ноустувор.**

Барои муқоисаи типологии системаҳои фонологӣ фарқияти онҳо аҳаммият дорад. Ҳатто забонҳое, ки маҷмуи садонокҳо баробар аст, аз сабаби фарқияти суръати иштироки онҳо ташкили фонологиашон дигар аст. Вокализми забони англисӣ аз 12 монофтонг ва 8 дифтонг иборат аст. Аз ҷумла:

1) **Садонокҳои қатори пеш: [i:], [e]**
2) **Садонокҳои пеши ба сӯйи ақиб моил [i]**
3) **Садонокҳои маркази хос [ә:], [ə]**
4) **Садонокҳои маркази ба сӯи ақиб моил [æ]**
5) **Садонокҳои қатори ақиб [ɔ], [ɔ:], [a:], [u:]**
6) **Садонокҳои ақиби ба сӯйи пеш моил [u]**

Мувофиқи аломати фарозӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

1) **Садонокҳои пӯшидаи танг [i], [u:]**
2) **Садонокҳои пӯшидаи васеъ [i], [u]**
3) **Садонокҳои нимароҳи танг [e], [ə:]**
4) **Садонокҳои нимароҳи васеъ [ə]**
5) **Садонокҳои фароҳи танг [e]**
6) **Садонокҳои фароҳи васеъ [æ], [a:], [ɔ]**

Вокализми тоҷикӣ аз 6 монофтонг ташкил ёфтааст. Аз нуқтаи назари фонологӣ садонокҳои тоҷикиро мувофиқи аломати қатор ва фарозӣ ба гурӯҳҳои иловагӣ ҷудо кардан шарт нест. Дар як ҳудуди як фарозӣ садонокҳои англисӣ чунин мухолиф доранд:

**[i:] –[i] feel-fill; [ə:]-[ə] foreward- foreword; [u:]-[u] pool-full**

**[ɔ:] –[ɔ] port- pot**

Дар фарозиҳои гуногун мухолифҳои поёнро доранд:

**[i]–[æ] seed-sad; [u]-[v]**

**Ш. ҒАНИБОЕВА,**
**Э. САФАРОВ,**
**донишҷӯёни факултети химияи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ХИМИЯ ВА ПАЙВАНДИ ОН БО ҶАШНИ НАВРӮЗ




Наврӯз ҷашни эҳё ва оғози соли нав дар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ва дигар минтақаҳои ҷаҳон аст. Он на танҳо як иди таърихӣ ва фарҳангист, балки бо табиат ва илм низ робитаи зич дорад. Яке аз илмҳое, ки ба наврӯз робитаи зичу қавӣ дорад, **илми химия** мебошад.

**Нақши химия дар эҳёи табиат**

Наврӯз бо фасли баҳор ва дигаргуниҳои табиӣ сахт алоқаманд аст. Дар ин фасл растаниҳо месабзанд, ҳаво нарм мешавад ва табиат дубора зинда мегардад. Аз нуқтаи назари химия ин равандҳо бо тағйироти химиявӣ, аз ҷумла, фотосинтез ва мубодилаи газҳо марбут мебошанд. Растаниҳо бо ёрии нури офтоб дуоксиди карбонро аз ҳаво ҷабида, онро ба моддаҳои органикӣ табдил медиҳанд. Ин раванд барои ҳаёт муҳим буда, бе он табиат наметавонист, эҳё шавад.

**Химия ва рангҳои Наврӯз**

Дар ҷашни Наврӯз рангҳо нақши муҳим доранд. Либосҳои рангоранг, гулҳои сабз ва гулобӣ ва ҳатто, ранг кардани тухмҳои идона ҳама аз моддаҳои химиявӣ вобастаанд. Мисол, рангҳои табиӣ аз гиёҳҳо, меваҳо ва гулҳо ҳосил мешаванд. Имрӯз бошад, рангҳои синтетикӣ, ки бо реаксияҳои химиявӣ ҳосил мешаванд, маълуманд.

**Химия ва Ҳафтсин**

Ҳафтсин яке аз рамзҳои асосии Наврӯз мебошад. Ҳар як унсури он на танҳо маънои рамзӣ, балки хосиятҳои химиявии худро дорад. Масалан:

**Сирко** - кислотаи атсетат, ки дар туршшавии маҳсулот нақши муҳим дорад.

**Себ** - дорои антиоксидантҳо ва кислотаҳои органикӣ мебошад.

**Суманак** - ҳангоми пухтанаш реаксияҳои

химиявӣ мегузарад, ки ба тамъи ширини он сабаб мешавад.

**Химия ва анъанаҳои наврӯзӣ**

Дар Наврӯз мардум хонаҳоро тоза мекунанд, либосҳои нав мепӯшанд ва таомҳои анъанавиро мепазанд. Ҳар яке аз ин амалҳо бо химия алоқаманд аст:

**Тозагӣ** - бисёре аз маводи шустушӯӣ реаксияҳои химиявӣ доранд, ки равған ва чиркро тоза мекунанд.

**Пухтупаз** - тағйироти химиявӣ ҳангоми пухтани хӯрокҳо, аз ҷумла, реаксияи Маиллард (Maillard), ки боиси бӯи хуш ва ранги тиллоии нон мешавад, байни аминокислотаҳо ва карбогидратҳо дар ҳарорати баланд мегузарад.

**Муносибати Наврӯз бо илми химия дар кадом ҷиҳатҳо зоҳир мегардад?**

Наврӯз ҷашнест, ки бо эҳёи табиат алоқаманд аст. Аз нигоҳи химия бисёр равандҳо, ки дар ин фасл ба амал меоянд, тағйироти химиявӣ мебошанд.

**Фотосинтез** - растаниҳо бо истифода аз нури офтоб ва гази карбон (CO2) оксиген (O2) ва моддаҳои органикӣ ҳосил мекунанд.

**Тағйироти ҳаво** - афзоиши намӣ ва ҳарорат. Бо баланд шудани ҳарорати ҳаво, барфҳо об мешаванд ва намнокии атмосфера меафзояд. Ин раванд бухоршавиро зиёд мекунад ва боиси афзоиши боришот мегардад. Пас аз боду борон миқдори ионҳои манфӣ ($O2^{2}$-,NO3-,$SO4^{2}$-) дар ҳаво зиёд мешавад, ки онҳо ба тозагии ҳаво мусоидат мекунанд ва ба системаи асаби инсон таъсири мусбат мерасонанд.

**Рангҳо ва бӯйҳо**

Чӣ гуна рангҳои баҳорӣ пайдо мешаванд? Рангҳои гуногуни гулҳо ва баргҳо натиҷаи мавҷудияти пигментҳои махсус мебошанд. Хлорофилл (сабз), асосан, дар баргҳо мавҷуд аст ва фотосинтезро таъмин мекунад. Антотсианҳо - (сурх, гулобӣ, арғувон) ин моддаҳо дар гулҳо ва баъзе навъи баргҳо мавҷуд буда, вобаста ба муҳит (кислотагӣ ё ишқорӣ) ранги гуногун пайдо мекунад. Каротиноидҳо (зард, норинҷӣ, сурх) дар гулҳо ва меваҳо дида мешавад. Флавоноидҳо (сафед, зард) ба гулҳо ранги сафед ва зардӣ мебахшанд.

Бӯйҳои гуворо натиҷаи ҷудошавии пайвастаҳои химиявии органикӣ мебошанд: терпеноидҳо (бӯйи райҳон ва шибит); фенолҳо ва эфирҳо (бӯйи садбарг ва савсан) ва ғайра.

**Таркиби химиявии растаниҳо**

Лубиё ва наск сафедаҳои бисёр доранд. Липидҳо дар чормағз, зайтун, тухми офтобпараст мавҷуданд. Занҷабил - карбогидратҳо, равғанҳои эфирӣ; сирпиёз -аллитсин, сулфоксидҳо, флавоналҳо, витамини C; лиму - витамини C (аскарбинат), лимонен, кислотаҳои органикӣ; бодиринг - антиоксидантҳо, витамини K; зира - куминолдеҳ, терпенҳо ва ғайра, доранд.

**Чӣ гуна растаниҳои хӯрокҳои анъанавии Наврӯз аз ҷиҳати таркиби кимиёвӣ ва моддаҳои ғизоӣ муҳимманд?**

**Пиёзи баҳорӣ** - дорои витамини C ва сулфур буда, барои иммунитет муфид аст.

**Испаноқ (шпинат)** - аз оҳан, витамини K ва антиоксидантҳо бой мебошад.

**Шибит (укроп)** - дорои флавоноид ва равғани эфирӣ, ки барои беҳтар шудани қувваҳои ҳозима мадад мекунад.

**Гандум (барои суманак)** - дорои сафедаҳо ва антиоксидантҳо, ки барои ҳуҷайраҳои бадан муҳимманд.

**Фарқи байни таркиби кимиёвии доруҳои табиӣ ва доруҳои синтетикӣ**

Доруҳои табиӣ аз наботот, минералҳо ва организмҳои зинда гирифта мешаванд. (Аспирин аз пӯсти бед). Доруҳои синтетикӣ дар лаборатория тавассути реаксияҳои химиявӣ ҳосил карда мешаванд (антибиотикҳо). Доруҳои табиӣ, одатан, таъсири иловагии камтар доранд, вале таъсири онҳо сусттар ва тӯлонитар мебошанд. Доруҳои синтетикӣ зуд амал мекунанд, аммо таъсири иловагӣ дошта метавонанд.

Хулоса, ҳар як ҷузъи ин иди бузург-Наврӯзи оламафрӯзро метавон аз нигоҳи илми химия таҳлил кард. Табиат, рангҳо, ғизо ва анъанаҳои Наврӯз ҳама ба тағйироти химиявӣ марбутанд, ки онҳо зиндагии моро рангоранг ва пурмазмун мегардонанд.

**Исмоил НУРАЛИЕВ,**
**омӯзгори Коллеҷи тиббии**
**шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

# ТАТБИҚИ АМАЛИИ ТЕОРЕМАИ ПИФАГОР

Теоремаи Пифагор яке аз теоремаҳое мебошад, ки дар илми геометрия мавқеи хос дошта, вобастагии байни элементҳои секунҷаи росткунҷаро барқарор мекунад, дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ, физикӣ, механикӣ, сохтмон ва архитектура ёрӣ мерасонад.

Дар ин мақола тасмим гирифтем, ки доир ба ин теорема маълумот манзур намоем.

Гарчанде ки олимон аз замонҳои қадим то ҳоло бо забонҳои мухталиф ва бо тарзу усулҳои гуногун ба исботи ин теорема машғул шудаанд, боз масъалаҳои нав ба наве пайдо мешаванд, ки онҳоро бо ёрии ин теорема ҳал кардан лозим меояд. Шояд боз идеяҳои нав пайдо шуда, олимон теоремаи Пифагорро бо методҳои нав исбот кунанд. Дар китобҳои геометрияи мактабӣ чор ё панҷ намуди исботи теорема оварда шудааст. Донишҷӯён, омӯзгорони ҷавон ва хонандагони шавқманд метавонанд, бо тарзҳои гуногуни исботи теоремаи Пифагор ошно шуда, онро дар фаъолияти худ истифода баранд. Рӯйхати адабиёти овардашуда барои таҳқиқи пурраи мавзуъ мадад мерасонад.

Пифагор асосгузори таълимоти динию фалсафии пифагоризм мебошад. Пифагоризм ба ташаккул ва таркиби арифметикию геометрии унсурҳо аҳаммият дода, онҳоро ба астрономия алоқаманд медонист ва «ҳамаи чизҳоро асли адад» мегуфт. Пифагор ва пайравонаш мехостанд, ҳаёти воқеиро дар муносибат бо ададҳо алоқаманд созанд.

Дастоварди муҳимтарини илмии Пифагор ба математика муттасил ворид сохтани исбот аст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки танҳо пас аз ҳамин амал математика ба илм табдил ёфт. Бо пайдоиши математика илм ба дунё омад, зеро «ягон таҳқиқоти инсон, то аз исботи математикӣ нагузарад, илми ҳақиқӣ ба ҳисоб намеравад», - гуфта буд Леонардо да Винчи. Теоремаи собитсохтаи Пифагор номи ӯро дороcт.

**Квадрати гипотенузаи секунҷаи росткунҷа ба суммаи квадратҳои катетҳо баробар аст:**

$$c^2 = a^2 + b^2$$

**Сегонаҳои Пифагор**

**Сегонаҳои Пифагор чӣ гунаанд?** Онҳо се адади натуралие мебошанд, ки суммаи квадратҳои дутоашон ба квадрати адади сеюм баробар аст. Сегонаҳои Пифагор гуногун ҳастанд. Аз ҷумла, метавонанд:

**- сода бошанд (яъне, ҳар се ададҳо байни ҳам содаанд);**

**- ғайрисода бошанд (яъне, ҳар кадоме аз ин ададҳо ба ҳамон як адад зарб карда шуда бошанд).**

Сегонаҳои Пифагорро бо қоидаи зерин ҳосил кардан мумкин аст: бигзор **а** адади тоқи дилхоҳ бошад. Ин ададро ҳамчун дарозии яке аз катетҳо ҳисобида, аз квадрати ин адад воҳидро тарҳ мекунем ва натиҷаро нисф карда, ададеро ҳосил мекунем, ки ба дарозии катети дуюм баробар аст. Ба бузургии катети калон воҳидро ҷамъ карда, бузургии гипотенузаро ҳосил мекунем. Азбаски **а** адади бутуни тоқ аст, пас, катети дуюм ва гипотенуза ҳам ададҳои бутун мебошанд. Ҳанӯз пеш аз милод мисриёни қадим дар ҳалли масъалаҳо секунҷаи росткунҷаи тарафҳояш 3, 4 ва 5 воҳидро дида мебаромаданд. Аз ин рӯ, дилхоҳ секунҷаи тарафҳояш ба ададҳои 3, 4 ва 5 мутаносиб, албатта, дорои кунҷи рост мешавад.

**Мисолҳои сегонаҳои Пифагор: (3, 4, 5), (6, 8, 10), (5, 12, 13), (9, 12, 15), (8, 15, 17), (12, 16, 20), (15, 20, 25), (7, 24, 25), (10, 24, 26), (20, 21, 29), (18, 24, 30), (16, 30, 34), (21, 28, 35), (12, 35, 37), (15, 36, 39), (24, 32, 40), (9, 40, 41), (27, 36, 45), (14, 48, 50), (30, 40, 50)** ва ғайра, мебошанд.

Шогирдони Пифагор секунҷаи росткунҷаро шакли беҳтарин ва мукаммалтарин меҳисобиданд. Мумкин аст, ки омӯхтани хосиятҳои секунҷаҳои росткунҷа шогирдони мактаби Пи-

фагорро ба кашфи ададҳои иррационалӣ овард. Маълум гашт, ки бо адади ратсионалӣ дарозии диагонали квадрати тарафҳояш ба воҳид баробарро ҳисоб карда намешавад. Инро Пифагор ва шогирдонаш фаҳмонида наметавонистанд. Аз ин рӯ, кашфиёти худро махфӣ медоштанд.

Теоремаи Пифагор на танҳо дар математика, балки дар архитектура, сохтмон, астрономия ва ғайра татбиқи худро ёфтааст.

**Дар сохтмон:**

Масалан, ба ин тиреза нигоҳ кунед:

Бари тирезаро бо $b$ ишора мекунем, он гоҳ радиуси нимдавраи калонро бо $R$ ва $b$ ифода кардан мумкин аст: $R = \frac{b}{2}$

Радиуси нимдавраҳои хурдро низ бо $b$ ифода мекунем: $r = \frac{b}{4}$ Дар ин масъала ба мо радиуси нимдавраи дарункашидашудаи тиреза даркор аст. Онро бо $p$ ифода мекунем.




Теоремаи Пифагор дар ин ҷо ба кор меояд, то ин ки қимати $p$-ро ҳисоб кунем. Барои ин секунҷаи росткунҷаи дар расм бо пунктир ишорашударо истифода мебарем. Гипотенузаи секунҷа аз ду радиус иборат аст: $\frac{b}{4}$ $+p$. Як катет радиуси дигараш $\frac{b}{2}$ $-p$-ро ифода мекунад.

Теоремаи Пифагорро истифода бурда, менависем:

$$\left(\frac{b}{4}+p\right)^2 = \left(\frac{b}{4}\right)^2 + \left(\frac{b}{2} - p\right)^2$$

Баъди қавсҳоро кушодан ҳосил мекунем:

$$\frac{b^2}{16}+\frac{bp}{2}+p^2 = \frac{b^2}{16}+\frac{b}{4} - bp+p^2.$$

Ин ифодаро табдил медиҳем:

$$\frac{bp}{2} = \frac{b}{4} - bp$$

Пас аз он ҳамаи аъзоро ба $b$ тақсим мекунем, ҷамъшавандаҳои монандро ислоҳ карда ҳосил менамоем: $\frac{3}{2} \cdot p = \frac{b}{4}$ Ва дар охир меёбем, ки $p = \frac{b}{6}$ он чи матлуб буд.

Бо ёрии теорема дарозии болори боми дутарафаро ҳисоб кардан мумкин аст. Муайян кардани баландии манора барои он лозим аст, ки мавҷи алоқаи мобилӣ то маҳалли аҳолинишин рафта расад ва ҳатто, мустаҳкам насб кардани арчаи солинавӣ дар майдони шаҳр ба донистани теоремаи Пифагор вобастагӣ дорад. Тавре мебинем, ин теорема на танҳо дар саҳифаҳои китобҳои дарсӣ мавқеъ дода шудааст, балки дар ҳаёти реалӣ ё воқеӣ низ муфид аст.

Дар асри бистум нависандаи советӣ Евгений Велтистов дар китоби худ «Саргузашти Электроник» барои исботи теоремаи Пифагор боби пурраро чудо кардааст. Ҳамчунин, ними бобро барои ҳикоят оид ба олами дученака бахшидааст, ки чӣ гуна ҷаҳоне мавҷуд буданаш мумкин аст, агар дар он теоремаи Пифагор қонуни асосӣ ё ҳатто дине бошад. Дар он зиндагӣ кардан ниҳоят осон, вале рикқатовар мебуд: масалан, дар он ҷо ҳеҷ кас мазмуни калимаҳои «давраша-кл» ва «пахмоқ»-ро намефаҳмид.

Ҳамчунин, дар китоби «Саргузашти Электроник» муаллиф аз забони омӯзгори математика Таратара мегӯяд: **«Дар математика чизи асосӣ – ҳаракати фикр, идеяҳои нав»** мебошад. Маҳз ҳамин парвози эҷодии фикрро теоремаи Пифагор тавлид мекунад ва беҳуда онро бо тарзҳои гуногун исбот накардаанд. Вай ёрӣ медиҳад, ки аз муҳити одатшуда баромада, ба чизҳои ошно бо нигоҳи нав нигарем.

**Адабиёт:**

1. Ван-дер-Варден Б.Л. Пробуждающаяся наука. Математика Древнего Египта, Вавилона и Греции. М., 1959.
2. Глейзер Г.И. История математики в школе. М., 1982.
3. Еленьский Щ. По следам Пифагора. М., 1961.
4. Литцман В. Теорема Пифагора. М., 1960.
5. Скопец З.А. Геометрические миниатюры. М., 1990.

**Фирдавс САФАРОВ,**
**муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МТМУ 177-и ноҳияи Рӯдакӣ**



# ТАЪРИХИ КИШВАР ДОРОИ САБАҚҲОИ МУҲИММИ ЗИНДАГИСТ

Дарси таърих ҳамчун механизми омӯзиши сабақҳои гузашта дар ҳар шароит барои ташаккули руҳияи ватандӯстӣ ва эҳсоси масъулиятшиносии хонандагон нақши калидӣ дорад.

Ин фан на танҳо имкони омӯзиши воқеаҳои гузашта аст, балки барои ташаккули афкори миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва ҳисси ифтихор аз Ватани ниёӣ асос мегузорад. Ҳар як қисмати таърихи кишвар дорои сабақҳои муҳимми зиндагист, ки ба ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон мусоидат карда, таъсири мусбат мерасонад.

**"Ватандӯстӣ" чист?**

Вожаи "ватандӯстӣ" маънои эҳтиром ва дӯст доштани Ватан, ҳимояи манфиатҳои он ва ҳисси масъулият дар назди давлату халқро дорад. Тавассути омӯзиши таърих хонандагон мефаҳманд, ки Ватан танҳо як мафҳуми ҷуғрофӣ набуда, балки маҷмуи қимматҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва маънавист. Ҳар як омӯзгори таърихро лозим аст, ки ба хонандагон таъкиди нуктаҳои зеринро ҳангоми дарс мадди назар гирад:

**- Шинос кардани хонандагон бо рӯйдодҳои таърихии кишвар;**

**- Муаррифӣ намудани қаҳрамонҳо ва шахсиятҳои миллӣ;**

**- Шинос намудани хонандагон бо хидматҳое, ки шахсиятҳои миллӣ барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд;**

**- Муаррифии арзишҳои миллату давлат;**

**- Таъкид ба арзишҳои инсонӣ, аз қабили адолат, озодӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқҳои дигарон.**

Инчунин, барои баланд бардоштани руҳияи ватандӯстии бачаҳо истифода аз усулҳои дигар низ метавон истифода кард.

Тасвири пурҷозибаи муборизаҳои гуногуни қаҳрамонони таърихӣ (Исмоили Сомонӣ, Шерак, Темурмалик ...) барои ҳимояи Ватан метавонанд, ба хонандагон илҳом бахшанд, ки дар ҳифзи марзу буми хеш ҳавасманду тавонманд гарданд. Ҳамзамон, омӯзгор дар дарси таърих метавонад ба хонандагон нишон бидиҳад, ки чӣ гуна гузаштагони мо дар пешрафти илму фарҳанг саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Ҳикояҳо дар бораи қаҳрамонон ва муборизаи онҳо барои озодӣ ва ободии кишвар ҳисси ифтихору масъулиятро бедор мекунанд. Инчунин, сафарҳои таърихӣ ба маконҳои фарҳангию таърихӣ низ ин ҳисси ватандӯстиро тақвият мебахшад.

**Муҳокимаи дастовардҳои миллӣ**

Ташкили саёҳат ба маконҳои таърихӣ, осорхонаҳо ва ёдгориҳои фарҳангӣ (масалан Қалъаи Ҳисор, Саразм, Ҳулбук, Тахти сангин, Карон ва ғайра) ба хонандагон таъсири амиқи мусбат дошта, имкон медиҳад, ки таърихро на фақат омӯзанд, балки онро аз наздик дида ва эҳсос кунанд.

**Таъкид ба сабақҳои таърих.**

Дарси таърих бояд на танҳо ба омӯзиши далелҳои гузашта, балки ба пайгирии сабақҳои он равона шавад. Хонандагон бояд дарк намоянд, ки аҷдодонамон чӣ хатоҳо карда буданд ва чӣ гуна метавон аз онҳо пешгирӣ кард.

**Истифодаи воситаҳои муосири таълим**

Татбиқи технологияҳои муосир, аз қабили филмҳо дар бораи рӯйдодҳои таърихӣ, рӯйнамоиҳо, китобҳои электронӣ ва бозиҳои таълимӣ метавонад, омӯзиши таърихро барои хонандагон ҷолибтар гардонад ва эҳсоси ифтихори онҳоро қавӣ созад.

**Мавзуъҳои калидӣ барои омӯзиши ватандӯстӣ**

Рӯйдодҳои марбут ба Истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ аз зумраи ин мавзуъҳо мебошанд, ки барои омӯзиши фарҳанг ва расму оинҳои аҷдодӣ ва баланд бардоштани нақши забон ва адабиёт барои ташаккули ҳувияти миллии наврасону нақши калидӣ дорад.

Дар маҷмуъ, дарси таърих на танҳо як фанни таълимӣ, балки як воситаи муҳимми тарбиявиест, ки метавонад дар замири наврасон эҳсоси баланди ватандӯстиро бедор намояд.

**Тилло ҲИКМАТӢ,**
**сардори бахши идоракунии сифати таҳсилот**
**дар Литсейи касбии агросаноатии ноҳияи Мастчоҳ**

# МАҚСАДИ АСОСИИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГИИ ИДОРАКУНӢ ЧИСТ?

Идоракунии сифат дар мактабҳо аз кор бо одамон ва пеш аз ҳама бо омӯзгорон оғоз шуда, бо кор бо кадрҳо ва баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо анҷом меёбад. Дигар роҳ нест...

Идоракунии сифати таълим ва муаммои он барои ҳар як муассисаи таълимӣ, роҳбар ва омӯзгорон яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Ҳангоми баррасии мушкилоти сифати таълим мо ба як қатор мафҳумҳои асосӣ такя мекунем: сифат, кафолати сифат, таълим, идоракунии сифати таҳсилот, баланд бардоштани сифат.

Сифат-маҷмуи хусусиятҳои объектест, ки ба қобилияти он барои қонеъ кардани ниёзҳои муқарраршуда ва пешбинишаванда алоқаманд аст.

Кафолати сифат-чорабиниҳои ба нақша гирифташуда ва амалишаванда, ки таҳти назорат қарор доранд ва барои эҷоди боварӣ ба қонеъ кардани талаботи сифат заруранд.

Таҳсилот-тарбияи шахсияти баркамол, додани асосҳои дониши фаннӣ, омӯзиши фанноварӣ, усулҳои навини додани донишҳо.

Менеҷменти сифат дар соҳаи маориф-системаи татбиқшавандаи амалҳои стратегӣ ва оперативӣ аст, ки ба таъмин, такмил ва арзёбии сифати таълим равона шудааст.

Баланд бардоштани сифат-раванд ва натиҷаи ба ҳадафҳо ва вазифаҳои муайянкардаи сиёсат дар соҳаи сифати таҳсилот, наздик кардани андозаҳои мавҷудаи фаъолияти таълимӣ мебошад.

Барои таҳлили ҳолат ва рушди системаи маориф дар муассисаи мушаххас мафҳуми «беҳтарсозии сифат» аҳаммияти калон дорад, ки он тағйироти мусбати объекти сифатро ҳангоми рушди пайвастаи он тавсиф менамояд.

Дар асоси консепсияҳои пешниҳодшуда “сифати таълим”-ро ҳамчун категорияи иҷтимоие муайян кардан мумкин аст, ки ҳолат ва самаранокии раванди рушди системаҳои кушодаи маориф, мутобиқати онро, аз як тараф, ба ҳадафҳои меъёрии таълим, аз ҷониби дигар, ба талабот, интизориҳо, талаботи шахсият ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ барои ноил шудан ба натиҷаи баланди таълим тавсиф мекунад.

Кор дар соҳаи сифат барои ошкорбаёнии ҳадди аксар нисбат ба субъектҳои бевоситаи раванди таълим (муаллимон ва донишҷӯён) ва шарикони берунии муассисаи таълимӣ (волидон, корфармоён, муассисаҳои иҷтимоӣ) кӯшиш мекунад.

Ташаккул, ҳамоҳангсозӣ ва тасдиқи ҷузъҳои асосӣ дар соҳаи сифат яке аз вазифаҳои муҳимтарини маъмурияти муассисаи таълимӣ мебошад. Системаи сифатро метавон ҳамчун воситаи татбиқи сиёсати сифат баррасӣ кард.

Нақшаи таҳияшудаи дақиқи амалисозӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои муайян ва муайян кардани ҳадафҳо, кор дар соҳаи сифат метавонад барои кормандони ташкилот нақши ҳавасмандгардонӣ бозад, сифатҳои касбии онҳоро дастгирӣ кунад ва онҳоро водор кунад, ки маҳорати педагогӣ ва методии худро такмил диҳанд. Банақшагирии фаъолияти идоракунии сифати таҳсилот метавонанд ду навъ бошанд:

1. **Нақшаҳои наздикмуҳлат (нимсола, солона).**
2. **Нақшаҳои стратегӣ**

Аз рӯйи таҷриба ба мушоҳида мерасад, ки

дар муассисаҳо ҳамасола нақшаҳои наздикмуҳлати идоракунии сифати таҳсилот таҳия ва тасдиқ гардида, аз рӯйи онҳо корбарӣ мешавад, вале оид ба таҳияи нақшаҳои стратегӣ ҳаминро метавон гуфт, ки қариб дида намешаванд.

Рушди фаъолияти менеҷменти сифат бо раванди банақшагирии стратегии сифат робитаи зич дорад, ки барои муайян кардани афзалиятҳои дарозмуддат имкон медиҳад ва ба тағйироти оқилона дар рушди муассиса ва фаъолияти кормандони он мусоидат мекунад. Мақсади аслии банақшагирии стратегӣ на танҳо бо таҳияи нақшаи генералии рушди муассисаи таълимӣ барои давраи муайян, балки бо дарк ва таҷдиди назар намудани самтҳои асосии хизматрасониҳои таълимии ин муассисаи таълимӣ ва мувофиқи талаботи истеъмолкунандагон муайян мешаванд.

Пеш аз раванди банақшагирии стратегӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи рушди муассисаи таълимӣ, ки омӯзиш ва дарки ҷанбаҳои қувваю заъфи раванди таълим ва фаъолияти муҳити кориро дар бар мегирад, шарт мебошад. Ин корро бояд гурӯҳе, ки аз устодони таҷрибадор, методистон ва волидон иборат аст, дар ягон давраи муайян ба анҷом расонад ва ба маъмурият пешниҳод кунад. Дар раванди банақшагирии стратегӣ мақсади асосии муассисаи таълимӣ муайян мешаванд.

Вазифаи асосии банақшагирии стратегӣ аз инҳо иборат аст:

- **роҳҳои ба даст овардани комёбиҳо;**
- **ноил шудан ба муҳити босифати таълимӣ ва натиҷаҳои таълимӣ;**
- **ошкор ва бартараф намудани омилҳои берунӣ ва дохилие, ки ба ноил шудан ба комёбӣ халал мерасонанд.**

Банақшагирии стратегӣ хоҳиши самаранокиро тавассути пешгирӣ, ошкор ва барвақт бартараф кардани камбудиҳои гуногун инъикос мекунад ва ба ин васила, манбаи боэътимоди баланд бардоштани сифати таълим мегардад. Ҳангоми банақшагирӣ бояд ба назар гирифт, ки сифати таълим аз сабаби мавҷуд будани нуқсони дохилӣ ва берунӣ, намоён ва пинҳонӣ паст мешавад.

Камбудиҳои дохилиро метавон норасоиҳое донист, ки бо айби муассисаи таълимӣ дар натиҷаи номукаммали раванди таълим, номусоидатии иҷтимоию равонӣ ва усулҳои нокифояи идоракунии мактаб ба амал омадаанд. Намунаи хоси нуқсони дохилӣ паст будани савияи дониши хонандагон аз рӯи фанҳои алоҳида, маҳорати кори мустақилона, паст будани ҳавасмандии иштирок дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва ғайраҳо ҳастанд.

Камбудиҳои берунии таълиму тарбия бо таъсири муҳити зист ба бачаҳо, ҳамкории сусти мактаб бо ҷомеа, набудани ҳамкории оила ва мактаб вобаста аст. Камбудиҳои берунӣ беэътиноии умумии иҷтимоӣ ва педагогии наврасон, рафтори ношоистаи мактаббачаҳо, ҳавасмандии паст ба фаъолияти таълимӣ, сатҳи пасти инкишофи салоҳияти иҷтимоиро дар бар мегиранд.

Камбудиҳои намоён ба осонӣ ошкор ва ба таври объективӣ ташхис мешаванд, ки таҳти назорат, камбудиҳои тарбиявӣ, чун қоида, бо надоштани дониш ва малакаи мушаххаси хонандагон, инчунин, бо зуҳуроти рафтори ношоиста, ҳуқуқвайронкуниҳо ва ғайра алоқаманданд. Дар ҷараёни ташхиси сатҳи таҳсилоти хонандагон камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд.

Нуқсони ниҳонӣ норасоиҳои тарбиявӣ аст, ки бо усулҳои объективӣ муайян кардан душвор аст. Чунин нуқсонро дар асоси мушоҳидаҳои дуру дароз, таҳлили таҷрибавӣ ва худбаҳодиҳии фаъолият ва қобилияти хатмкунандагон ва дигар шахсони манфиатдор ошкор кардан мумкин аст. Камбудиҳои ниҳонӣ муоширати сусти иҷтимоӣ, мутобиқ нашудан ба муҳити зист ва набудани малакаҳои худомӯзиро дар бар мегиранд.

Ҷустуҷӯи самаранокии таълим тавассути пешгирӣ, ошкор ва бармаҳал рафъи камбудиҳои мухталиф дар раванди кори таълим мебошад.

Идоракунии сифати таълим фаъолияти мақсаднокеро дар назар дорад, ки дар он субъектҳои таълим тавассути хизматрасонии таълимӣ ва ҳалли вазифаҳои идоракунӣ, ташкили фаъолияти муштараки корбарори хизма-

трасонии таълимӣ (донишомӯз, омӯзгор, сарпараст) ва тамаркузи онро ба қонеъгардонии босифати талаботи таълимии онҳо таъмин менамоянд. Равишҳои нави идоракунии сифат дар таълим чунин хусусият доранд:

• **хусусияти возеҳ ифодаёфтаи ҳавасмандкунанда, ки ба манфиати иқтисодии субъектҳои идоракунӣ асос ёфтааст;**

• **даст кашидан ё кам кардан аз усулҳои идоракунии фармонфармоӣ;**

• **назорат аз болои натиҷаҳои раванди таълим бо кам кардани назорат ба пешрафти он;**

• **афзалияти худидоракунӣ дар таҳлил ва баҳодиҳии раванди таълим.**

Идоракунии сифат дар таълим ҳамчун раванд банақшагирӣ, ташкил, идоракунӣ, арзёбии таълим ва рушди равандҳои асосӣ ва ёрирасонро дар бар мегирад. Чунин назарияро муаллифоне, ки консепсияҳои гуногуни идоракунии сифати таҳсилотро таҳия мекунанд, қабул мекунанд. Ҳамин тариқ, педагог ва методисти машҳури олмонӣ Д. Тиммерман модели семарҳилаи идоракунии сифати таълимро пешниҳод менамояд, ки дар он марҳилаи дохилшавӣ, мобайнӣ ва натиҷаи баромадро муайян мекунад.

Давраи якум шароити ташкили раванди таълиму тарбияро дар мактаб дар бар мегирад. Ба ин шартҳо дараҷаи касбии кадрҳои педагогӣ, ҳолати бино ва синфхонаҳо, таҷҳизот ва лоиҳакашӣ, мавҷуд будани нақшаҳои таълимӣ ва маводу воситаҳои таълим дохил мешаванд. Шартҳои муҳимми муваффақияти раванди таълим худи хонандагон, сатҳи қобилият, майл, шавқу рағбат ва омодагии ҳавасмандии онҳо ба омӯзиш мебошанд.

Марҳилаи мобайнӣ ба сифати равандҳои дохилии мактаб таъсир мерасонад. Ба инҳо мазмун, ташкили раванди таълим, кори касбии омӯзгор, иқлими иҷтимоӣ-психологӣ, ташкили худидоракунӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ва ҳамкории гурӯҳӣ шомил мешаванд.

Марҳилаи баромадан натиҷаи таълимро инъикос мекунад. Д. Тиммерман схемаи зерини идоракунии сифати таълимро пешниҳод мекунад:

Инчунин, тадбирҳоро барои тадриҷан беҳтар кардани сифати таълим муайян мекунад. Ниҳоятан, консепсияи Д. Тиммерман давраҳои зеринро барои ташхиси сифати таълим дар бар мегирад, ки инҳо мебошанд: банақшагирӣ, татбиқи такмил, санҷиши самаранокӣ, мутобиқсозии беҳтаршавӣ ба вазъияти тағйирёбанда.

Хулоса, раванди назорати сифати таълим яке аз масъалаҳои калидӣ дар ҳар низоми таҳсилот буда, муассисаҳои таҳсилотиро лозим аст, ки диққати худро ба раванди кафолати сифат, чорабиниҳои пешгирикунанда барои бартараф кардани камбудиҳои дохилӣ ва берунӣ ба нақша гиранд.



**Б. ҲАЙДАРОВ,**
**мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ЁРӢ БА ОМӮЗГОР - САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ДИРЕКТОР




Роҳбари як муассиса будан фаъолиятест, ки хеле мураккаб ва масъулиятпазир. Ҳар як роҳбари мактаб дар баробари донистани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, доштани дониши хуби касбӣ, равоншиноси хуб будан, маданияти баланди ахлоқӣ ва маънавӣ доштан шахси ҳамаҷониба пешқадам, тараққипарвар ва лаёқати баланди ташаббускорӣ бояд дошта бошад. Ӯ масъул аст, ки ба ҳар як муаллим дар самти барпо намудани лабораторияи эҷодии шахсӣ, истифодаи роҳу усулҳои фаъоли таълим, интихоби усул ва шеваи мувофиқ баҳри расидан ба мақсади таълим, дуруст муайян намудани ҳадафи асосии дарс, ташкили фазои ҳамкорӣ, муносибати фардӣ бо хонандагон мадад расонад. Яъне, расидан ба ин ҳадафҳоро директор бо муовинонаш пеш аз оғози соли таҳсил дида бароянд, ки вай ба кӣ кори фардӣ мегузаронаду муовинонаш ба киҳо. Дар ин кор, пеш аз ҳама, баланд бардоштани савияи дониши тахассусии муаллим, маҳорати касбии ӯ, муносибати вай бо хонандагон дар мадди аввал меистад. Яъне, мақсади асосӣ кушода додани маҳорати касбии омӯзгор аст.

Пеш аз он ки директор ба дарси муаллими ҷавон ворид шавад, маслиҳат медиҳем, ки аввал дар бораи усулҳои таълим, тарзи истифодаи адабиёти иловагӣ ва китоби дарсӣ, кори мустақилонаи хонандагон, тарзи муносибату муомила бо хонандагон, арзёбии донишу малака ва маҳорати онҳо, ҷалби хонандагони «танбал» ба фазои ҳамкорӣ ба вай маслиҳат диҳад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мутахассиси ҷавон, пеш аз ҳама, дар ҳамин самт ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад.

Директор аввал бо мақсади кумак якчанд асарҳои педагогиеро, ки ба таълиму тарбия бахшида шудаанд, ба муаллим тавсия намуда, барои баланд бардоштани маҳорати касбиаш чанд дастуру мақолаҳои методистонро низ пешниҳод менамояд, ки мутолиа кунад ва ба дарсҳои омӯзгорони варзидаю эҷодкор бештар ворид шавад.

Роҳбари муассиса ҳангоми суҳбат бо омӯзгори ҷавон дар назди вай чанд масъалаи муҳимро мегузорад, ки бояд ӯ дар рафти дарс ба он таваҷҷуҳи хосса диҳад:

**1. Муайян намудани ҳадафи асосии дарс чӣ аз диди вай ва чӣ аз диди хонанда.**

**2. Таносуби байни донишҳои назариявӣ ва маҳорати амалӣ, яъне, назарияро ба амалия татбиқ карда тавонистани хонанда.**

**3. Ҳангоми таълим ба кадом қоидаву таърифҳо, формулаҳо аҳаммият додани вай.**

**4. Чӣ тавр фазои ҳамкориро ташкил карда тавонистани ӯ.**

**5. Роҳҳои ташкил намудани вазъияти проблемавӣ (масъалагузорӣ).**

**6. Тарзи супориши вазифаи хонагӣ ва роҳҳои пурсиши он.**

**7. Тавсияи адабиёти иловагӣ барои баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбӣ, гирифтани маълумоти иловагӣ аз адабиёти тавсияшуда.**

**8. Инкишофи маҳорати андешаронӣ ва хулосабарории хонандагон.**

Ба дарсҳои аввалини мутахассиси ҷавон даромадани директор зарурат надорад, зеро бояд ба ӯ имкон дода шавад, то бо аҳли синф пурра шинос шуда, роҳашро ёбад, вале ин маънои онро надорад, ки муаллими навро аз назарҳо дур монем, балки директор имкон дорад, ки ӯро гоҳ-гоҳ ба дафтари кориаш даъват намуда, чунин саволҳо диҳад:

**- Шумо ҳангоми супориши вазифаи хонагӣ ба кадом самти кор бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоед?**

**- Барои ташаккули неруи зеҳнию ақлонии хонандагон кадом усулро истифода мебаред?**

**- Аз кадом усулҳои фаъоли таълим истифода бурдед?**

**- Чӣ тавр месанҷед, ки мақсади гузоштташудаатон иҷро шуд ё не?**

**- Аз саволгузории мақсаднок чӣ тавр истифода мебаред?**

**- Барои ташаккули неруи зеҳнии шогирдон аз кадом усулҳо истифода бурдан лозим?**

Аз суҳбати омӯзгори ҷавон аён мегардад, ки вай дар кадом самт душворӣ мекашад. Кадом усули корро дуруст сарфаҳм намеравад. Сипас, роҳбари муассиса ҳақ дорад, ки ба дарси муаллими ҷавон даромада, дар ҳамон самт ба вай ёрӣ расонад.

Ҳангоми таҳлили дарси муаллими ҷавон директор норасоиҳои ӯро ошкор намуда, барои рафъи онҳо бояд маслиҳатҳои судманд диҳад. Яъне, омӯзгорро бисёр танқид накарда, балки тавсияҳои таконбахш диҳад, ки дар оянда барои пешрафти кори ӯ мусоидат намоянд.

Рӯзи дигар директор омӯзгори ҷавонро метавонад, ба дарси худ даъват намояд. Дар ин ҳолат директорро лозим аст, ки ба дарс тайёрии ҷиддӣ бинад, то ки мутахассиси ҷавон аз дарси вай чизе ба худ гирифта тавонад ва дар пешрафти фаъолияти кории минбаъдаи ӯ мадад расонад. Пас аз иштирок ба дарс директор ҳатман бояд ба муаллими нав суҳбат гузаронад. Бубинад, ки вай барои худ аз ин дарс чӣ бардоштааст. Кадом навгониҳои дарсро эҳсос кардааст. Фаъолияти хонандагонро чӣ тавр баҳо медиҳад. Кадом лаҳзаи дарс барояш бештар писанд омадааст: гурӯҳбандӣ ё арзёбии дониш, ташкили фазои ҳамкорӣ ё масъалагузорӣ, истифодаи аёният ё тарзи пурсиши вазифаи хонагӣ. Ҳамин тариқ, мутахассиси ҷавон метавонад ба шаш-ҳафт дарси сарвари таълимгоҳ ворид шуда, маҳорати кориашро такомул диҳад.

Директори мактаб дар ин ҳолат бо муаллимони ботаҷриба ба 10-12 дарси вай ворид шуда, натиҷаи он мушоҳидаҳои муаллими ҷавонро мавриди санҷиш қарор диҳад. Бинад, ки он тавсияву маслиҳатҳо дар низоми кори омӯзгор, дар фаъолияти педагогии вай ягон тағйироту дигаргунӣ ворид намудааст ё на.

Мушоҳидаву суҳбатҳо нишон доданд, ки мутахассиси ҷавон чизи асосиро фаҳмидааст, аз уҳдаи моҳирона ташкил кардани кор, идора намудани синф, дар як ҷо муттаҳид кардани андешаҳо, истифодаи шаклу методҳои ҳамкорӣ бо хонандагон баромада метавонад, вале ҳанӯз ҳам дар ҳаллу фасли чанд масъалаи муҳимми тадрис ба хубӣ баромада наметавонад:

**а) тақсимоти дурусти вақт;**

**б) ба роҳ мондани кори гурӯҳӣ;**

**в) истифода аз саволҳои ташаккулдиҳанда (продуктивӣ);**

**г) дуруст ба роҳ мондани муаррифии кори гурӯҳҳо;**

**ғ) арзёбии донишу малака;**

**д) баҳодиҳӣ ба кори якдигар.**

Дар ин ҳолат директорро лозим аст, ки самти кориашро дигар кунад. Роҳу усулҳои ташкили ҷадиди таълимро ба вай нишон диҳад ва омӯзгорро бо адабиёту дастурҳои методӣ, инчунин, бо нашрияву маҷаллаҳои соҳавӣ таъмин намояд.

**Ҷаҳонгир ФАЙЗЗОДА,**
**устоди Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов**



# НАҚШИ ЗАНОНИ ТОҶИК ДАР ПЕШРАФТИ СОҲАИ ВАРЗИШ



Бо дастгириву роҳнамоиҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки занону бонувони тоҷик дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳамасола меафзояд. Сарвари давлат дар ин бора таъкид кардаанд, ки **модари тоҷик баробари иҷрои рисолати аслии хеш, яъне, тарбияи насли ояндасоз, инчунин, сиёсатмадору олим, омӯзгору табиб, ҳунарманду варзишгар, соҳибкори муваффақу коршинос буда, дар рушди ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, яъне, барои ободии кишвар саҳми басо арзишманд дорад**. Ин таъкиди Пешвои миллат ҳақиқати комил аст, зеро бонувони тоҷик дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар рушди тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, варзиши кишвар низ саҳми мондагор гузошта, бо заҳматҳои шабонарӯзӣ ва туфайли ҷасорату музаффариятҳояшон дар майдонҳои мухталифи олам Парчами Тоҷикистон афрохтаву Суруди миллии кишвари азизамон садо медиҳад.

Аввалин зани тоҷик, ки дар соҳаи варзиш шуҳрати ҷаҳонӣ ба даст овард, Зебуннисо Рустамова буд. Ӯ солҳои 1975-1976 дар як қатор мусобиқаҳои ҷаҳонӣ оид ба камонварӣ иштирок намуда, зина ба зина маҳорати худро сайқал дод ва ниҳоят, дар бахши камонварӣ қаҳрамони ҷаҳон гардид. Ҳамзамон, Зебуннисо Рустамова - барандаи медали биринҷии Бозиҳои XXI олимпии Монреал дар соли 1976, дар ҳайати тими миллии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ чемпиони ҷаҳон шуд. Ӯ се маротиба беҳтарин камонвар дар Аврупо, дорандаи медали нуқраи мусобиқаи дӯстӣ, чемпиони чандинкарата дар солҳои 1975-1987 мебошад.

Инчунин, дигар варзишгарбонувони Тоҷикистон, ба мисли Гавҳар Пӯлодова, Лола Валихоҷаева, Наргис Умарова, Марҳабо Шарифова, Эрика Шиллер, Валерия Королева дорандаи медали чемпионати ҷаҳон, иштироккунандагони бозиҳои олимпию қаҳрамонии Аврупо ва ҷаҳон мебошанд, ки дар хориҷи кишвар номи тоҷиконро баланд бардоштаанд.

Дар айёми соҳибистиқлолӣ варзишгарбонувони тоҷик тавонистанд, ки дар Тоҷикистон соҳаи варзишро бесобиқа рушд диҳанд ва имкон ёфтанд, ки иштирокдори комилҳуқуқи ҳаракати ҷаҳонии олимпӣ бошанд ва дар он саҳми худро гузоранд. Аз ҷумла, Сурайё Ҷумъаева дар намуди тирпаронӣ, Гавҳар Раҷабова (камонварӣ), Гулсара Дадабоева ва Галина Митяева дар намуди варзиши сабук, Наталя Шлемова (дар обронӣ), Дилбар Камолова (гуштии озод), Дилбар Султонова (самбо), Шаҳло Муҳаммадраҳимова, Сабина Тағойназарова ва Дилафрӯз Боҳирова (таэквандо) ва бисёре аз бонувони дигари тоҷик бо ҳунарнамоии худ машҳур гардидаанд. Мо чанде аз ин бонувони пешсафро муаррифӣ менамоем.

Варзишгари маъруф Сабина Тағойназарова (соли таваллудаш 1993) дар чемпионати ҷаҳон оид ба таэквандо, ки соли 2010 дар шаҳри Минск баргузор гардид, ҷои 1-умро ба даст овардааст. Ё ин ки соли 2009 варзишгари тоҷик Дилбар Камолова бори аввал дар арсаи байналмилалӣ баромад

карда, дар мусобиқаи Гран-при дараҷаи «А» оид ба гуштии озод ва юнониву румӣ дар Фаронса аввалин медали биринҷиашро ба даст орад.

Варзишгарбонуи тоҷик Мавзуна Чориева соли 2010 дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё оид ба бокс байни занон, ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор шуд, аввалин медали тиллои худро ба даст оварда, беҳтарин муштзани ин мусобиқа дониста шуд. Инчунин, М. Чориева соҳиби медали Бозиҳои олимпии Лондон – 2012, устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ мебошад. Дар баробари ин, ӯ 5 карат ғолиби мусобиқаҳои байналмилалӣ чун муваффақтарин муштзан миёни бонувони тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дилбар Султонова устоди варзиши байналмилалӣ оид ба самбо мебошад. Дар бисёр мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзидааст.

Соҳибистиқлолии кишвар, узви комилҳуқуқи Кумитаи байналмилалӣ гардидани Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, баргузории нахуст спартакиадаи занони Тоҷикистон дар соли 1999 ба инкишофи ҳаракати олимпӣ, иштироки занҳо дар олимпиадаву мусобиқаҳои байналмилалӣ мусоидат намуд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ шуғли варзишгарӣ дар байни бонувони кишвар беш аз пеш паҳн гардида, ширкати онҳо дар мусобиқоти байналмилалӣ боиси фахри ҳамватанон шуд.

Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ занону бонувон дар соҳаи варзиш дастовардҳои назаррас доранд. Чунончи, соли 1993 Гулнора Ғоибова дар Чемпионати ҷаҳон оид ба шашка иштирок намуд. Ӯ аввалин бонуи варзишгари тоҷик буд, ки дар мусобиқаи ҷаҳонӣ ширкат кард ва сазовори ҷойи аввал гардид. Нигина Қурбонова дар Чемпионати ҷаҳон оид ба таэквондо дар Лаҳистон соли 1995 миёни занон ва ҳамон сол дар Англия Л. Хоҷамкулова дар Чемпионати ҷаҳон – сеҳарбаи вазнбардорӣ бо натиҷаи 445,5 кг ҷойи дуюмро соҳиб гардиданд. Иштирокдори мусобиқаҳои байналмилалӣ Гулсара Дадабоева дар спартакиадаи занҳои Шарқ дар Покистон соли 1996 аз рӯйи давидан ба масофаи марафонӣ ҷойи дуюмро ишғол намуд. Дар варзиши дастхобонӣ, бадансозӣ ва вазнбардорӣ миёни занон Адолат Хӯҷамкулова, барандаи роҳхати бозиҳои олимпӣ шуд. Ӯ қаҳрамони чандинкаратаи Тоҷикистон дар ин се намуди варзиш ва ду карат (солҳои 2006 ва 2009) чемпиони Осиё мебошад.

Комёбиҳои бонувони варзишгари дастаи яккачини таэквондо дар солҳои 2007-2010 низ қобили таваҷҷуҳ аст. Онҳо ин муддат дар чандин чемпионатҳои ҷаҳонӣ ва осиёӣ иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро соҳиб гаштаанд. Шаҳло Муҳаммадраҳимова моҳи апрели соли 2007 дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон дар шаҳри Бледи Словения, дар рақобатҳои инфиродӣ миёни занон медали тилло ба даст овард. Соли 2008 чемпиони Осиё гардид ва дар Чемпионати ҷаҳон - 2009 медали биринҷиро соҳиб шуд. Сабина Тағойназарова, дорандаи медали нуқраи мусобиқоти Чемпионати ҷаҳон - 2009, чемпиони Осиё ва ҷаҳон - 2010, Нодира Исоева, чемпиони Осиё - 2010, дорандаи медали нуқраи мусобиқоти Чемпионати ҷаҳон - 2010, Гулрӯи Равшанмурод, Чемпиони Осиё -2010, дорандаи медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон - 2010, Меҳрангез Алиева, дорандаи медали нуқраи Чемпионати Осиё - 2010, Нилуфар Шарифова, дорандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон - 2010, Надима Раҳимзода, дорандаи медали биринҷии Чемпионати ҷаҳон - 2009 ва медали нуқраи Чемпионати Осиё - 2010, дар риштаи таэквондо аз комёбтарин бонувони варзишгар мебошанд, ки ҳар кадоме дар давраву дар навбати худ барои миллати тоҷик шарафу шуҳрат ато намудаанд. Дар ин намуди варзиш баъдтар Ширин Набиева шуҳрат пайдо кард. Ӯ соли 2014 «Беҳтарин варзишгари ҷавони тоҷик» эътироф шуд. Ширинбону соҳиби унвони Қаҳрамони Осиё ва барандаи Ҷоми ҷаҳон (шаҳри Минск) мебошад.

Корномаи бонуи шарафманд Мижгона Самадоваро наметавон сарфи назар кард. Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ оид ба кикбоксинг, ғолиби мусобиқаи ҷаҳонии ҳунарҳои размӣ дар Калуга (соли 2013), ҷоизадори Чемпионати ҷаҳон оид ба таэквандо дар Италия (соли 2016), Қаҳрамони бозиҳои Осиё оид ба кикбоксинг (Ашқобод, соли 2017 ва Қирғизистон, соли 2018), Қаҳрамони Ҷоми ҷаҳон оид ба бокс (шаҳри Нижневартовск, Россия, соли 2021) мебошад. Моҳрӯ Ҳалимова, ки ба варзиши бисёрҳарба машғул аст, дар андак муддат шуҳрати ҷаҳонӣ ёфт. Ӯ низ устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ аст. Се маротиба Ҷоизаи Чемпионати Осиёро ба даст овардааст. Шоҳида Қаландарова дастпарвари Мактаб-интернати тамоюли варзишдоштаи ба номи Иброҳим Ҳасанов ва хатмкардаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов (2021) мебошад.

**Барно САИДОВА,**
**дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



# ТАВСИФИ ФАСЛИ БАҲОР ДАР АШЪОРИ АМИРШОҲИИ САБЗВОРӢ



Амиршоҳии Сабзворӣ аз зумраи шоиронест, ки маҳбуб ва пазируфтаи ҳамагон гаштааст. Дар ин мақола як бахши эҷодиёти шоирро, ки ба баҳору табиату Наврӯз марбут аст, барои дарсҳои боз ва корҳои эҷодӣ ҳамчун маводи иловагии ёрирасон манзури омӯзгорон мекунем.

Амиршоҳӣ бо эҷодиёти гаронбаҳои худ пайравони ашъори худро низ ёфтааст. **Абдуррахмони Ҷомӣ** дар асари «Баҳористон» ба ашъори мухталифаш ба тарзи сухану ифодаи маънии ашъори Амиршоҳӣ ва афкори ӯ баҳои баланд дода, ба бисёр ғазалҳои ӯ пайравӣ кардааст. Аз ҷумла, дар «Баҳористон» чунин овардааст: «Ва дигар, Шоҳии Сабзворист ва вайро ашъор латифу якдасту ҳамвор, бо ибороти покиза ва маонии пурчошнӣ» (4,121). **Давлатшоҳи Самарқандӣ** чунин навиштааст: «Фузало муттафиқанд, ки сӯзи Хусраву латофати Ҳасану нозукиҳои Камолу сафои сухани Ҳофиз дар каломи Амиршоҳӣ ҷамъ аст ва ҳамин латофат ӯро кифоят аст, ки дар эҷоз ва ихтисор кӯшида» (3, 480). **Алишери Навоӣ** менависад: «Шеъри ӯро дар чошнӣ ва салосату латофат эхтиёҷи таъриф нест. Ғазал гуфта ва кам гуфта, аммо пеши ҳамаи мардум мустаҳсан ва писандидааст» (2, 23). Дар воқеъ, ғазалҳои Амиршоҳӣ зебову дилнишин буда, дар мавзуъҳои панду ахлоқ, фалсафа, ишқу муҳаббат ва тасвири манзараҳои табиат эҷод шудаанд. Шоир кӯшидааст, ки ғазалиёташ аз ҷиҳати забон равон ва пуробуранг бошанд. Баробари лутфи сухан ва умқи маънӣ хушоҳангӣ аз хусусиятҳои умдаи ғазалиёти Амиршоҳӣ буда, ки ҳанӯз аз замони зиндагии худи шоир ашъорашро бо мусиқӣ мехондаанд, ки ба ин чандин бор ишора мекунад:

**Суруди маҷлис агар нест гуфтаи Шоҳӣ,**
**Чӣ гуна дидаи халқе тар аз таронаи ӯст?**

Дар ғазалиёти шоир тасвири манзара бо ҳолати руҳии қаҳрамони лирикӣ сахт вобаста аст. Шоир наққоши моҳиреро мемонад, ки ҳолати воқеиро бо тамоми ҷузвиёташ ба риштаи тасвир кашидааст.

Дар ғазали поён, ки ба ҷашни миллии мо - Наврӯз бахшида шудааст, шоир ҳолати ботинии ошиқ, сӯзу фироқи ӯро тавсиф мекунад:

**Фасли Наврӯз асту халқе сӯи саҳро меравper,**

**Бенасиб онон, ки дар май қавли мутриб нашнаванд.**
**Рух намудӣ, мардумонро чашм бар абрӯи туст,**
**Ид шуд, борикбинон дида бар моҳи наванд.**
**Ман, ки дар шабҳои меҳнат сӯхтам, з-онам чӣ суд,**
**К-ин бутон хуршедрухсоранд ё маҳпартаванд?**
**Меравад халқе ба истиқбол, к-омад гул ба боғ,**
**Ту бимон боқӣ, к-аз ин бисёр ояндду раванд.**
**Пандгӯён Шоҳии дармондаро дил медиҳанд,**
**Ҳоли ӯ донанд агар, рӯзе чунин бедил шаванд.**

Ҳусни табиатро низ ӯ аз назаргоҳи ишқ мебинад, оламро барои ӯ ҷамоли ёр оро медиҳад ва табиат бо тамоми зебоиҳояш танҳо чун розгоҳи паноҳгоҳ аз ҷавру зулми замона ва ҷавлонгаҳи ишқ дорои аҳаммият аст. Тасвири айёми баҳоронро шоир хеле моҳирона ба қалам додааст. Лаҳзае, ки бо «гиристани абр», «рухи гулҳо»,

«бо шабнам шуста» мешаванд:

**Абр омаду бигрист бар атрофи чаманҳо,**
**Шуд шуста ба шабнам рухи гулҳову суманҳо.**

Амиршоҳӣ дар ғазалиёти дар мавзуи баҳор, ишқ, иди Наврӯз нигоштааш дар ҳусни баён, таносуби сухан, равонӣ, ширинӣ, борикандешӣ, хушоҳангӣ, нуктасозӣ, латифапардозӣ, сафои афкор ва салосату балоғат маҳорати хоси худро дорад.

**Ид асту навбаҳору чаҳонро чавоние,**
**Ҳар мурғро ба васли гуле шодмоние.**
**Ҳамчун ҳилоли ид шудам зору нотавон,**
**Рӯзе надидам аз маҳи худ меҳрубоние.**
**Рӯзам ба дарди дил гузарад, шаб ба сӯзи ҳаҷр,**
**Дур аз саодати ту аҷаб зиндагоние.**
**Халқе ба ид хурраму аз навбаҳор хуш,**
**Мову фироқи ёреву андӯҳи ҷоние.**
**Шоҳӣ ба сӯзи ишқи ту шуд рӯшиноси шаҳр**
**Доғи сагон бувад зи барои нишоние.**

Ин ғазал дар баҳри музореи мусаммани аҳраби маҳзуф гуфта шуда, шакли он чунин аст: мафъулу / фоъилоту / мафоъилу / фоъилу – – v / – v – v / v – – v / – v –

Айнан ба ҳамин мазмун Амиршоҳӣ ғазале дорад, ки дар вазни раҷази мусаммани солим аст. Шакли афоъилаш чунин аст: мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун – – v – / – – v – / – – v – / – – v –

**Ид асту халқе ҳар тараф доманкашон бо ёри худ,**
**Мискин мани бесабрудил ҳайрон шуда дар кори худ.**
**Ҳам мурғ нолон дар чаман, ҳам гул дарида пираҳан,**
**Ҳар кас ба ёре дар сухан, ман бо дили афгори худ.**
**Ту ҳамчу гул доманкашон рафта ба гашти бӯстон,**
**Пеши ту мискин боғбон шарманда аз гулзори худ.**
**Ақлам, ки будӣ раҳнамун, хандид бар аҳли ҷунун,**
**Ман низ меҳандам кунун бар аҳли даъвидори худ.**
**Гар рози дил нанҳуфтаме, дар хоку хун кай хуфтаме,**
**Ҳам бо табибе гуфтаме ҳоли дили бемори худ.**
**Дар ҷон дарун он тундхӯ доим ба дил дар гуфтугӯ,**
**Бечора ман маҳрум аз ӯ чун дида аз дидори худ.**
**Шоҳӣ, зи хубон зад нафас афтод дар доми ҳавас,**
**Чун андалебони қафас дармонда аз гуфтори худ.**

Вазни ғазалҳои Амиршоҳӣ хеле равон ва хушоҳанг буда, аз ин ҷиҳат ба он маъниҳои шӯрангезу эҳсосоти баланди шоир ҳусну таровати дигаре мебахшанд.

Амиршоҳӣ дар офаридани тасвирҳои бадеии зебо ва маънию мазмунҳои наву нотакрор аз анвои мухталифи арӯз хуб истифода кардааст. Ғазалиёти Амиршоҳӣ инкишофи анъанаҳои беҳтарини шуарои гузашта буда, лекин ӯ бо ҳиссиёти пурҷӯши шоирона, завқи саршор, хиради даррок ва эҳсосоти латиф эҷод намуда, ба ашъори шоирони муосири худ ва ҳам ба эҷодиёти шоирони асрҳои минбаъда таъсири амиқ гузоштааст.

Шоир дар коргирӣ аз вазнҳои шеърӣ ҷилоҳои ҷолиби ҳунарӣ дорад, ки метавонад хонандаро муштоқ созад. Фаразан, ҳиссиёти қалбии ғазалҳои ошиқонаро тавъам бо шӯру валвалаҳои сиратии қаҳрамони лирикӣ дар ҳамин поя, бо истифода аз баҳрҳои ҳазаҷ ва музоръ ва бо тобиши бисёр ғании мавъизатӣ, дар баҳри рамал ва раҷаз кор гирифтааст, ки писандида мебошад.

Дар ғазали дигар Амиршоҳӣ идро тавъам бо сӯзи ишқ мазмуни нав сохтааст.

Ҳамчунин, айёми баҳорро шоир бо истифода аз ибораҳои нав, ба мисли «абри найсонӣ», «роҳи райҳонӣ», «гиряҳои гарм» тасвир намуда, ки барои сохтани тобишҳои рангини бадеӣ хидмат кардаанд:

**Ид шуд, моро дили девона зиндонӣ ҳанӯз,**
**Гул шукуфт, аз гиря чашмам абри найсонӣ ҳанӯз.**
**Сабзаи тар хост з-он лабҳову ман рафтам зи хуш,**
**Ночашида ҷуръае з-он роҳи райҳонӣ ҳанӯз.**
**Гар бидонӣ сӯзи ман, раҳм оядат бар рӯзи ман,**
**Ҷони ман, огаҳ найӣ з-ин меҳнати ҷонӣ ҳанӯз.**
**Гиряҳои гарм бин абри баҳориро ба боғ,**
**Гул ба рӯяш хандае нокарда пинҳонӣ ҳанӯз.**
**Гуфтай, донистаам, Шоҳӣ гадои кӯи мост,**
**Умр агар боқӣ бувад, з-ин беҳтараш донӣ ҳанӯз.**

Хулоса, Амиршоҳии Сабзворӣ дар эҷоди ғазалҳои дар васфи Наврӯз, баҳор ва ишқ сурудааш баландтарин эҳсосоти инсониро тараннум намудааст.

**Адабиёт:**

1. Амиршоҳии Сабзворӣ. Девон. Бо тасҳеҳу ҳавошӣ ва муқаддимаи Саиди Ҳамидиён. -Теҳрон, 1348. -112 с.
2. Амир Алишери Навоӣ. Маҷолисуннафоис. Тарҷумаи Фахрии Ҳиротӣ. -Теҳрон, 1323.-647 с.
3. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкиратушшуаро. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббос. -Теҳрон, 1337.-649 с.
4. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Бо тасҳеҳи Исмоили Ҳокимӣ. -Теҳрон, 1371.-179 с.

**Иноят ФАЙЗУЛЛОЕВА,**
**корманди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**



# "ТОҶИКОН" - САРЧАШМАИ ОМӮЗИШ ВА ТАРҒИБИ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Яке аз дастовардҳои бузурги маънавӣ барои миллати мо таълифи китоби “Тоҷикон” мебошад. Дар айёми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ офаридан ва нашри чунин китоб кори саҳлу осон набуд, зеро бо камтарин иштибоҳ бо ҷурми миллатгароӣ муаллифи чунин китоб кунҷи зиндон ё ҳукми қатлро мегирифт. Сиёсати ҳукумати собиқ Шуравӣ ба дигар миллатҳо имкони омӯзиш ва тарғиби таъриху фарҳангашонро намедод. Фарзанди фарзонаи миллат, аллома Бобоҷон Ғафуров бо саъю талоши зиёд асари машҳури худ - "Тоҷикон"-ро, ки тасвири комили таърихи тоҷиконро дар бар гирифта, хусусияти бузурги бунёдӣ дорад, дар он давраи ҳассосу хатарнок таълиф ва нашр намуд.

Бешак, бузургонро бузургон зинда медоранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи Истиқлоли давлатӣ ба омӯзиш, эҳёгардонӣ ва тарғиби таъриху фарҳанги миллати тоҷик таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Додани унвони Қаҳрамони Тоҷикистон ба аллома Бобоҷон Ғафуров, нашри чандинкаратаи китобашон - “Тоҷикон” аз тарафи Сарвари кишвар эътирофи ин фарзанди донишманди Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангии миллат мебошад. Президенти мамлакат, ҳамзамон, бо анҷоми корҳои бузурги созандагӣ бо нашри китоби “Тоҷикон” ва ба ҳар як хонаводаи тоҷик ройгон тухфа кардани он эҳтироми худро нишон доданд. “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров сарчашмаи нодир барои тарғибу омӯзиши таърихи тоҷикон мебошад ва ҳар яки мо зимни муошират бо намояндаи дигар халқиятҳо ҳангоми муаррифии миллати тоҷик такя ба ин китоб менамоем. Бешубҳа, китоби “Тоҷикон” шиносномаи миллати сарбаланди тоҷик маҳсуб меёбад. Оре, таъриху фарҳанг ҳамчун рукнҳои асосии ҳар як ҷомеа муаррифи давлату миллат буда, ҳар як нақши мусбати давлатро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ тақвият бахшида, барои муносибатҳои сиёсӣ, фарҳангиву иқтисодии байни кишварҳо саҳми арзанда мегузорад. Воқеан, ҳар як қавму миллате, ки дар натиҷаи гардишҳои таърихӣ соҳиби истиқлоли сиёсӣ мегардад, талоши аввалинаш мустаҳкам гардонидани ин мустақилият тавассути тарғиби ғояҳои худшиносиву хештаншиносӣ ва дарк намудани арзишҳои миллӣ, ташкилу бунёди ҳувияти миллӣ мебошад. Баробари ба даст овардани истиқлоли комил, дар ҳар як миллат ғояҳои “Ватанпарастӣ”, “Ҳувияти миллӣ”, “Номуси ватандорӣ”, “Ваҳдату якдилӣ” ҳамчун андешаҳои комил ҷойгоҳу мақоми калидӣ касб мекунанд. Асари “Тоҷикон” мероси гаронбаҳоест барои халқи тоҷик, ки мо онро бо ифтихор сарчашмаи бузургу мукаммали хештаншиносӣ меҳисобем.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи таълифи асарҳои бузургу мондагор бевосита ба тарғиби таърихи куҳану фарҳанги оламгири тоҷикон машғул мебошанд. Гузаронидани конфронсу мизҳои мудаввар, анҷумани озмунҳо дар омӯзишу тарғиби таъриху фарҳанги миллат корҳои шоистаи Президенти кишвар ба шумор меравад. Оғози тамаддуни мо аз Куруши Кабир буда, идомаи он то Исмоили Сомонӣ расидааст ва имрӯз дар давраи истиқлол пешрафту пойдории давлатдории мо ба Президенти маҳбуби ҷумҳурӣ марбут аст. Мо бояд собит намоем, ки соҳиби тамаддуни куҳан ҳастем ва онро пос дошта, ба насли ояндасозамон омӯзонему ба мерос гузорем. Агар имрӯз навраси тоҷик надонад, ки Спитамен, Муқаннаъ, Маҳмуди Торобӣ, Темурмалик, Деваштич ва дигар чеҳраҳои мондагори мо чӣ шахсиятҳое ҳастанд, ин, пеш аз ҳама, натиҷаи таълиму тарбияи нодурусти мо-омӯзгорон, хонавода ва аҳли ҷомеа мебошад. Пас, дар ин самт бояд дастаҷамъона корҳои самаровар ба анҷом расонем, ки тарғибгару муаррифи сарчашмаҳои мукаммали фарҳангу таърих ва адабиёти оламшумули мо бошад ва барои бедории ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии насли наврас ҳамчун таҳкурсии қавӣ хидмати арзанда намояд.

**Амоншо ПАЛАВОНОВ,**
**корманди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# НАВРӮЗ - АЗ ОИНҲОИ МАРДУМӢ ТО ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Таҷлили Наврӯз таърихи беш аз 6000-сола дорад, ки қадимтарин ва бошукӯҳтарин оини миллии тоҷикону ориёнажодҳои ҷаҳон махсуб мешавад. Бо саъю талоши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷонибдорӣ аз тарафи роҳбарони давлатҳои Эрон, Афғонистон, Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ҳиндустон, Озарбойҷон, Македония, Албания ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик 19-уми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-уми Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шуд, ки дар он 21-уми март рӯзи таҷлили ҷашни Наврӯз ҳамчун ҷашни байналмилалӣ муайян гардид. Бо дарназардошти тамоми вижагиҳои ин ҷашни муборак 30-юми сентябри соли 2009 созмони бонуфузи ЮНЕСКО онро ба феҳристи 76 ёдгории мероси ғайримоддии фарҳангии ҷаҳонӣ шомил кард. Омӯзиш ва эҳёи расму оинҳои бостонии ҷашни Наврӯз ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани он ҳамчун арзиши бебаҳо барои ҳар як ворисиояндаи халқамон бояд вазифаи муқаддас гардад. Тамоми оинҳои Наврӯз сарчашмаи бузурги арзишҳои ахлоқиву тарбиявӣ буда, метавонад насլҳоро ба покии зоҳириву ботинӣ, садоқат ва вафодорӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва зебоипарастӣ ҳидоят намоянд. Наврӯз аз қадимулайём то имрӯз аз ҷониби тоҷикон бо шукӯҳу вижагиҳо ва расму оинҳои хоси ин сарзамини бостонӣ таҷлил мегардад. Наврӯз расму оинҳои зиёдеро дар бар мегирад ва чанде аз онҳоро, ки дар шаҳру навоҳии ҳавзаи Наврӯз, бахусус, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз солҳои қадим роиҷ ҳастанд, ин ҷо меорем.

**Ҳафтсин.** Ҷашнгирии иди Наврӯз дар торикӣ оғоз мeёбад, вақте ки тамоми аҳли оила либоси нав пӯшида, дар гирди дастархон ҷамъ мешаванд, ва дар он чиҳозҳои нав гузошта мешаванд. Дастархони наврӯзӣ махсус чинда шуда, онро **«ҳафтсин»** мегӯянд. Дар рӯйи миз ҳафт маҳсуло-

ти ғизоӣ, ки номашон бо ҳарфи **«син»** оғоз мешавад: сипанд, себ, сиёҳдона, санҷид, сирко, сабзӣ ва суманак, гузошта мешавад.

**Ҳафтшин.** Ба ақидаи дигар, дар баробари дастархони «ҳафтсин» омода намудани дастархони **«ҳафтшин»** низ роиҷ аст, ки дар он ҳафт моводи ғизоӣ, ки бо ҳарфи **"шин"** шурӯъ мешаванд: шакар, шарбат, ширинӣ, шамъ, шона, шир, шароб, гузошта мешаванд.

**Ҷуфтбаророн.** Ин маросим аз қадимтарин оинҳои Наврӯз маҳсуб мешавад. Ба гуфтаи муҳаққиқи тоҷик Дилшод Раҳимов то солҳои 50-уми асри гузашта деҳқонони вилоятҳои Суғду Хатлон қабл аз оғози ҷашни Наврӯз маросими **"Ҷуфтбаророн"**-ро анҷом медоданд. Рӯзи аввал деҳқонон дар хона ҷамъ шуда, якҷоя оши палав мепухтанд, дар ҳаққи Бобои Деҳқон ва гузаштагон дуою фотиҳа мехонданд. Сипас, ба саҳро баромада, ба шохи говҳо равғани зағир молида, ба сару гарданашон орд мепошиданд, ки ин рамзи баракат ва ҳосили фаровон буд.

**Хонатаконӣ.** Маросими дигаре, ки дар иди Наврӯз ба ҷо оварда мешавад, **«хонатаконӣ»** ном дорад ва яке аз ҷузъҳои муҳимму ҳатмии ин ҷашни фархунда арзёбӣ мегардад. Мардум тамоми зарфҳои рӯзгорро берун оварда, хонаҳоро сафед мекунанд, кӯрпаву қолин ва дигар ашёи рӯзгорро мешӯянд, яъне, хонаҳоро покиза мекунанд. Барои мардуми тоҷик ҷашни Наврӯз аз қадим рамзи покӣ маҳсуб мешуд.

**Суманакпазӣ.** Муҳимтарин туҳфа барои Наврӯз суманак аст, ки аз сабзаи гандум омода мешавад. Худи сабза тимсоли эҳёи табиат, зебоӣ ва сарсабзии ҳаёт аст. Зимни омода кардани суманак занону духтарон суруд хонда, рақсу шӯхию бозӣ мекунанд, зеро тибқи эътиқоди мардумӣ, агар ҷашни Наврӯзро бо ханда, шодиву хурсандӣ таҷлил кунанд, ҳамон сол соли файзу баракат, шодиву хурсандӣ хоҳад буд. Ҳангоми кофтани дег ҳама суруди халқии **«Суманак дар ҷӯш»**-ро бо ҳамовозӣ мехонанд. Дар деги суманак ҳафт дона чормағз ва гоҳе ҳафт сангча мегузоранд, ки рамзи ҳафт фариштаи ҳафт осмон аст.

**Сайри наврӯзӣ.** Мардум дар айёми Наврӯз ҷашни баҳорро дар боғу гулзорҳо, назди чашмаҳову рӯдхонаҳо ҷашн мегирифтанд, ки онҳоро **"идгоҳ"** ё **"сайргоҳ"** мегуфтанд. Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланди касбӣ ва зебо таҷлил кардани ҷашни Наврӯз, дар пойтахти кишвар, маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, деҳоту маҳаллаҳо майдону марказҳои махсуси наврӯзӣ ташкил карда шудаанд.

**Бозиҳои суннатии варзишӣ.** Бахши муҳимми таҷлили Наврӯз бозиҳои суннатии варзишӣ мебошанд. Дар айёми Наврӯз мусобиқаҳои гуштигирӣ, аспдавонӣ, пойгаҳ, давидан, бандкашӣ ва чавгонбозӣ баргузор мешавад.

**Гулгардонӣ.** Қабл аз Наврӯз аксари кӯдакон бо баргузории маросими гулгардонӣ ба дигарон паём ирсол мекунанд. Кӯдакон, ки дар даст гулҳои сияҳгӯш, бойчечак ё наврӯзӣ доранд, ба ҳар хона наздик шуда, соҳибхонаҳоро бо шеърҳо дар васфи баҳор шодбош мекунанд. Соҳибхонаҳо гулро ба чашму абрӯвон молида, ба гулгардонҳо қадри ҳиммат чизе ҳадя мекунанд.

**Чоршанбесурӣ.** Аз замонҳои қадим то ба имрӯз дар охирин чаҳоршанбеи соли қамарӣ, пеш аз Наврӯз, мардуми ориёитабор маросиме доранд, ки онро **"Чоршанбесурӣ"** меноманд. Ин ҷашн аз гузашта то ба имрӯз дар тамоми манотиқи кӯҳистони Эрон баргузор мегардад. Дар бисёре аз навоҳии манотиқи Осиёи Марказӣ, бахусус, дар Мовароуннаҳр низ таҷлил мегардид. Муҳаммадраҳим Раҳимов, пажуҳишгари тоҷик дар китоби худ «Деҳқонони тоҷик дар ҳавзаи дарёи Хингов пеш аз инқилоб» менависад, ки дар чоршанбеи охири сол дар минтақаҳои Дарвоз, Ванҷ, Рашт, Яхсу бегоҳӣ, пас аз ғуруби офтоб, гулхани оташро фурӯзон намуда, се бор аз болои он мепариданд, ки онро мардум **"чоршанбеи охири сол"** ва ё **"аловпарак"** меномиданд.

**Фолгирии наврӯзӣ.** Оини дигар, пешбинӣ кардан бо роҳи сабзонидани дувоздаҳ навъи ғалла: гандум, ҷав, нахӯд, боқило, зағир, наск, мош ва ғайра, мебошад. Ғалларо дар зарфҳои гуногун дар шароити хона месабзониданд ва аз суръату сифати сабзиши онҳо фол мегирифтанд, ки кадом навъи ғалла дар ин сол нашъунамои хуб карда, ҳосили фаровон хоҳад дод.

**Маросими обрезон.** Аз давраҳои қадим дар мардуми ориёӣ оине маъмул буд, ки пеш аз Наврӯз мардум худро поку озода мекарданд. Тибқи навиштаи фолклоршиноси маъруфи тоҷик Рӯзӣ Аҳмад, сардори оила субҳи барвақт ба даст кӯза ё ягон зарфи обро гирифта, ба лаби чашма ё рӯди

об мерафт. Баъди шустушӯй зарфро пури об карда, аз болои об се маротиба чаҳида: **«Ҳарчи дарду бало дорам, об бибар!»**,- мегуфт.

**Очили мушкилкушо.** Дар гузашта, пас аз поёни оташафрӯзӣ аҳли хона ва хешовандон гирди ҳам меоянд ва охирин тухми тарбуз, каду, фандақ, бодом, тухми харбуза, шоҳдонаро, ки аз захираи зимистона боқӣ мондааст, мехӯранд. Онҳо бовар доштанд, ки ҳар касе аз ин донаҳо бихӯрад, кинаву рашк аз вай дур мегардад.

**Ситдуздӣ.** Дар Бадахшони Тоҷикистон мардум ба тоза кардани хонаҳои маскунӣ ва асбобу анҷоми рӯзгор шуруъ мекарданд. Марди хонавода барои таъмир аз ҷойи махсус хок меоварда, ки ҳангоми овардани хок касе ӯро набояд бинад. Ӯ ин корро замоне мекард, ки пардаи торики шом атрофро фаро мегирифт ва ё субҳи барвақт буд. Дар баъзе ҷойҳо инро **ситдуздӣ** (гилдуздӣ) мегӯянд.

**Пичирумчшиканӣ**. Дар бархе аз маҳалҳои Рӯшон ва Шуғнон ҳангоми пухтани баъзе аз ғизоҳои миллӣ бо номи бат-айём, хидир-айём оғози меҳмониро, ки **"пичирумчшиканӣ"** меноманд, соҳиби хона ба ҷо меорад. Мард вориди хона мешуд ва "**Шогун-баҳор муборак**"-гӯён аҳли хонадонро табрик мекард ва занаш **"ба рӯйи шумо муборак"** гуфта, чун одат ба китфаш орд мепошид.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҷлили баҳору Наврӯз вижагиҳои хоси худро дорад. Ин ҷашн дар Бадахшон бо се ном: **Хидирайём, Наврӯз** ва **Шогун-баҳор** маъруф аст. Наврӯз дар ин минтақа аз тоза кардани хона шуруъ мешавад. Дар навбати аввал аз хона чизи сурх (матоъ, кӯрпа ва ғайра) бароварда, ба ресмоне меовезанд, ки рамзи ид ва муҳофизат аст. Дастархони идонаро аз рӯйи анъана бо боҷкашк - таом аз донаи гандум бо гӯшт ва нони аз чормағзи кӯфташуда оро медиҳанд.

Бо фарорасии бегоҳ қисми муҳимтарини ид-маросими **«килоғузғуз»** оғоз мешавад, ки онро кӯдакон бесаброна интизор мешаванд. Кӯдакон бо рӯймолҳо хона ба хона гашта, ба бом мебароянд ва нӯги рӯймолро ба воситаи равзанаи хона ба поён партофта, суруд мехонанд. Соҳибхонаҳо дар як тарафи рӯймол ҳадя гузошта, мебанданд.

Дар ин рӯз барои меҳмонон ҳеҷ чизро рад кардан мумкин нест. Нақлест, ки ҷавоне чандин бор ба хостгории духтари писандидааш меравад, аммо волидони духтар хоҳишашро намепазиранд. Ин писари ҳушманд дар ҷашни Наврӯз ба боми хонаи он духтар баромада, аз волидонаш талаб мекунад, ки духтаратонро ба ман диҳед. Бад-ин васила, дилдодагон ба муроди дили хеш мерасанд.

Дар бораи Наврӯз таърихшиноси Юнони қадим Страбон навиштааст: **"Дар замонҳои қадим ва то ба имрӯз сокинони Байнаннаҳрайн (Сирдарё ва Аму) дар ин рӯз дар маъбади оташ ҷамъ меоянд. Ин ҷашни маъруфтаринест, ки тоҷирон дуконҳои худро мебанданд, косибон аз кор мемонанд, ҳама вақтхушӣ мекунанд, якдигарро бо нӯшокиҳо ва хӯрокҳое, ки оташ ламс кардааст, меҳмондорӣ менамоянд"**.

Ба андешаи муҳаққиқи эронӣ доктор Шариатӣ **"Агар рӯзе Худо оламро оғоз карда бошад, мусаллам, он рӯз Наврӯз будааст. Ба фикри ӯ Баҳор нахустин фасл, Фарвардин нахустин моҳ ва Наврӯз нахустин рӯзи офариниш аст"**.

Дар замони Шуравӣ таҷлили Наврӯз дар Тоҷикистон зиёд роиҷ набуд. Бо вуҷуди ин мардум суннатҳои Наврӯз, расму оинҳои аҷдодии худро содиқона ҳифз карда, бо номҳои гуногун онро ҳар сол ҷашн мегирифтанд.

Пас соҳибистиқлолии кишвар Наврӯз дубора ҳамчун ҷашни миллӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Имрӯзҳо дар фазои софу беғубор ва ороми сарзамини бостонӣ ва муҳити созандагиву бунёдкории Ватани маҳбубамон накҳати яке аз қадимтарин ва зеботарин ҷашнҳои аҷдодӣ - Наврӯз танинандоз асту ба шарофати он як эҳсоси фораму фараҳбахш дили пиру ҷавонро фаро мегирад.

Наврӯз ба такягоҳи аслии худшиносии миллӣ, василаи муҳимми пайвастани наслҳо, пайвастани гузашта ва имрӯз, эҳёи суннатҳои зебои, инсондӯстӣ, бахшидани гуноҳи ҳамдигар ва расидан ба қадри зиндагии хушу хурсандона табдил ёфтааст.

Хулоса, Иди Наврӯз аз маъруфтарин ва маҳбубтарин ҷашнҳои мардуми тоҷик ва дигар халқҳои эронитабор буда, ин ҷашни зебо ба қалбҳои хурду калон умеду ҳавас ба зиндагӣ, шодиву нишот ва руҳияи ҳамзистӣ оварда, мардумро ба дӯстӣ, самимият, меҳру садоқати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар ҳидоят мекунад.

**Субҳони АЪЗАМЗОД,**
**доктори илми филология**



# ҲАСТИИ АДАБИЁТ ВА ШЕЪР ДАР МАҶАЛЛАИ ОМӮЗГОРОН

## Нимаи аввали солҳои 90-уми садаи XX




Маҷаллаи таълимӣ-методӣ ва илмиву оммавии Вазорати маорифи халқи Тоҷикистон – **«Маърифат»**, ки имрӯз бо номи «**Маърифати омӯзгор»** дар хидмати ҷомеаи соҳибистиқлол аст, идомаи «Мактаби советӣ» мебошад. Маҷалла то моҳи декабри соли 1990 бо номи **«Мактаби советӣ»** ба нашр мерасид. Ин замоне буд, ки дар ҷомеа дигаргунӣ ва ислоҳоти куллӣ падид омад, **«ғояи инсонгароии омӯзишу парвариш барои мактаби тоҷикӣ ва ислоҳи он»** арзиш пайдо кард ва **«фикри ҷӯяндаи донишмандони Шуравӣ фаъол шуд, масъалаҳои гуногуни мактаб дар ҷамъомадҳо ва матбуот мавриди баррасӣ қарор гирифтанд»** [11, с. 15].

Яке аз талабҳои ҷиддӣ ворид кардани дигаргунӣ ва ислоҳот дар низоми омӯзишу парвариш, хосса, дар таълими илмҳои инсонӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ, ба вежа, тағйири сифати барнома ва китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик, гузориши мушкилот ва муаммои фаҳмиши нав дар шинохти шеър ва маслаку мароми он, вежагии шеъри классикӣ, дар маҷмуъ, бозтоби ҳастии адабиёт ва шинохти тозаи он мебошад, ки гузориши ин муаммоҳо дар давраи охири фаъолияти маҷаллаи **«Мактаби советӣ»** арзиш пайдо кард ва дар замони табдили номи он ба **«Маърифат»** такмил ёфта, маҷалла дар ин ҷода ҳамчун маркази муҳимми гузориш ва баҳрамандӣ аз ормонҳои нави ҷомеӣ шинохта гардид.

Дар ин давра бисёре аз мақолаҳои аҳли тахассус ба муносибати тағйир ёфтани вазъи омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик, беҳтар кардани сатҳу сифати барномаву китобҳои дарсӣ, сайқал додани савия ва зеҳни адабиётфаҳмии аҳли замон ба миён омадаанд. Гузориши руҳи замон-бознамоии дигаргуниҳои адабӣ ва таъкиди роҳҳои дурусти расидан ба ниёзҳои навин дар мақолаи профессор Холиқ Мирзозода «Адабиёти ҷадида дар программа ва китобҳои дарсӣ» (Мактаби советӣ, №10, 1990) чунин ба миён гузошта шудааст: **«Дар замони ҳозира дар бораи бозсозӣ ё ки азнавсозӣ бисёр ҳарф мезанем, вале аксарияти мутлақ намедонем, ки аз чӣ бояд сар кард ва идеали он чист»** [7, с. 24]. Аз ин ҷиҳат агар ба силсилаи мақолаву гузоришҳои маҷаллаи «Мактаби советӣ» дар соли 1990 рӯй оварем, мо бо нишондодҳои матлуби муносибати нав ба адабиёт ва шеър бармехурем. Ба вежа, падид омадани рубрикаҳои «Тафсири шеърҳои китоби дарсӣ», «Тафсири порчаҳои шеърии китобҳои дарсӣ», «Шарҳу тафсири порчаҳои назми классикӣ дар китобҳои дарсӣ» ва дар онҳо ба нашр рафтани мақолаҳои мутахассисони варзидаи адабиёт, аз ҷумла, Абдулманнон Насриддинов «Тафсир ва таълими як тимсоли адабӣ» (№5, с. 19-23), «Чанд қайд оид ба маънигузорӣ дар ашъори Камоли Хуҷандӣ» (№9, 1990 с. 27-30), Муҳаммад Ансор «Мо шеърро чӣ тавр мефаҳмем?» (№6, 1990, с. 25-28), Мирзо Солеҳ «Рамзошнои маънӣ боястӣ» (№10, 1990, с. 27-29), Шукур Ҷумъазода «Бо як нигоҳ шеърро наметавон шинохт» (№11, 1990, с. 32-34), Аъ-

зам Худойдод «Омӯзиши муносибати Алишер Навоӣ-Фониӣ ба ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар мактаб» (№12, 1990, с. 21-24) далел ба нуфузи ин қазия дар он давраи фарорафт ба фаҳмиши адабиёт дар пайванд ба мухтавои барномаву китобҳои дарсии адабиёти тоҷиканд. Агар боз бештар фаротар равем, мақолаҳои аҳли таҳқиқ дар ин маҷалла баробари мақолаву гузоришҳои нашрияҳои дигари миллии тоҷикии нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX аз аввалин нишонаҳои нишотбахши дарки асосҳои шеъри классик берун аз талаби таълимоти марксистиянд. Аммо таъсири ин равандҳо дар мубориза барои худшиносӣ, пайванди дирӯз ва имрӯзу фардо, шинохти чеҳраи миллӣ ва суннатҳои фикрии ниёгон дар замони пурбаҳси бозсозӣ бештар ба эҳсос мерасанд.

Аз охирин шумораҳои «Мактаби советӣ»-и соли 1990 дармеёбем, ки нашрияи «Маърифат» дар соли 1991 ният дошта, бахши «Шарҳу тафсири порчаҳои назмӣ аз китобҳои дарсӣ»-ро чун вазифаи аввалиндараҷа идома диҳад ва дар ин арса қадами устувор гузорад. Яке аз гузоришгарони қазия дар он давр (Пӯлодова аз Хуҷанд) моҳияти тамоюлро чунин гуфта: **«чараёни дарси адабиётро завқбахш мегардонанд, мо, омӯзгоронро дар таҳлилу шарҳи порчаҳои шеърӣ аз саҳву хатоҳо эмин медоранд»**[6,с. 60].

Ҳамин тавр, мақолаҳои таълими адабиёт ва шеър дар маҷаллаи «Маърифат»-ро дар маҷмуи умумии раванди солҳои 90-уми садаи XX ба чанд даста метавонем, ҷудо намоем. Дар ин мақолаҳо яке аз масъалаҳои меҳвариву ҷиддӣ усулҳои нави баҳрамандӣ аз адабиёт ва шеър дар мактаби миёна аст. Ин нукта дар қолаби муаммои асосҳои маънавии инсонигарии омӯзиш дар таълими забону адабиёти тоҷик ба миён омада, дар ин боб гуфтугӯи зиёд шудааст [11; 12]. «**Инсонгароии таълим дар даврони навсозӣ ва демократӣ кардани ҷамъият, ҳангоми устувор намудани пояҳои гуманистии он як ҳодисаи табиӣ буд»** [11, с. 28].

Ҷолиби диққат аст, ки маҷалла низ ба роҳу усули замонии омӯзиши адабиёт, беҳтар кардани асли сифати китобҳои дарсӣ ва дигаргунии мухтавои барномаҳои таълими адабиёт дар мактабҳои миёна, чигунагии таснифи иншо ва билетҳои имтиҳон диққати хос дода, мавқеяшро дар ин арса ба таври бесобиқа нишон додааст.

Ба мақолаҳои ин давра танқиди солҳои, ба истилоҳ, карахтӣ дар соҳаи мактабу маориф, дурӣ ҷустан аз таъсири омӯзиши адабиёт ба равиши ғарбӣ ё русӣ ва андӯхтани осори адабӣ аз рӯйи усули суннатии классикӣ хос аст. Аз сабаби он ки чанде аз методистон барнома ва китобҳои пешинаи адабиёти тоҷикро барои хонандагони онвақтаи мактабҳо аз «бесарусомонии бисёр» (С. Маҳкамов) иборат дониста, носозгории мавзуъҳои онҳоро танқид кардаанд, дар саҳифаҳои маҷалла ду барномаи нави омӯзиши адабиёт ба нашр расида, ба муҳокимаи васеи аҳли илму маориф гузошта шудаанд. Аз ҷумла, дар «Барномаи алтернативӣ оид ба адабиёт барои синфҳои 9-11-уми мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ» (муаллифон М. Ансор ва Ҳ. Қаҳҳоров, 1991, №12) ва «Барномаи курси хониши адабии синфҳои 5-7» (муаллифон Ҳ. Қаҳҳоров, М. Ансор ва С. Маҳкамов, 1994, №7-8) моҳияти навгониҳои он замон ва равиши тозаи баҳрамандӣ аз адабиёт бознамоянд.

Соли 1991 озмуни китобҳои дарсӣ эълон гашт (1991, №4, с. 27-28) ва низомномаи он низ ба табъ расид (1991, №5, с. 22-28). Аз муаллифон ширкати фаъол дар ин маърака хеле муҳим буд, ки ба ин муносибат шароит ба офаридани китобҳои дарсии замонавӣ ба вуҷуд биёяд. Вобаста ба ин дар кишвар силсилаи китобҳои дарсӣ падид омаданд, лекин сифати на ҳама китобҳо ба замон ҷавоб медоданд, аз ин рӯ, бисёре аз норасоиҳои онҳо дар маҷаллаи «Маърифат» шадидан интиқод шудаанд. Аз ин ҷиҳат, мақолаи М. Ансор ва Ҳ. Қаҳҳор «Зоғ нағмасаро гашту ҷуғз қофиясанҷ» (Маърифат, 1993, №3-4, с. 32-44) маҳсули ҳамон муносибати танқидӣ ба китобҳои дарсии адабӣ аст, ки ба нақди мухтавои «Методикаи таълими адабиёти тоҷик»-и Т. Миров, Ш. Исломов ва Қ. Хоҷаев бахшида шудааст. Ҳамзамон, С. Ашӯрзод ном омӯзгор дар мақолаи «Таълим нозу шӯхӣ барнамедорад» ба арзёбии интиқодии ду китоб – «Рисолаи иншо»-и У. Тоҳир, Р. Ҷалол ва «Усули навиштани иншо»-и А. Абдуллоев (бо ҳаммуаллифии дигарон) кӯшида ва тору пуди ин баҳсҳо руҳи замонаро медиҳад (1993, №5-6, с. 25-28). Дар бораи бахши барномаи адабиёти билетҳои имтиҳони мактаби миёна методист С. Маҳкамов дар мақолаи «Хат ғалат, имло ғалат, иншо ғалат» (1991,

№9, с. 19-22) изҳори андеша карда ва омӯзгор Р. Машарифов дар «Номаи бетаҳрир» (1991, №11, с. 25-26) ва «Чун кор наку ояд, чу дастури наку нест?!» андешаҳо дар заминаи бартариву камбудии чанде аз барномаҳои нави адабиёти тоҷик (1994, №7-8, с. 29-30) ба миён гузошта, ҳаллу фасли бетаъхири онро талабидааст. Афзун ба ин бедилшинос Бобобек Раҳимӣ дар «Нохонда-муаллиф» ном мақолааш фасли Бедили китоби дарсии Тӯйчӣ Мировро ба зери тозиёнаи танқид гирифта, пешниҳодҳои муфиде ба миён гузоштааст (1995, №1-2, с. 12-21). Ин гуна мақолаҳо бо шавку шӯри хос хонда шуда, баёнгари завқу ҳавсалаи он замон дар роҳи дигаргуниҳо дар таълим буданд. Ду мақолаи дигари маҷалла ҳамчунин ҷанбаи баҳсу мунозиравӣ доранд, ки ҳардуро А. Афсаҳов (М. Ансор) навиштааст. Мақолаи аввал «Ҳунар донад аз ҷоҳилӣ айби хеш» «маслиҳат ба насиҳатгарони «Адаб» – А. Нуралиев, Қ. Шарифзода (1997, №7-8, с. 11-17) мебошад ва мақолаи дувум «Ҳаваси беҷо» ном дорад, ки дар посух ба адабиётшинос ва омӯзгор Киром Остон ба вуҷуд омадааст (1992, №1, с. 19-21).

Чанде аз мақолаҳо ба таҳлили рӯзгору эҷодиёти шоирони гузаштаву ҳозираи тоҷик-форс ихтисос доранд, аз ҷумла, мақолаҳои профессор А. Афсаҳзод «Сеҳри ҳалол», ки ба нақду баррасии зиндагиву фаъолияти шоирии Низомии Ганҷавӣ бахшида шудааст (1991, №12, с. 11-14), Нозир Арабзода «Эҷодиёти Носири Хусрав» (1992, №2, с. 13-17), М. Муллоаҳмад «Зи Фирдавсӣ акнун сухан ёд гир» (1994, №7-8, с. 37-39), Валӣ Самад «Ду чашм ба Шоҳномаву Фирдавсӣ (1997, №7-8, с. 18-20) ва ғайра, дар вусъат ёфтани дониши адабиётфаҳмии омӯзгорони мактаби миёна арзиши баланд доранд.

Дигар гурӯҳи мақолаҳо ба таълими осори якояки суханварон ихтисос дошта, дар онҳо пешниҳодҳои хоси муаллифон дар ин роҳ ба миён гузошта шудаанд. Аз ин ҷиҳат мутолиаи дастурҳои муаллифон М. Аслуддиниён дар мақолаи «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқӣ (1992, №6, с. 28-29), Ш. Ҷумъаев «Таълими достони «Дувалронӣ ва Хизрхон» дар синфи X» (1993, №2, с. 27-34) М. Ансор «Хирадномаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ ва андешаҳо перомуни он» (1991, №1), Ҳ. Қурбонов «Ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аз назари устод Рӯдакӣ» (1992, №3, с. 22-24) муҳим мебошанд.

Дар солҳои 90-уми асри гузашта, бо мақолаҳо дар бораи фаҳмиши назарӣ ва чигунагии жанрҳои адабӣ низ бармехурем, ки яке аз онҳо «Вазни нав»-и Парвиз Нотили Хонларӣ (1991, №10, с. 25-27) аст. Ин мақола баргардон аз форсӣ аст, ки нашри он бо ҳама камбуду нақсаш арзиш дошт (дар навиштаи М. Ансор норасоиҳои он танқид гардид). Дар мақолаҳои И. Икромов «Қасида ва масъалаҳои таълими он» (1995, №3-4, с. 25-27), Ҳ. Назаралӣ «Инкишофи тафаккури хонандагон дар дарси адабиёт» (1993, №3-4, с. 30-31) бо афкори назарии муаллифон ва афкори умумии адабиётшиносӣ ошно мешавем. Онҳо имкон медиҳанд, ки назари устодони мактабӣ ба ин масъалаҳо вусъат ёбад.

Акнун ҷиддан таваҷҷуҳ бикунем, қисмати муҳимми мақолаҳои маҷаллаи «Маърифат» дар равандҳои солҳои 90-уми асри XX ҳамоно шарҳу тафсири шеъри классикии форсии тоҷикӣ аст. Ба гуфтаи академик Муҳаммадҷони Шакурӣ **«масъалаи шарҳу эзоҳи матни бузургони мо паҳлуҳои мухталиф дорад ва беҳтар аст, ки (онро) мутахассисони ҷудогона мавриди баррасӣ қарор диҳанд»** [11, с. 80]. Мо медонем, ки шарҳ барои як асар ё рисола, дар тафсири асари бадеӣ ё илмӣ навишта мешавад. Шарҳнависӣ таърихи қадим дорад. Дар давраи Сосониён тарҷума ва тафсири Авесто Занд ном дошт. Сироҷуддин Алихони Орзу (асри XVIII) шарҳҳое ба «Искандарнома»-и Низомӣ – «Шукуфаи роз», қасидаҳои Урфии Шерозӣ – «Шарҳи қасоиди Урфӣ», «Гулистон»-и Саъдӣ – «Хиёбони Гулистон», ғазалҳои Хоқонӣ – «Шарҳи Хоқонӣ» навиштааст. Дар «Баҳр-уш-шуруҳ» (Баҳруддин Акбарободӣ) ғазалҳои Ҳофиз суфиёна тафсир ёфтаанд. Шоирон ҳам ба осори худ шарҳ доранд. Ҷомӣ дар «Рисолаи шарҳи рубоиёт» 44 рубоияшро шарҳ додааст. Шарҳҳо ба фарҳангҳо, аз ҷумла, ба фарҳангҳои арабӣ ба форсӣ низ навишта шуданд. Ба фарҳанги манзуми арабӣ-форсии Абунасри Фароҳӣ бо номи «Ҳисоб-ус-сибён» (асри X1X) шарҳи зиёд ҳаст, ки онро Каримуддини Даштибаёзӣ навишта.

Дар маҷаллаи «Маърифат» дастоварди муҳим эҳёи падидаи шарҳнависист, ки баъди дигар шудани фазои иҷтимоии кишвари мо сурат ёфт. Маҷалла, асосан, ба шарҳи ашъори Ҳофизи Шерозӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил

заминаи ҷиддӣ фароҳам оварда, ҳамзамон, баъзан ашъори Соиби Табрезӣ низ тафсир шудааст. Аз ҳама бештар адабиётшинос Ансор Афсаҳов, ки бо номи Муҳаммад Ансор ва бо тахаллуси Донишвар ҳам нигоштаҳо дорад, ҳамзамон, Бобобек Раҳимӣ ба тафсири ашъори ин ду шоири бузурги сабки ироқиву ҳиндӣ камар бастаанд. Саҳми адабшиносони машҳур Ш.Ҷумъаев, А.Афсаҳзод, В. Самад ва А.Худойдодов дар шарҳи Ҳофиз низ сазовори зикр аст, ки «ҳар кадом як-як ғазали Ҳофизро шарҳ бастанд ва онҳо низ рӯйи чопро диданд» [6, с. 4]. Хонандагони маҷалла аз он шукр кардаанд, ки **«бо шарофати бозсозӣ монеаҳои сунъии маърифати фарҳанги ниёгон, аз ҷумла, шеъри волои Аҷам бартараф шуда, ақоиди солим оид ба адабиёт ва муносибати он ба дин изҳор шуд...»** [5, с. 25].

Ба эътирофи муаллифони шарҳҳо **«таҳлили ашъори осмонии Ҳофиз кори басо душвору масъулиятнок аст, зеро дар ғазалиёти ӯ мавзуъ ва мазмунҳои гуногун бо як маҳорати ҳайратангез ба ҳам омезиш дода шудаанд»** [2, с. 23]. Аз ин ҷиҳат, бархе аз ноҳамвориву камбуди ин шарҳҳо ҳам аз тарафи аҳли тахассус ба миён ниҳода шуданд. Барои исботи ин матлаб ба як навиштаи муҳаррири шуъбаи адабиёти маҷалла Ҳомид Қаҳҳоров низ метавон диққат кард: ин шуъба дар оғози кор вазифаеро пай гирифта, ки аз китобҳои дарсӣ ғазалҳои классиконро шарҳ диҳад ва ба омӯзгорону хонандагон пешниҳод кунад, аммо ин кор, албатта, дар аввал бе мушкил набудааст.

Шоири дигари мавриди шарҳи маҷалла Мирзо Абдулқодири Бедил аст, ки аз аввали соли 1994 дар маҷалла оғоз шуд ва сабаби асосии он ҳам дар он бозгӯ гардид, ки китобҳои то он замона **«ҳангоми тадриси ҳаёту эҷодиёти Бедил ба ғазали ӯ ҳеҷ аҳаммият дода намешуд, ҳол он ки шоир маҳз ҳамчун ғазалсарои навовару нодиракор дар таърихи адабиёт мақому манзалати рафеъ дорад»** [4, с. 18].

Дар маҷаллаи «Маърифат» боре ба шарҳи ғазалҳои Соиби Табрезӣ ҳам кӯшиш шудааст, як намунаи он маҳсули қалами соибшиноси муосири туркӣ Ҳусайн Муҳаммадзодаи Садиқ (дар асл бояд Сиддиқ бошад) бо пешгуфтори М. Ансор мебошад (1994, №5-6, с. 26-30). Дар бораи равиши кори номбурда дар шарҳу тафсири шоирони форсу тоҷик аз ҷониби баъзе адабиётшиносии мо баҳсҳое ҳастанд ва асли симои ӯ ҳамчун туркгаро бознамоӣ шудааст, ки зикри ин нукта ин ҷо зиёдӣ аст. М. Ансор дар пешгуфтори худ ба шарҳи ӯ чанд нуктаи интиқодӣ ҳам изҳор карда ва бо вуҷуди ин бар он ақида аст, ки номбурда **«дар шарҳи ғазалҳо аз ҳақиқат берун по ниниҳода ва кори ӯ таҷрибаи нахустин ҳам ҳаст. Бинобар ин мо онҳоро иҷмолан омодаи чоп сохтем, то хонандагони маҷалла низ аз онҳо бархурдор бошанд»** [9, с. 26].

Дар раванди шарҳнигорӣ ва кори шарҳҳо ҷо-ҷо ноқаноатмандӣ аз роҳу равиши таълими ҷории адабиёт дар мактабҳо, таҳрифи андешаҳои адибони гузашта ва таълими нави шеър дур аз талаботи марксистӣ ва атеизми замон интиқод шудааст. Аз ин ҷиҳат бозгӯи заминаи шарҳи ғазали шоирон барои аҳли мактаб баъди фосилаи дарози таърихии шуравӣ дар он замон аҳаммият дошт ва онро маҳз ҳамин маҷалла гузоштааст. Ба гуфтаи пажуҳанда Шукур Ҷумъазода **«ин шева, ки дар ҳаллу фасли ашъори дилангези Хоҷаи бузургвор пеш гирифта, дар адабиётшиносии тоҷик ҳодисаи тоза ва ҳамчунин бисёр содаю гиро буда, дари ганҷинаи бузургеро... ба рӯямон во мекунад ва моро ба сайри ин баҳри нопайдоканор ҳидоят мефармояд»** [10, с. 15].

Аз мутолиаи бастаи шумораҳои маҷалла дар он замон, раванди таҳлили мавод равшан мешавад, ки бештар навиштаҳои Муҳаммад Ансор дар шарҳи ғазалҳои Ҳофиз ба дастандаркорони маҷалла писанд омада, асосан ин маҳсул дар саҳифаҳои маҷалла ба нашр рафта ва хонандагон низ тарзу тариқи шарҳи ӯро пазируфтаанд. Дар натиҷа, давоми чаҳор сол беш аз 40 ғазали шоирони давраи гузашта шарҳ дода шуда ва **«азбаски дар давоми ин солҳои нооором на ҳамаи омӯзгорону талабагон ба маҷалла обуна шуда тавонистанд ё ҳамаи шумораҳои маҷалларо дастрас накардаанд, идораи маҷалла тасмим гирифт, ки шарҳи ғазалҳои чопшударо дар шакли китобча ба талабгорон пешкаш намояд»** [3, с. 4].

Ҳамин тавр шарҳу тафсирҳои пайвастаи шеъри классикӣ дар саҳифаҳои маҷаллаи «Маърифат» заминаи зарурӣ дар роҳи падид омадани чанд китоби шарҳ, аз ҷумла, сабаби дар шакли китобҳои ҷудогона нашр шудани китобҳои Муҳаммад Ансор «Шарҳи чилу ду ғазали Ҳо-

физ» (1994) ва Бобобек Раҳимӣ «Шарҳи шаст ғазали Бедил» (2004) гардиданд. Ба ин китобҳо маҳз аз он назар метавон баҳои хубу муносиб дод, ки онҳо сарчашмаи нашрашонро аз чунин ибтикори қолиби маҷалла мегиранд. Нашри китоби адабиётшиноси варзида Абдулманнон Насриддинов «Маърифат ва шарҳи адабиёт» (Душанбе, 1991) дар он давра ҳам бо ин раванд ҳалқаи меҳварӣ дошта, шарҳнигории адабӣ бо ин пажуҳишҳо ба зинаҳои баланд расид.

Ин нуктаро ҳам бояд бигӯем, ки таҳия ва нашри силсилашарҳу тафсири осори классикони адабиёт барои устодону мактабиён бо саъю кӯшиши зиёди Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва бо қалами олими номвар Шарифмурод Исрофилниё (бархе бо ҳамқаламии М. Султонмамадова) ба нашр расидани китобҳое, монанди «Сухани аҳли дил» (шарҳи достонҳои классикӣ, 2007), «Шарҳи мунтахаби ашъори Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ» (2016), «Шарҳи бист ғазали Саъдии Шерозӣ» (2017) ва ғайра, идомаи босамари шарҳнависии даҳаи 90-уми садаи XX ва марҳалаи дигари кӯшишҳо дар бозкушоии хазинаи пурбори маъниҳои классикон аст.

Маҷаллаи «Маърифат» ба таҳия ва нашри матнҳои куҳнаву нави тоҷикӣ-форсӣ - «Дарахти Ассурик» (таҳияи М. Диловар, 1995, №1-2, с. 24-28), «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Муҷмалӣ (Д. Хоҷаев, 1992, №1, с. 8-11), ҳамчунин, пажуҳишҳои олимони эронӣ Мударриси Разавӣ - «Анварии Абевардӣ», «Маълумот ва осори Анварӣ» (таҳияи Б. Раҳимӣ, Т. Самадов ва М. Самадова, 1995, №10-11-12, с. 2-20; 1996, №5-6, с. 17-25), Эраҷ Гулисурхӣ «Камоли Хуҷандӣ» (таҳияи С. Аминзод, 1996, №5-6, с. 8-16) низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Метавон хулоса кард, ки дар чунин таҳлилу арзёбии асли қазияи адабиёт ва шеър бори аввал, пеш аз ҳама, асосҳову арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ ҷойгоҳи хос ёфтаанд. Ин аслу ҳақиқати бебаҳс аст, ки бо такя ба ҳамин дастур дар замони шуравӣ ба шеър чун падида ва ё зуҳуроти синфӣ баҳо дода мешуд. Ба шаҳодати аҳли идораи маҷаллаи «Маърифат» чунин дастандаркориҳо «фурӯғи тобони бозсозист, ки боз як гӯшаи то кунун торику зулмонии илму адабу фарҳангу тамаддун таҷаллӣ мебахшад ва ба дилҳо сафо, ба ҷонҳо тавони тоза ато мекунад» [8, с. 28].

Ин навъе аз тавсифи илмии маводи маҷаллаи «Маърифат» дар ҷодаи шинохти адабиёт ва шеър аст, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта ба нашр расида, ба вусъат ва густариш ёфтани донишу малакаи насли омӯзандаи он солҳо ба хидмат омадаанд. Маҷаллаи «Маърифат» барои вусъат ва густариш ёфтани навандешӣ дар омӯзишу парвариши миллӣ нақши сазовор дорад. Аз ин ҷиҳат таърихи андешаи миллӣ ва миллигароии тоҷикии охири даҳаи 90-уми садаи XX-ро бе нақши кӯшишу талошҳои дастандаркорони он наметавон тасаввур кард. Бисёре аз мақолаҳои ин маҷаллаи ҳармоҳаи таълимӣ-методӣ ва илмиву оммавӣ имрӯзу фардо низ барои андешамандон, аҳли мутолиа ва омӯзандагон хидмат хоҳанд кард...

**Адабиёт:**

1. Ансор, М. Барномаи алтернативӣ оид ба адабиёт барои синфҳои 9-11-уми мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ // Маърифат. – 1991. – №12. – С. 15-30.

2. Ансор, М. Маънии ду ғазали Ҳофиз // Маърифат 1991. – №4. – С. 23-27.

3. Ансор, М. Шарҳи чилу ду ғазали Ҳофиз: Ба ёрии омӯзгорони мактабҳои оливу миёна, донишҷӯён ва мактабиён. -Душанбе, 1994. - 128 с.

4. Ансор, М. Марҳабо ба базми вафо ё ду шарҳи як ғазали Ҳофиз // Маърифат. – 1994. – №1-2. – С. 18-26.

5. Машарифов, Р. Номаи бетаҳрир // Маърифат. – 1991. – №11. – С. 25-26.

6. Маҷалла ва хонанда // Мактаби советӣ. – 1990. – №11. – С. 60-62.

7. Мирзозода, Х. Адабиёти ҷадида дар программа ва китобҳои дарсӣ // Мактаби советӣ. – 1990. – №10. – С. 24-27.

8. Пригарина, Н. И. Ҳофиз ва таъсири тасаввуф дар ташаккули забони назми форсӣ // Маърифат. – 1991. – №3. – С. 28-40.

9. Садиқ, Ҳ. М. Шарҳи ғазалҳои Соиб (синфи 10) // Маърифат. – 1994. – №5-6. – С. 26-30.

10. Ҷумъазода, Ш. Даме бо Ҳофиз / Ш. Ҷумъазода // Маърифат. – 1992. – №1. – С. 15-17.

11. Шакурӣ, М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ / М. Шакурӣ. - Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2002. – 148 + 154 с. (Ба кириллӣ ва форсӣ).

**А. ШАРИФЗОДА,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ**

# МАТЕМАТИКИ САТҲИ ҶАҲОНӢ ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ ИЛМ



Бойматов Камолиддин Ҳамроевич бо заҳмати зиёду комёбиҳои беназир дар пешрафти фанҳои физикаю математика ҳиссаи калон гузоштааст. Номбурда ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна ба илмҳои дақиқ, рассомӣ ва шеъргӯӣ майл нишон дод, ки ба идомаи зиндагиаш бетаъсир намонд. Тақдир ӯро бо олими барҷастаи тоҷик, собиқ вазири маорифи Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ рӯ ба рӯ намуд. Олими номвар дар байни наврасони кишвар истеъдодҳои ҷавонро ҷустуҷӯ мекард. Ҳангоми сафар ба **мактаби миёнаи №1,** ки Камолиддин Бойматов дар он ҷо таҳсил мекард, ташриф овард. Зимни вохӯрӣ бо хонандагони мактаб Камолиддини ҷавон ашъорашро қироат кард. М. Осимӣ истеъдоди ӯро пай бурд. Пас аз вохӯрӣ бо хонандагон М.Осимӣ бо волидони Камолиддин мулоқот карда, аз падари Камолиддин Ҳамро Бойматов ва модараш Салтанат хоҳиш кард, ки барои идомаи таҳсил дар мактаб-интернати махсуси Тоҷикистон, воқеъ дар деҳаи Лучоби шаҳри Душанбе, ба Камолиддин иҷозат диҳанд. Ҳамин тавр, Камолиддин баъд аз хатми синфи 8 таҳсилро дар мактаб-интернати махсуси тамоюли математикӣ идома дод. Пас аз хатми мактаб соли 1966 ба факултаи механика-математикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дохил шуд.

Дар ташаккули истеъдоди ҷавони тоҷик саҳми олимони намоёни соҳаи математикаи донишгоҳ-профессорон А.Г. Костюченко ва Б.М. Левитан хеле калон аст. Соли 1974 таҳти роҳбарии профессор Анатолий Гордеевич Костюченко рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Оид ба спектри оператори эллиптикӣ» бомуваффақият ҳимоя кард. Шурои олимони факултети механикаю математикаи Университети рақами аввали собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба кори илмии ӯ баҳои баланд дод. Пас аз ин Камолиддин Бойматов ба Тоҷикистон баргашт.

Камолиддин Бойматов дар вазифаҳои гуногун дар Институти математика кор карда, минбаъд, фаъолияти илмию педагогии хешро **дар шахри Душанбе дар Донишгоҳи давлатии Маскав** дар факултети механикаю математика идома дод. Соли 1982 рисолаи доктириро дар мавзуи “Асимптотикаи спектралии операторҳои дифференсиалӣ ва теоремаҳои ҷудошавӣ” ҳимоя кард.

К. Бойматов пайваста дар семинар, симпозиум, мизҳои мудаввар дар дохил ва хориҷи кишвар бо маърӯзаҳои илмӣ баромад мекард ва ҷаҳониёнро бо сатҳи инкишофи илми математикаи тоҷик шинос менамуд. Аз ин ҷо номаш ҳамчун математик дар тамоми ҷаҳон машҳур гардид. Бесабаб нест, ки ӯ узви мактабҳои математикаи Аврупо ва Америка гардид. Акнун математикҳои тоҷик бо ифтихори баланд номи Камолиддин Бойматовро ҳамчун вориси ҳақиқии ал-Хоразмӣ, ал-Берунӣ, ат-Тусӣ, ал-Кошӣ,

Хайём ба забон мегирифтанд. Қариб дар ҳамаи марказҳои илмии ватанӣ ва чандин марказҳои илмии олам аз таҳқиқоти анҷомдодааш истиқбол намуда, ба заковати ӯ аҳсан мегуфтанд. Асарҳои илмии К.Ҳ Бойматовро шартан ба чор самти мушаххас тақсим кардан мумкин аст.

Самти якум, теоремаи ҷудошавандагии операторҳои дифференсиалӣ мебошад, ки дар он К.Бойматов масъалаҳои ҷудошавии оператори Штурм-Лиувилро омӯхта, натиҷаҳои комилан нав ба даст овард ва дар соҳаи математика ҳамчун кашфиёти нав аз ҷониби математикҳои ҷаҳон эътироф шудаанд.

Самти дуюм, асимптотикаи спектри дастаҳои хаттӣ ва бисёрхаттии операторҳои дифференсиалӣ ва псевдодифференсиалиро дар бар мегирад. Вақте ки дар доираҳои математикӣ саволи ҷустуҷӯи усулҳои нави ҳалли ин самт ба миён омад, К. Бойматов ба он ҷалб шуд ва ҳамроҳи ҳамкасбонаш дари фазоҳои нави илми математикаро кушод.

Самти сеюми таҳқиқоти ӯ дар забони математикӣ «Масъалаҳои сарҳадии муодилаҳои дифференсиалии ҷузъӣ» ном дорад ва аз мушкилтарин масъалаҳои илми математика ба ҳисоб меравад.

Барои ҳалли самти чорум, ки онро хосияти нётерии операторҳои интегралии сингулярӣ меноманд, як гурӯҳи олимон якҷоя шартҳои самарабахши зарурӣ ва кифоягии хосияти нётерӣ будани операторҳои барасишавандаро дар фазо муқаррар намуда, формулаҳои ҳисобкунии индексҳои онҳоро ба даст оварданд.

Бо чунин равиш К. Бойматов зиёда аз 150 мақолаи илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми илми математика ба табъ расонд, ки аксари онҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи математикии марказии ҷаҳон чоп шудаанд. Ӯ усулҳои нави омӯзиши рафтори асимптотикии спектралии операторҳои дифференциалӣ ва псевдодифференсиалиро кор карда баромад. Заҳматҳои фаровони илмии К. Бойматов ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар муҳити илмии ҷаҳонӣ қадршиносӣ шудааст. Аз соли 1991 унвони илмии профессорро соҳиб гардида, соли 1993 узви вобаста ва соли 2001 академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Тахти роҳбарии ин олими гавҳаршинос 14 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя кардаанд. Аз ҷумла, тахти роҳбарии мавсуф банда низ як қатор таҳқиқоти илмиро анҷом додаам, ки бароям боиси ифтихор мебошад. Яке аз онҳо китоби таълифкардаи банда ва К.Ҳ. Бойматов - “Масъалаҳои шавқовари мантиқӣ” (Душанбе, нашриёти “Маориф”, 1987) мебошад, ки шояд нахустин китоби илмӣ-оммавӣ аз фанни математика бо забони тоҷикӣ барои мактабиёни тоҷик ба шумор равад.

Аз хислатҳои нодири ин олими сатҳи ҷаҳонӣ кӯтоҳбаёнӣ, ботамкинӣ, ба ҳама хайрхоҳ будану некбинона назар кардан, табассуми зебо ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Ҳамчун олими сермаҳсул дар таърихи илми тоҷик ва ҷаҳон мавқеи хосаро ишғол кардааст. К. Бойматов, мутаассифона, дар авҷи фаъолияти эҷодӣ 4-ми апрели соли 2006 дар шаҳри Душанбе вафот кард. Ӯ соҳиби се духар бо номҳои Сарвар, Дилбар ва Нигора аст, ки онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакатамон меҳнат карда, ному шарафи падарро баланд мебардоранд.

Хулоса, умри кӯтоҳу зиндагии рангини саропо адабу ахлоқу талоши академик Камолиддин Бойматов барои ҳар як фарди соҳибзавқ манбаи омӯзишу пайравист, зеро дар сарнавишти ин шахсияти вораставу миллӣ ҳам илм асту ҳам меҳнат, ҳам талош асту ҳам мубориза барои расидан ба ҳадафҳои илмӣ. Бале, илме, ки дар он сарнавишти миллат, ояндаи халқ ва тараққиёти Ватан ҳувайдост.

**Адабиёт:**

1. А.А. Вигасан. «История древнего Востока».//Вигасан А. А., Дандамаев М.А. и др. -Москва, «Высшая школа» 2002, 462 с.

2. Асадулло Шарифзода, Алишер Раҳимзода. ”Сад математики муваффақ”, Душанбе, 2025, 233 с.

3. Материалы Международной конференции, посвященной 60-летию академика К. Бойматова. - Душанбе, 23-24 июня 2010 г.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

### МУАММОИ «РӮЗИ МОДАР»

1. Шахси ба дил наздик. 2. Гул, ҳамноми бонувону духтарони тоҷик. 3. Ҷирми осмонӣ. 4. Фасли сол. 5. Ҳаммаънои вожаи «ташаккур». 6. Миллат. 7. Манбаи дониш. 8. Асари Абдураҳмони Ҷомӣ. 9. Исми маъмулии занонаи тоҷикӣ. 10. Ҷузъе аз либос, сарпӯши миллӣ. 11.Нашриёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 12. Аз он дастпона ва гӯшвор месозанд. 13. Моеъи хушбӯй. 14. Навъи санъат. 15. «Саҳар омад баро, *** и ман» (Мирзо Турсунзода). 16. Муродифи «булбул». 17. Асари панду ахлоқии Шайх Саъдии Шерозӣ. 18. Хеле камёфт. 19. Қаҳрамони «Шоҳнома» - и Абулқосим Фирдавсӣ. 20. Ҳаммаънои «сурат». 21. «*** ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро» (Ҳофизи Шерозӣ).



### ҶАВОБИ МУАММОИ «АРТИШ»

1. Орден. 2. Ниёзӣ. 3. Истеҳком. 4. Микола. 5. Амиршоева. 6. Волгоград. 7. Днепр. 8. Рафоқат. 9. Тӯп. 10. Пулемёт. 11. Ташаккур. 12. Ранг. 13. Гандум. 14. Мактаб. 15. Баҳодур. 16. Раҳмат. 17. Асолат. 18. Тантана. 19. Аскар. 20. Рух. 21. Харита. 22. Атом. 23. Машқ.

# МУНДАРИҶА


КАЛОМИ ПЕШВО

Наврӯз барои мо рамзи ваҳдати миллӣ ва дӯстиву муҳаббат мебошад........................................1

ТАМАННИЁТ

Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!.............................................................................................3

САТРҲОИ МИННАТДОРӢ

Д. ҚУРБОНЗОДА. Модарону бонувон дар меҳвари сиёсати инсонсоз...........................................5

БА МУНОСИБАТИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Б. ШАРАФЗОДА. Ташаббусҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат дар даврони истиқлол.........8

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

С. ДЕҲҚОНОВА. Ватан, марзи саодатпарваратро пос медорам!..........................................................11

21 - МАРТ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

С. САТТОРӢ. Ташаббусҳои таърихию мондагори Пешвои миллат................................................12

МАОРИФ ВА ЗАМОН

Ш. САФАРОВ. Таҳсилот барои рушди устувор: Аз сиёсат то амал...........................................14

СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ

М. САФАРОВ. Рақамикунонии таҳсилот - имкони бештар барои пешрафти маориф ..................17

НАБЗИ МАОРИФ

Ш. ҚУРБОНБЕКОВ. А.Мирзоқанд: Рушди соҳаи маориф иродаи волои Пешвои маҳбуби миллат аст...20

ТАКМИЛИ ИХТИСОС

У. АЛИМОВА. Нақши омӯзгори соҳибкасб дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст.......................23

КӮДАКИСТОН

Ф. ИСМАТОВА. Тарбияи ҳисси эҳтиром ба калонсолон дар кӯдакон.............................................24

ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ

А. РИОЕВ. Тарбияи ҳисси зебоипарастӣ дар маҳфилҳои наққошӣ дар чӯб..............................26

МАТЕМАТИКА

Р. БУРҲОНОВА. Методикаи таълими математика дар синфҳои 5 ва 6........................................29

ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Д. АМИНОВА. Масоили фонемаҳои садонок дар забони англисӣ...................................................33

ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

Ш. ҒАНИБОЕВА., Э. САФАРОВ. Химия ва пайванди он бо Наврӯз ...........................................37

ГЕОМЕТРИЯ

И. НУРАЛИЕВ. Татбиқи амалии теоремаи Пифагор.....................................................................39

ШЕВАҲОИ ТАДРИС

Ф. САФАРОВ. Таърихи кишвар дорои сабақҳои муҳимми зиндагист...........................................41

СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Т. ҲИКМАТӢ. Мақсади асосии банақшагирии стратегии идоракунӣ чист?...............................42

ПЕДАГОГИКА

Б. ҲАЙДАРОВ. Ёрӣ ба омӯзгор - самти афзалиятноки фаъолияти директор..........................45

ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Ҷ. ФАЙЗЗОДА. Нақши занони тоҷик дар пешрафти соҳаи варзиш...........................................47

АДАБИЁТ

Б. САИДОВА. Тавсифи фасли баҳор дар ашъори Амиршоҳии Сабзворӣ.......................................49

ХЕШТАНШИНОСӢ

И. ФАЙЗУЛЛОЕВА. "Тоҷикон" - сарчашмаи омӯзиш ва тарғиби таъриху фарҳанги миллӣ........51

СУННАТҲОИ НИЁГОН

А. ПАЛАВОНОВ. Наврӯз - аз оинҳои мардумӣ то ҷашни байналмилалӣ......................................52

ТАҲҚИҚОТ

С. АЪЗАМЗОД. Ҳастии адабиёт ва шеър дар маҷаллаи омӯзгорон................................................55

ОЛИМОНИ МО

А. ШАРИФЗОДА. Математики сатҳи ҷаҳонӣ ва арбоби барҷастаи илм......................................60

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои Рӯзи Модар.....................................................................................................62

## ШУРОИ МАШВАРАТӢ:

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

## МУАССИС

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

## САРМУҲАРРИР

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳ. АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррир.
**Қ. НАЗАРОВ,** тарроҳ.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, таҳти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6950 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**